**АМИР САЙИДИ МУНКӢ**

# ПАЙВАНДИ ДИЛҲО

## БО ПАЙРОҲАҲОИ ВОСЕЪ ВА ВОСЕЪТАНОН

**ДУШАНБЕ**
**«ЭЧОД»**
**2008**

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ мурочиат намоед*

ББК 84 тоҷик 7-4+63,3 (2 тоҷик) 722,78
М-83

*Эҳдо ба 120-солагии Шӯриши Восеъ*

**Мувофиқи қарори Мушоварaи Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Барномаи давлатии «Тарбияи ватанпарастии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2006 – 2010» чоп шудааст.**

***Амир Сайиди Мункӣ.*** **Пайванди дилҳо** *(очерки сафарӣ).*
– Душанбе: «Эҷод», 2008. -88 саҳ.

Раҳовард аз пайраҳаҳои Восеъ, аз зиёрати мазори сарбозони тоҷик дар Руссия, Украина ва кишварҳои назди Балтика.

**Масъули нашр:** *Хонов Абдураҳмон - мудири Бахши тарбияи ватанпарастии ҷавонон ва кор бо толибилмони Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, котиби Шӯрои ҷумҳуриявии байнисоҳавии ҳамоҳангсоз оид ба тарбияи ватанпарастии ҷавонон, ҳамоҳангсози Барномаи давлатии «Тарбияи ватанпарастии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010».*

**© Амир Сайиди Мункӣ, 2008.**

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# САРСУХАН

Соли 1988 сокинони диёри бостонии Ховалингу Балҷувону Сари Хосор ва тамоми аҳли ҷамоатчигии Ҷумҳурии Тоҷикистон 100-солагии Шӯриши Восеъи бузургворро таҷлил карданд. Ва солҳои зиёдест, ки муаллифи ин сатрҳо ба пайроҳаҳои фарзандони барӯманди ин диёр лейтенанти калон Амиралӣ Саидбеков, лейтенант Саидқул Турдиев, сержанти калони гвардия Сафар Амиршоев, аскари қаторӣ Исмат Шарифов ва лейтенанти калони гвардия Сайдаҳмад Каримов, инчунин ҳазорон ҷавонмардоне, ки дар оташи муҳорибаҳои шадид баҳри озодии Ватан солҳои 1941-1945 ҷон нисор карданд, қадам мезанад, мавод гирд меоварду пажӯҳиш менамояд. Ӯ миёни корнамоии Восеъ ва ҷонбозиҳои ин ҷанговарон як робитаи узвие кашф кардааст. Рӯзгори айёми тифливу наврасӣ ва ҷавонӣ, ки ширинтарин давраи умри инсон аст, аз пайроҳаҳои Восеи бузургвор оғоз шуда ва дар майдонҳои ҳарбҳои шадид алайҳи душмани пурқудрат-Германияи гитлерӣ ба поён расидааст. Аз байни онҳо насиб будааст, ки қаҳрамони ҷанг дорандаи ордени Суворов бо ду пои равону ду чашми бино ва забони гӯё ба Ховалинг баргардад. Ҳамчун шоҳиди зиндаи рӯзу соатҳо, солу моҳҳои пурмашаққату хунчакон дар сарзаминҳои дуродур. Ва ҳикояте аз ӯ дар таги Чилчанори шаҳраки Ховалинг дар дилу гӯшҳо монда.

Рӯзе пеш аз ҷанг рафтан модараш - Ниҳолбӣ Каримова, узви КИМ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, ӯро ба зодгоҳи Восеъ, Дараи Мухтор бурд. Хонаи Восеъро зиёрат карданд. Аз таги қушчинори паси ҳавлӣ ба манзараҳои дара нигаристанд. Ва аз оби чашмаи равонаш, ки аз ёнаи теппаи пушти хона маҷро мегирад, нӯшиданд. Бошад, ки бори дигар чашидани ин об насиби бачаи Ниҳолбӣ гардад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дар бозгашт Сайдаҳмад кӣ будани падарашро донист: Карим дар ҳамин синну соли Сайдаҳмад ба ҷанг омодагӣ мегирифт. Иштирокчии фаъолу ҷасури Шӯриши Восеъ буд. Карим дар ҷанги тан ба тан ба навкарони амир даҳ дандони шикастаашро аз роҳи ҳалқ туф кард. Падар тарсро намедонист. Писар ҳам аз чӣ будани тарс бӯй набурдааст. Карим адолатро дӯст медошт, ба дараҷае, ки аз он метарсид. Марди баимон буд Карим. Баҳри адолат ҷонбозиҳо мекард. Ҷони дар асоратро, беҳуда хору залил медонист.

— Аз ин хел ҷон, - сухани шавҳарро ба ёд оварда Ниҳолбӣ пеши фарзанд, - сад безорам, мегуфт падарат. Ин ҷони мурда аст. Ҷон дар талош, мубориза баҳри адолат зинда мешавад, ҷовид мегардад.

Сайдаҳмад корномаи падарро дар дашту ҷангалзорҳои кишварҳои дуродур аз Ховалинг такрор кард. Ӯ савори аспи Гули Бодом ва бо шамшери бараҳна баҳри нангу номуси ватандориву инсонпарварӣ ҷангид. Ҳама ҷангҳои ӯ оддӣ набуд. Қаҳрамон буд. Сайдаҳмад бо ҷасорат, далериву тавоноии худ номи қаҳрамони ҳамдиёраш Сафар Амиршоеву Амиралӣ Сайдбековро машҳуртар гардонд...

Шиносоӣ бо санадҳои ҷангӣ башорат медиҳанд, ки дар замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ Восеи диловар на як бору ду бор рӯҳи ҷанговарони тоҷикро бардоштааст. Бесабаб нест, ки дар ноҳияи Балҷувону Ховалинг чор Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ – Сафар Амиршоев, Саидқул Турдиев, Исмат Шарифов, Амирали Сайдбеков шуҷоату далерии бемисл нишон доданд. Мисли Восеъ вирди забони пиру барно шуданд.

Амир Сайиди Муникӣ (Амирхон Саидзода) фикри ташкил кардани сафар бо пайроҳаҳои ҷангии ин ҷавонони шуҷоъро кайҳо боз дар дил дошт. Вақте, ки қарори партия ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди гузаронидани 100-солагии Шӯриши Восеъ баромад, - гуфт муаллиф, - нияти ташкил кардани сафар ба пайроҳаҳои Восеъ ва ворисони ӯ дар замирам дучанд гашт. Хушбахтона кумитаи ташкилии гузаронидани ҷашни 100- солагии Шӯриши Восеъ дар ноҳияи Ховалинг ин ташаббусро дастгирӣ намуданд ва сафарӣ мо дар ҳайати даҳ нафар дар ду давр, аз



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

деҳаи Дараи Мухтор оғоз ёфт. Ҳар як мусофир бо худ рӯзнома дошт ва таассуроти худро дар он дарҷ мекард.

Аз сафар маводу расмҳои зиёде дастрас шуданд.

Мебоист зимнан дар вақташ китобе ба табъ мерасид. Вале бо сабабҳои гуногун, ба хусус иваз шудани бисёр роҳбарони ҳизбиву ноҳияи Ховалингу вилояти Кӯлоб, пошхӯриҳои СССР, дигаргуниҳои дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баамаломада ва ғайра ин кори хайр амалӣ нагашт.

Аз ҳамроҳони мо Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ Ҳайдар Қосимов ва афсар Муҳибулло Файзалиев дар даргириҳои ҷанги шаҳрвандӣ шаҳид шуданд…

Бо вуҷуди он, моҳи марти соли 1990 ба номи директори нашриёти «Маориф» барои чопи китоби мазкур талабнома ирсол карда будем. Талабнома дар нашриёт қабул шуда буд. Вале бӯҳрони фарҳангӣ дар кишвар боиси нашр нашудани ин китоб шуд.

Китоби нависанда Амир Сайиди Мункӣ «Пайванди дилҳо»-ро бо шавқ хондам. Қаҳрамонон ва манзараҳои мавриди тасвир қарордодаи нависанда бароям шиносанд. Чунки дар ин сафар, ки аз Дараи Мухтор оғоз ёфт, дар бозгашт ба ин дара анҷом пазируфт, иштирок доштам. Китобро расмҳои ҷолиб зиннат додааст ва ҳар яке аз ин расмҳо инъикосгари таърихи миллати тоҷик аст. Асар дархӯрди талаботи рӯз аст ва дар тарбияи ҷавонон нақши нозудудание хоҳад дошт.

**_Раҳмон САФАР,_**

*ҷангноманавис, полковники мустаъфӣ*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## АЗ МУАЛЛИФ

Хонандаи гиромӣ! Таърихи халқи тоҷик саршори муборизаву набардҳо аст. Махсусан далериву қаҳрамониҳои Восеъ чун Муқаннаъ ва Темурмалик дар хотираҳо абадан накш бастаанд.

Восеъи ҷасур ба шӯриши калонтарини халқи кӯҳистони тоҷик сарварӣ намуда, мири Балҷувон ва аморати Бухороро ба ларза оварда буд. Ҳамнабардҳои ин қаҳрамони халқи тоҷик низ дар муборизаҳо матонату далериҳо нишон дода буданд. Шаҳодати ин гуфтаҳо сарчашмаву асарҳои фаровоне ба шумор меравaнд.

Ҳамдиёрони Восеъи таҳамтан дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ солҳои 1941-1945 ин корнамоиву диловариҳоро такрор карда, ҷасорати Қаҳрамони халқи тоҷик Восеи Дараи Мухториро идома доданд. Рӯҳи бешикасти Восеъ ба авлодону ҳамдиёронаш дарси ибрату сарбаландиҳо ва ватандӯстиҳо омӯзонд…

Ҳанӯз 28 январи соли 1988 қарори КМ ПК Тоҷикистон дар бораи 100- солаги Шӯриши Восеъ интишор шуд. Дар ҳамин асос дар тамоми Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ҷашни бошукӯҳ сазовор пешвоз гирифта шуда буд.

Кумитаҳои ҳизбиву иҷроияи ноҳияи Ховалинг ва вилояти Кӯлоб ташаббуси ҷангноманавис Раҳмон Сафарро дар бораи ташкил кардани сафар бо номи «Бо пайроҳаҳои Восеъ ва Восеътанон» ҷонибдорӣ кард. Сафар дар ҳайати 10 нафар шахсони касбу корашон гуногун: Нависандаи ҷангноманавис, полковники мустаъфӣ, Лауреати мукофоти комсомоли ленинии Тоҷикистон, Корманди Хизматнишондодаи Маданияти РСС Тоҷикистон, нависанда Раҳмон Сафар, Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ Ҳайдар Қосимов, даъватшаванда Муҳибулло Файзалиев, рӯзноманигор Неъматулло Худойбахш, абераи Восеъ - омӯзгор Раҷабалӣ Камолов, Котиби комиҷроияи ноҳияи Ховалинг Ҳамроҳхон Расулов, мухбир - су-



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

ратгири ТАСС Сергей Жуков, санъаткорон Ойгул Абдураҳимова, Давлат Сайдамиров ва муаллифи ин сатрҳо ҷараён ёфт.

Мақсади ин чорабинӣ аввалан аз он иборат буд, дар сарзамине, ки Шӯриши Восеъ он ҷо сад сол қабл ба вуқӯъ пайваста буд, дар ҳаёти пешазҷангии қаҳрамонҳои Иттифоқи Советӣ лейтенанти калон Амиралӣ Саидбеков, лейтенант Сайдқул Турдиев, сержанти калони гвардия Сафар Амиршоев, аскари қаторӣ Исмат Шарифов, лейтенанти калони гвардия Саидаҳмади Карим ва боз ҳазорон ҷанговарони дигаре, ки дар давраҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ корнамоиҳои бемислу монанде нишон дода буданд, иртиботе ҷой дошт. Падару бобоҳои қисме аз ин қаҳрамонон иштирокчиёни фаъоли шӯриши Восеъ буданд ва ин мардони ҷасур корнамоиҳои Восеъи қаҳрамон ва ҳаммаслакони ӯро дар набардҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ такрор намуда, номи худро дар таърих абадан сабт кардаанд…

Дуввум, натиҷаҳои ин сафар бояд рӯҳи тарғиботӣ мегирифт. Маҳз аз ин рӯ, дар ҳайати мусофирон Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ ва даъватшавандаи ҳарбӣ шомил буданд.

Саввум, риштаи таърихи шӯриши Восеъ бо шӯришҳои халқии мардуми рус бо роҳбарии Степан Разин ва Емилян Пугачёв бояд пайваст мешуд.

Ҳазор афсӯс, ки дигаргуниҳо, пошхӯрии СССР, ҷангҳои шаҳрвандии Тоҷикистон, дар ҷангҳои шаҳрвандӣ шаҳид шудани Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ Ҳайдар Қосимов, даъватшаванда – афсари ҷавон Муҳибулло Файзалиев ва дигар сабабҳо тири мақсад ба ҳадаф нарасид ва китоби мазкур чоп нашуда монд.

Мусофират аз зодгоҳи Восеъи қаҳрамон Дараи Мухтор оғоз шуда, аз ду давра иборат буд. Давраи якум роҳу пайроҳаҳои Восеъ ва дигар шӯришгаронро дар бар гирифт. Мусофирон баъди Дараи Мухтор аз Қалъаи Балҷувон, Шаршараи Восеъ (воқеъ дар Сари Хосор) ва Қалъаи Ҳисор дидан карданд.

Пас аз саёҳати ҷои аркони шӯришгарон - кӯҳи Сурхсақова, Балҷувон, ҷои қалъаҳои мирнишин ва дигар гӯшаҳои набардгоҳ, ба Шаршараи Восеъ воқеъ дар мавзеи Муллоконӣ раҳсипор шудем.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Оби шаршара чун мӯи гулдухтарон ба поён равона буд ва аҷаб зебое менамуд. Чун онҷо расидем, боварамон намеомад, ки онҷо аз пушти оби аз баландии бештар аз 20 метр рехтаистода паноҳгоҳе бошад. Шашараро хеле хуб омӯхта ҳамроҳи устод Раҳмон Сафар обро фарх карда ба тарафи кӯҳ баромадем. Ҳама ҷоро алафи сабз- «ҷомаи ғук» фаро гирифта буд. Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ Ҳайдар Қосимов ва дигар мусофирон ба мо менигаристанд. Суратгири ТАСС Сергей Жуков расм мегирифт. Чун ба пушти об гузаштем он ҷо дар ҳақиқат хоначае, ки тамоми гирду атрофаш намноки сабзпӯш буд, намудор гашт. Он ҷо даромада хеле тамошо кардем. Аз он ҷо мо одамони беруни обро медидему онҳо моро намедиданд. Мо аз об тар шуда бошем ҳам, ба мақсад расидем. Дар ҳақиқат нақлҳои мӯйсафедон дуруст будааст...

Дар давраи якуми сафар ба зодгоҳи қаҳрамонони Ҷанги Бузурги Ватанӣ – зодагони ин ҳудуд сафар карда, аз ин ҷойҳо, яъне аз Заргар – зодгоҳи Сафар Амиршоев, Ғурунг- зодгоҳи Исмат Шарифов, Хонаобод- зодгоҳи Саидқул Турдиев хок гирифта, ба давраи дуюми сафар омода шудем.

Баъди сайри Қалъаи Хисор, ки Восеъ се шабонарӯз он ҷо зиндонӣ буд, давраи аввали мусофиратро ҷамъбаст кардем.

Давраи дуюм аз Ховалинг, Душанбе то ба Уляновск оғоз шуда, идома меёфт. Ҳайати моро рӯзи 27 июл аз фурудгоҳи ҳавоии ноҳияи Ховалинг бо роҳбарии котиби аввали ҳизби коммунисти ноҳия Нуралишоҳ Назаров бо тантана гусел намуданд. Дар шаҳри Душанбе ҳайати мо пурратар гардид. Танҳо як чиз намерасид- портрети Восеъи бузургвор. Рӯзи 28 июл ба мо супориш дода шуд, ки портретро аз идораи фонди Бадеи биорем. Нависанда Раҳмон Сафар, Неъматулло Худойбахш, Раҷабалӣ Камолов ва муаллиф саҳарӣ рафта портретро гирифта овардем ва ба сафар пурра омода гардидем. Соати сею сӣ дақиқаи вақти маҳаллӣ ба тайёраи «Ту -154» савор шуда озими шаҳри Уляновск шудем…



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# ДАР УЛЯНОВСК
## «ВОСЕЪ» ДАР МУЗЕИ УЛЯНОВ

28 июл тайёраи «Ту-154» соати 5-и бегоҳи дар фурудгоҳи ҳавоии шаҳри Уляновск фаромад. Пас аз лаҳзае вориди шаҳр шудем. Дар меҳмонхонаи «Венец» дар ошёнаи панҷум ҷой гирифтем. Меҳмонхона 21 ошёна дорад. Аз ошёнаҳои болоӣ тамоми ҳудуди ин шаҳри нозанини соҳили Волгаи ором намоён аст. Ба тамошои шаҳр баромадем. Роҳи калони кӯчаи марказии шаҳр моро ба майдони «30- солаги Ғалаба» - назди соҳили Волга бурд. Манзараҳо ва лавҳаҳои соҳилҳои дарё хеле дилнавоз буданд. Дар болои об завраќу киштӣ ва пароходҳои гуногунранг равуо доштанд. Дар болои оби муссафои Волга селаҳои моҳихӯракону чайкаҳо пар мезаданд. Пирони барнодил дар соҳилҳои дарё моҳӣ шикор мекарданд. Аз роҳи калоне, ки аз болои кӯпруки дарё аз ин шаҳр ба тарафи шаҳри Қазон меравад, намудҳои гуногуни мошинаҳо беист дар ҳаракатанд.

Табиати гуворои ин шаҳри зебо аз нурҳои хуршеди оламтоб назарработар мегардид. Дар гирду атроф ва ҷо-ҷои шаҳр чачраќӣ, тхач, раҳдавак, барги зуф, гули хайрӣ ва намудҳои дигари наботот, ки дар диёрамон баҳор мебинанд, мерӯянд. Дар ин айём ҳама ҷо сабзу хуррам аст. Биноҳои қадима ба ҳусни меъмории шаҳр ҳусни тоза мебахшанд.

Пас аз тамошои иморатҳои қадима мурғи хаёлам ба дуриҳо пар зад: Уляновск, ки дар гузашта Симбирск ном дошт, аз соли 1648 аз сохтмони диж ободӣ ёфтааст. Аз таърих ҳикоят кунем, сухан ба дарозӣ мекашад, бештар аз саду сӣ сол қабл кӯчаҳои ин шаҳр кӯдакии Ленинро ёд дорад. Бисёр адибону олимон ва шахсони наҷиб дар ин Симбирск ба камол расидаанд.

Яке аз классикони адабиёти рус Иван Александрович Гончаров дар ин шаҳр таваллуду камол ёфтааст. Таърихшинос ва нависанда К.М. Карамзин, адибон Д.Д. Минаев, Н. М.Языков- дӯсти Пушкин, шоир Денис Давыдов ва даҳҳо дигарон зодаи ҳамин шаҳранд. Соли 1670-и шӯриши деҳқонон бо сардории роҳбари он Казаки Дон Степан Тимофеевич Разин, ҷангҳои солҳои 1773-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

1775-и деҳқонон таҳти роҳбарии Казаки Дон Емельян Иванович Пугачёв бо таърихи ин шаҳри зебоманзар зич алоқаманд мебошанд. Маҳз бисёр сарчашмаҳо, ба хусус тахтаи мемориалии бинои театри драмавии шаҳр, ки дар он лаҳзаи пеш аз ба қатл равон кардани Емельян Пугачёв тасвир ёфтааст, шаҳодат медиҳанд. Степан Разин низ дар муҳорибаи шадиди назди ҳамин шаҳр бо шӯришгаронаш шикаст хӯрда буд.

Ҳаққо, ки ин шаҳри зебою гуворо бесабаб қадамгоҳи Степан Разину Емельян Пугачёв барин шахсони халқчӣ, ба дилу дидаи мардум наздик набудааст. Онҳо дар замони худ ҳамаи сиёҳию торикии зиндагии халқи заҳматкаш, зулму истибдод ва бедодгариҳои золимонро нисбати мазлумон ҳис карда, баҳри рӯзи неки халқ ҷон ба ҳақ доданд. Чунин ғайратмандию мардонагии онҳо буд, ки мардум номашонро то абад бо некӣ ёд мекунанд.

Қисми дуюми саёҳати мо «Бо пайроҳаҳои Восеъ ва Восеътанон» бесабаб аз ин шаҳри соҳили Волгаи пуртамкин оғоз наёфта буд. Фарзанди диловари халқи тоҷик – Восеъ низ чун мардони майдон Степан Разину Емельян Пугачёв ба зиндагии пурғаму андӯҳи халқи заҳматкаш, бо зулми золимон, ноҳаққию бедодгариҳои бегу амирон, бо фишори сиёҳӣ бар сафедӣ, шаб ба рӯз, пурталотумии мадду ҷазри зиндагӣ бо тарозуи ақл нигарист. Ҳаёти халқро қиёс намуд. Гузаштаро ба замонаш ва ояндаро ба он рӯзҳо муқоиса кард. Халқро ба шӯриш даъват кард. Ҳазорон нафар деҳқонони ҷабрдида ба ғазо хестанд. Дар аввал мақсадашон амалӣ гашт. Маркази зулму адоват- Балҷувон гирифта шуд. Мири золим муваққатан бошад ҳам, аз тахт гурехт. Тахт вожгун шуд. Аммо, афсӯс ки шӯриши Восеъ чун шӯришҳои Степан Разину Емельян Пугачёв ҳанӯз ҳамаҷониба пухта расида набуд, шикаст хӯрд. Халқи меҳнаткаши тоҷик чун халқҳои руссу тотор, бошқирду чуваш ва удмурт, ки дар васфи Разину Пугачёв суруду қиссаҳо мегуфтанд, ба ёди Восеъи шуҷоъ бисёр нақл, ҳикояҳо ва шеъру достон офарида аст.

Ҳукми тақдиру ҷараёни таърихро тасаввур кунед. Степан Разину Емельян Пугачёв дар замонҳои худ мубориза бурданд ва ҳаёти ҷангии онҳо ба ин шаҳр алоқаманд аст. Барпокунандаи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

аввалин давлати коргару деҳқон В.И. Ленин низ дар ин гӯшаи зеботабиат ба дунё омада, камол ёфт.

Орзӯи Разину Пугачёв, Восеъ ва онҳо барин ҳазорҳо деҳқонони меҳнаткаш, мазлумони гумроҳ мақсаду маънои хосае доштанд…

Мо пас аз зиёрату тамошои хона- музеи В.И. Ленин, хонае, ки дар он солҳои 1871-1875 оилаи Уляновҳо зиндагӣ кардааст, аёдату гулчамбаргузорӣ дар назди ҳайкали ёдгории модари В.И. Ленин – М.А. Улянова бо писараш Володия ва дигар ёдгориҳои таърихии шаҳр ба назди мемориали В.И.Ленин омадем.

Чун рамзи дӯстии халқҳо, ватандӯстию инсондӯстӣ дар арафаи 100- солаги шӯриши Восеъ мо портрети қаҳрамонро бо худ бурда, дар қадамгоҳи Разин, Пугачёв ва зодгоҳи В.И.Ленин аксбардорӣ намудем. Чун мо аз пайи кори худ бошем ҳам, мардуми муқими ин диёр ва меҳмонони хориҷӣ – саёҳатчиёни шаҳри Ленин ба мо бисёр вомехӯрданд. Дар ҳар як ҷамъомаду вохӯриҳо аз Восеъи ҷасур ва шӯриши халқ бо роҳбарии ӯ ёдовар мешудем…

Дар назди Мемориали В.И.Ленин моро корманди осорхона Людмила Боголюбова ном зан роҳбаладӣ намуд. Бори дигар ба ҳаёти рангини Ленин аз наздик шинос шудем.

Мемориали В.И.Ленин, яке аз нуқтаҳои асосии аёдатгоҳи шаҳр аст. Он дар назди хонае, ки дар он Володя Улянов ба дунё омада буд, ба муносибати 100-солагии рӯзи таваллуди В.И.Ленин сохта шудааст. Бинои аҷиб. Тавассути он Меъмори хизматнишондодаи Федератсияи Россия Б.С.Мезенцев соли 1973 бо гирифтани Лауреати мукофоти ленинӣ мушарраф гардидааст.

Пас аз тамошои мемориал дар яке аз толорҳои хосаи он митинг барпо гардид. Дар ҷараёни ҷамъомад роҳбари мо- нависанда Раҳмон Сафар ба сухан баромада, аз мақсади ташриф овардани мо, нақшаи сафар, аз дӯстию бародарии мардуми бародари Шӯравӣ дар айёми Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳарф зада, романи «Восеъ»-и устод Сотим Улуғзодаро бо соядаст ва хоки диёри Восеъро ба директори музей тақдим намуд. Директори музей ва дигарон низ нутқи ҷавобӣ намуда, оиди ташрифоварӣ ба зодгоҳи Ленин ва дӯстию бародарӣ гуфтугӯ карданд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мо бо китоби махсуси дар ин мемориал-филиали Музеи Марказии В.И.Ленинбуда, имзо гузоштем.

## ДАР ҲАЛҚАИ МАКТАБИЁН

Хонаи чӯбине, ки дар он В.И.Ленин ба дунё омадааст, оддӣ мебошад. Ҳар рӯз шогирдони хурдсоли мактабҳои шаҳри Уляновск мувофиқи реҷаи муайян ба шакли низомӣ ба посбонии ин хона меоянд.

Рӯзи 29 июл пешоҳангони мактаби миёнаи рақами 57-и шаҳр навбатдор буданд. Мо, ҳамсафарони роҳи «Бо пайроҳаҳои Восеъ ва Восеътанон» бо онҳо вохӯрдем. То оғози вохӯрӣ «босмач»-гӯиҳои пешоҳангон аз ҳар ҷо – ҳар ҷо ба гӯш мерасид. Маълум мегашт, ки хурду калони ин диёр, шахсони дастордору ришдоронро босмачӣ гумон мекардаанд.

— Ин портрети кӣ аст, ки Шумо бо ӯ дар ин ҷо расм гирифта истодаед, магар босмачӣ аст? – пурсид дар равиши вохӯрӣ раиси совети дружинаи пионерии мактаб Олга Румянцева.

Ин портрети Восеъ, ҷавоб дод яке аз ҳамроҳони мо, Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ Ҳайдар Қосимов.

— Восеъ кист? – гуфт хонандаи синфи 8 Саша Албутов.

— Восеъ сардори шӯриши халқ аст. Бо роҳбарии ӯ соли 1888, дар собиқ бекигарии Балҷувон ном мавзеъи кӯҳистони Тоҷикистон шӯриш ба амал омадааст, - ҷавоб дод нависанда Раҳмон Сафар ва илова намуд, - шумо ҳар як шахси ришу саладорро босмачӣ гумон накунед. Ришу саладории мардон маънии дигар дорад.

— Восеъ худаш чӣ кор мекард?

— Ҷувозкаш ва деҳқон буд.

— Восеъ чӣ қадар деҳқононро бо худ ҷамъ кард?

— Бештар аз ҳазор нафарро ба худ ҷамъ намуд.

— Чаро шӯриши Восеъ шикаст хӯрд?

— Сабабҳо бисёранд. Якеи он сабаб ин аст, ки заминаи мустаҳкам набуд. Шуурнокӣ, қувва ва шароити шӯриш пухта нарасида буд.

— Восеъро чӣ кор карданд? Чӣ ҷазо доданд?



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

— Дар Шаҳри сабз ном шаҳри Осиёи Миёна дар дори баланде овехта, ба қатл расонидаанд.

— Восеъ ҳам, чун Степан Разин ва Емелян Пугачёв будаст?

— Бале, ҳамин тавр. Монанди онҳо шердил буд.

— Мардум дар васфи Восеъ, мисли Разину Пугачёв шеъру қиссаҳо доранд?

— Бале, мардум бисёр шеъру қисса ва нақлҳои аҷоиб нисбати ин марди далер эҷод кардааст.

Ҳамин тавр сӯҳбати хонандагони мактаби ишорашуда Анчков, Галков, Зинятуллова, Михайлова ва дигарон бо саёҳони мо давом ёфт. Дар равиши сӯҳбат мақсади ташрифовардан ба Уляновск ва сафар ба дигар шаҳрҳо ба пионерон фаҳмонида шуд.

Пас аз вохӯрии кӯтоҳакак ва сӯҳбатҳо дар назди Хона- музеи В.И.Ленин расмгирӣ бо портрети Восеъ сар шуд.

Мо ҳамроҳи дӯстони хурдсоламон дар назди расми калони Восеъ сурат гирифтем.

Маълум гардид, ки мактабиёни шаҳри Уляновск бисёр кунҷков, ҷӯянда ва донишдӯстанд. Онҳо дар як лаҳза доир ба Восеъи шуҷоъ маълумоти кофӣ гирифтанд. Фаҳмиданд, ки на ҳамаи ришу саладорҳо босмачианд. Дар бораи устод Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Хаём, Абӯали ибни Сино, Абурайҳони Берунӣ ва дигар адибу олимони тоҷик аз суханони нависанда Раҳмон Сафар бисёр гуфтаҳои нек шуниданд. Аз вохӯрӣ тасаввуроти пешоҳангон оиди халқи тоҷик дигар шуд.

Мо бо мактабиёни шаҳри Уляновск расмҳои зиёде гирифта, дуру дароз бо ҳам будем.

## ТӮЙ ДАР «РСС ТОҶИКИСТОН»

Шаби 30 июл то саҳар борон борид. Пас аз оғози рӯз шамси тобон ба рӯи мардуми шаҳр, табиати нотакрори нозанини ин диёр нурпошӣ мекард. Акси нурҳои хуршед аз қатраҳои борони навборида ва шабнами болои баргу шохаҳои гулу гиёҳҳо гузаштаву ба атроф бархӯрда, ҳама ҷоро мунаввар мегардонид. Дуртар тиру камон бо ҳафт ранги пурҷилои худ фазоро гулдӯзӣ мекард. Ранги



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

рӯз нозу ниёзи табиат басо наҷибанд. Саҳарӣ барвақт назди Мемориали В.И.Ленин, ки дар шафати меҳмонхонаи «Венец» воқеъ аст, пур аз одам гардид. Сайёҳону зоирон, меҳмонону мизбонон ва ҳама хуллас хурду калон, гурӯҳ-гурӯҳ равуо намуда, аз зебогии табиат ва асрори бузурги шаҳри Ленин баҳравар мешуданд. Аскарон бошанд, аз дигарон бо симову сару либоси бонизом фарқ кардаву саф ороста, ба аёдат ва навбатдории музеву мемориали В.И.Ленин раҳсипор буданд.

Аз рӯи нақша мо бояд ба аскарони гарнизони шаҳр дар назди Мемориали В.И.Ленин вомехӯрдем. Инак, соати муқарарӣ фаро расид. Аскарони қисм, хусусан ҳамаи тоҷикписарон ин ҷо ҳозир шуданд. Дар назди бинои Мемориал гирдиҳамоии хосае баргузор гардид. Дар ин ҷамъомад аз ҷониби мо нависандаи ҷангноманавис Раҳмон Сафаров ва Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Ҳайдар Қосимов ба сухан баромада, дар бораи дӯстию мардонагии фарзандони Ватани азизамон ҳарф заданд. Хусусан бурдбориҳои фарзандҳои халқҳои ИҶШС, ки дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар асоси дӯстию рафоқат ба даст оварда шуданд, мавриди ёдоварӣ қарор гирифт.

Аскарон Маҳмадулло Одинаев (аз ноҳияи Бохтари вилояти Хатлон), Зоидов (аз шаҳри Душанбе), Нозим Наврӯзов (аз Ҷумҳурии Озарбойҷон), Олег Бурадзе (аз Ҷумҳурии Гурҷистон) аз хизмати худ ҳарф заданд. Ҷамъомад хеле гуворо мегузашт…

Пас аз гирдиҳамоӣ мо ба Боғи ғалаба, ки тахминан 80-100 метр аз Мемориал ва Хона- музеи В.И.Ленин дуртар, дар яке аз гӯшаҳои хушманзари соҳили Волга воқеъ аст, раҳсипор шудем.

Боғи ғалаба дар ҷои зебову нозанин дар соҳили Волгаи ором воқеъ аст. Вақте ки бо зинапояҳои мармарин рӯ ҷониби офтоббаро мефароӣ, аз тарафи чап як пораи замине чун пушти нохун, вале сарсабзу дилрабои зебоманзар ба чашм мерасад. Аз ду тарафи фуромадгоҳ арча ва даҳҳо намуд дарахту буттаҳои сарсабз назаррабоӣ мекунанд. Дар ин гӯшаи зебоманзар 15 қитъа замини ҳамшафат аст. Дар ҳар кадоми онҳо аз рамзҳову соҳаҳои асосии иқтисодиёту маънавиёт нишонаҳо аз ҳар як ҷумҳурии бародар бо навъҳои гуногуни гулҳо ба табиати ин ҷо ҳусн зам карда, асрореро



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дар худ таҷассум менамоянд. Чун ба поён фаромадӣ, ин манзара намудор мегардад. Аз бари болои ин қитъазамин бо буттаҳои лигустр калон-калон Ленин навишта шудааст. Ин навиштаҷот ба ҳусни табиати ин ҷо чун ангораи зебое сабт ёфтааст.

Боғи ғалаба. Ҷое, ки В.И.Ленин айёми бачагию наврасии худро дар ин ҷо гузаронидааст. Гӯшаи наҷиб. Хоке, ки дар он Ленин ва даҳҳо бузургони миллати рус он ҷо гом задаю ба камол расида, дар таърих нақши босазо гузоштаанд.

Ин гӯша ба назарам биҳиштосо буд. Худро дар фирдавси афсонавӣ медидам. Баъди пурсуҷӯ маълум гашт, ки ин гӯшаҳои наҷиб, яъне Боғи ғалаба дар арафаи 100- солагии рӯзи таваллуди В.И.Ленин тарҳашро зеботар гардонида будааст. Аниқтараш соли 1970 дар ин ҷо 15 қитъазамин ҷудо карда шуда будааст ва ин қитъазаминҳо мутааллиқи ҳар як ҷумҳурии бародарӣ мебошанд. Чун аз назди ҳар як қитъазамини ишоракардаи мо мегузарӣ, боигарӣ, рушду нумӯ, таъриху фарҳанг ва рамзҳои ҷумҳуриҳои бардарро аз назар мегузаронӣ.

Инак, қитъазамини «РСС Тоҷикистон» дар соҳили Волгаи ором, дар зодгоҳу қадамгоҳҳои Ленин. Дар яке аз шаҳрҳои наҷиби Русияи бузург…

Дар замини Тоҷикистон тӯи тоҷикӣ барпо гардид, рақсу суруди тоҷикӣ ба само танинандоз шуд. Дар ин хурсандӣ Ойгул Абдураҳимова ҳамаро ба санъати рақсии худ ба ваҷд овард. Вай дар ҳавои мусиқии форами тоҷикӣ мерақсиду мерақсид, аскарбачаҳоро ба майдон даъват мекард. Онҳо майдони рақсро гарм мегирифтанд. Тоҷикписарон дар симои Ойгул ва мо гӯё бародарону хоҳарони худро дида бошанд, аз хурсандӣ дар курта намеғунҷиданд. Мерақсиданду шодӣ мекарданд. Дар лабони онҳо ханда гул мекард. Худро хушбахту хушҳол ҳис менамуданд…

Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Ҳайдар Қосимов ва нависанда Раҳмон Сафар низ ба хурсандии ҳозирон ҳамроҳӣ намуда, ба майдон баромада, бо ҷавонон мерақсиданд.

Аскарон Олег Слюсари рус. Собирҷон Ахмедови ӯзбек, Байрамгелдӣ Акаеви туркмен, Гарик Беларяни армян, Нозим Наврӯзови озарбойҷонӣ, Черкинбек Мишханови қазоқ ва чанде дигарон



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

аз зам-замаи суруду рақсҳои тоҷикӣ ба ваҷд омада, дар ҳавои мусиқии тоҷикӣ ба рақс баромада мерақсиданд.

Ҳаво, ки лаҳзае сим-сим борон меборид, аз бориш боз монд. Ҳамоно тӯи тоҷикӣ дар қитъазамини «РСС Тоҷикистон» идома меёфт...

## ДАР ТАРАБХОНАИ «ВЕНЕЦ»

Шоми 28 июл дар тарабхонаи «Венец», ки дар ошёнаи аввали бинои меҳмонхона ҷойгир аст, бо хӯроккӯрӣ рафтем. Даҳ нафари ҳайати мо назар ба дигарон фарқ доштанд. Дар як гӯшае якҷоя нишастем.

Лаҳзае пас ҷавони қоматбаланди кулчарӯи зебое, ки мӯи сару бурути сиёҳ дошт, вориди тарабхона шуд. Нигоҳи ӯ ба мо афтид ва дастҳо ба пеши бар овоз баровард:

— Ассалому алайкум.

Мо вохӯрӣ кардем.

Ҷавон ба забони меҳрубонона гуфтание дошту мо нафаҳмидем. Пас бо забони русӣ ба сухан омад. Маълум шуд, ки ӯ ҷавони қафқозист ва моро ҳамдиёрони худ гумон кардааст.

Ҷавон чун мақсаду мароми моро донист, хурсандиаш дучанд шуд. «Ҳамшаҳрӣ»- ҳо гуфта, ба мо дуру дароз сӯҳбат кард. Аз рафтору гуфтори роҳбари мо Раҳмон Сафар ва Ҳайдар Қисомови қаҳрамон меболид, табассум дар лабонаш гул мекард. Ситораи тиллоии Қаҳрамони Иттифоқи Советии Ҳайдар Қосимовро бӯсида дар дида мемолид.

Хост ба мо «ҳамшаҳрӣ»- ёнаш зиёфату тӯй ташкил бикунад. Ҳамон тавр кард. Аммо мусиқачиёни тарабхона асбобҳои мусиқиву баландгӯякҳои худро бе пул ба ихтиёри санъаткорони мо надоданд. Он шаб баъди хӯроккӯрӣ мо ба ҷойҳои хоби худ рафтем. Ҷавони қафқозӣ хиҷолатманд бо мо хайру хуш бинамуд ва баромада рафт. Шоми 29 июл низ ба тарабхона рафтем. Чун ворид шудем, симои дохили тарабхонаву мизбонону мусиқачиён дигар менамуд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Моро пешвоз гирифта, бо меҳрубонии хосае дар мизҳои махсустайёркардашудае ҷой карданд. Лаҳзае пас садои мусиқии тоҷикӣ бо баландгӯяк садо дод. Суруди «Эй санам» бо ҳамовозии аркестр ба гӯш расида, рақс оғоз ёфт. Дар дили мо меҳре ҷӯш зад ва мо низ ба саҳна баромада дар ҳавои савту суруди тоҷикӣ рақсидем.

— Имшаб дар тарабхона меҳмонон аз Тоҷикистон, «ҳамшаҳрӣ»- ҳои ман Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ Ҳайдар Қосимов, нависанда Раҳмон Сафар..., - гӯён бо ифтихор ба муаррифӣ намудан оғоз кард он ҷавони қафқозӣ.. Ҳамин тавр зиёфату базме дар ин тарабхона оғоз шуд. маълум буд, ки аз ташрифи мо сари он ҷавони қафқозӣ ба осмон мерасид. Дар лабонаш табассум гул мекард, нақш мебаст.

Санъаткорони ҳайати мо низ ба базми оншаба пайваст шуда, базми мусиқиро ҷолибтару наҷибтар менамуданд. Дӯстиву бародарии мо акнун ин ҷо тавлид ёфта, чанд шабонарӯзи дар шаҳри Уляновск буданамон идома ёфт...

## ФАРОМӮШ ШУДАНИ ПОРТРЕТИ ВОСЕЪ

30 июл то соати 2-и рӯз дар шаҳри Уляновск будем. Дар ҳар як чорабинӣ ва ё дар кӯчаҳои шаҳр равуо кардани мо бо либосҳои миллӣ аҷиб буд. Аксар тоҷикон, яҳудиён ва дигар миллатҳо, ки либосҳои шинами тоҷикиро дар тани мо медиданд, наздамон омада шинос мешуданд. Аз Тоҷикистони азизи мо мепурсиданд. Аз дӯстиву рафоқату бародарӣ ҳарф мезаданд.

Баъди хӯроки нисфирӯзӣ дар тарабхонаи «Венец» ва хайру хуш бо шаҳри соҳили Волга – Уляновск ба вокзали роҳи оҳан рафтем.

Дар вокзали роҳи оҳан гирдиҳамоии ботантанае баргузор гашт.

Дар ин гирдиҳамоӣ оиди шӯришҳои халқ бо роҳбарии деҳқонон Степан Разин ва Емелян Пугачёв, ки ин ҷо қадамгоҳҳои онҳоанд, гуфтугӯву саволу ҷавобҳои зиёде баргузор гашт. Дар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

бораи Шӯриши Восеъ Раҳмон Сафар мухтасар маълумот дод. Ҳозирин аз ин вохӯрии ибратбахш қаноатманд буданд.

Ин ҷо мехоҳам як лаҳзаи фаромӯшнашавандаеро биорам. Баъди гирдиҳамоӣ ва вохӯрӣ дар вокзали роҳи оҳан, соати 5-30 дақиқаи бегоҳӣ ба поезди «Ленинград – Уляновск» савор шудем.

Чун тақрибан пас аз 1-2 соати сафар нависанда Раҳмон Сафар расми Восеъи бузургворро суроғ кард. Маълум шуд, ки расм дар даромадгоҳи бинои роҳи оҳан фромӯш шудааст. Аз ин лаҳзаи оғозаш гуворою охираш ногувор ҳама саёҳон хиҷолатмандӣ кашиданд. Аз шарм ҳам рӯи баъзеи мо аз сурхиву хиҷолатмандӣ тасф мекард. Илоҷ ҷӯстем. Дар нисфи роҳ ба хулосае омадем, ки аз истгоҳи навбатӣ бо Уляновск зимнан занг зада маълум намоем. Устод Раҳмон Сафар ҳамон тавр кард. Ба мо сардори вокзали роҳи оҳани шаҳри Уляновск ва котиби аввали Кумитаи комсомол А. Обарзин иброз намуданд, ки расми Восеъ-қаҳрамони халқи тоҷикро дар вокзал дар ҷояш ёфтанд ва мо метавонем онро соати 7-30 дақиқаи 1 август аз вокзали роҳи оҳани «Москва»-и шаҳри Ленинград гирем.

Поезд пеш мерафт. Ногоҳ садои ровие аз баландгӯяки поезд бо забони русӣ баланд шуд. «Хайрамақдам сайёҳони Тоҷикистон» бо номи «Бо пайроҳаҳои Восеъ ва Восеътанон». Ҳоло дар болои сари мо вертолёти махсуси ҳарбӣ расми Қаҳрамони халқи тоҷик – Восеъро оварда истодааст. Шумо метавонед онро ҳозир аз утоқи кории сардори вокзали роҳи оҳани «Москва» омада гиред.

Чун вертолёт дар ҳаво пеш мерафт ва ин суханон шунида мешуд, тамоми мардуми дохили поездро ҳаяҷон фаро гирифт ва лаҳзае пас ба шаҳри Ленинград расидем. Ба ҷои муқаррарӣ рафта бо имзо портрети Восеъи бузургворро қабул карда гирифтем…

Мо дар роҳи сафар бори дигар ба дӯстиву рафоқат ва меҳрубониҳои халқи рус боварӣ ҳосил кардем.

Бо арзи эҳтирому минатдориҳои зиёде нисбати ғамхориҳои мардуми бузурги рус мо расмро гирифтему сафарро давом додем.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# ЛЕНИНГРАД (САНКТ-ПЕТЕРБУРГ)
## ДАР ҚАБРИСТОНИ ПСКАРЁВСК

Ленинград. Шаҳри қаҳрамон. «Гавҳораи инқилоб». Шаҳри ободу зебо. Таърихи бостонии он шаҳр маълум аст. Ёдгориҳои асрҳои гузашта, биноҳои бисёрошёнаи қадима, ҳамгашту гулгашт, хиёбону боғҳои сарсабз ва дигар ёдгориҳои ёдмони дасти инсонӣ ба рангинию боғановатии шаҳр ҳусну қубҳи хосае зам менамоянд.

Мувофиқи нақша аъзоёни походи мо бо ду самти ин диёри бузург пай дар пай раҳсипор шуда, ба ҷустуҷӯи оромгоҳи шаҳидони Ҷанги Бузурги Ватанӣ оғоз кардем. Аз маълумотҳои бойгониву ҷустуҷӯҳо ба мо маълум шуд, ки ҷанговари шаҳид Айдаров Акобир собиқ истиқоматкунандаи шаҳраки Ховалинг, ноҳияи Ховалинг 20 июни соли 1944 фавтида, дар қабристони бародарии рақами 49, посёлкаи Гаврилово – Гончаровскии назди шаҳр ором мехобад. Аскари қаторӣ, Акрамов Карим, соли таваллудаш 1924 ҷои таваллуд деҳаи Ҷӯрахонӣ, ноҳияи Ховалинг 26 июни соли 1943 ҳангоми иҷрои супориши махсуси ҷангӣ мардонавор ҳалок шудааст, дар маҳаллаи Мартоловкаи ноҳияи Ленини Ленинград мадфун аст.

Ахметов Зайниддин, 20 июни соли 1944 шаҳид шудааст. Дар қабристони рақами 11-и ноҳияи Выборск, Амиров Хоҷа, 17 июни соли 1944 мурдааст, дар қабристони бародарии рақами 3-и ноҳияи Выборск ба хок шупорида шудаанд.

Мо танҳо шаҳидонеро, ки насабашон бо ҳарфи «А» сар мешаванд ва аз як гӯшаи Тоҷикистони азиз дар ин ҷо шаҳид шудаанд, ишора намудем. Аз он, ки мо ба садҳо чунин турбати шаҳидони тоҷик – дар ин сарзамин вохӯрда, оромгоҳҳои онҳоро зиёрат кардем…

Бояд қайд кард, ки мардуми Ленинград дар муҳосираи 900 рӯза монданашон душвроиҳои нотакрорро аз сар гузаронидаанд. Озуқа намерасид. Захираи асосии онҳоро душман бо авиатсияаш несту нобуд карда буд. Гуруснагӣ мардумро қир мекард. Бо ҳамаи душвориҳо нигоҳ накарда мардум мубориза мебурд. Моҳи январи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

соли 1944 армияи мо ба ҳуҷум гузашт. Фашистон аз Ленинград гум карда шуданд…

Пас аъзоёни поход ба аёдати қабристони бародарии Пскарёвски шаҳр ба роҳ баромаданд. Баъди чанде аз пурсупос ва ҷустуҷӯҳо ба ин гӯристон омадем. Инак, мо дар назди «Пскарёвск». Қабристони калонтарини шаҳр. Водии хомӯшони ҳузнангез. Ҳангоме, ки ба он даромаданӣ мешавӣ, дар сари роҳ осорхонае кушода аст. Ва чун вориди он музей мегардӣ, ҳамаи он лаҳзаҳои мудҳиш, зиндагии мардум, гуруснагӣ, заҳмату ҷонбозиҳои мардум, хусусан аскарони Артиши Шӯравӣ ва бисёр нигораҳои нодири ҳаётӣ аз он рӯзҳои дар муҳосира будани Ленинград, ки ба намоиш гузошта шудаанд, дар пеши назарат намудоранд. Онҳо ҳамчун шоҳиди ҳақиқии тахрихи он рӯзҳои сангину сахт бо ту бе садо дар гуфторанд. Дидан замон фикри кас ба жарфи чуқури рӯзҳои сахти ҷанги хонумонсӯз рафта мерасад…

Бинанда пас аз тамошои ин музей он рӯзҳои мудҳиш ва тираю тор, муборизаю шуҷоъати мардуми Советиро ба хотир оварда, саҳеҳ ба тарозуи ақл бар мекашад.

Вақте ки аз дарвозаи калон ба қабристон, ба аёдат меравӣ, роҳи калони байни гӯристон касро ба назди оташи ҷовид, ки дар пеши ҳайкали модар воқеъ аст, мебарад.

Ин ҷо манзараи басо наҷиб дорад. Нишони нақши дасти ворисон хеле хуб мушоҳида мешавад. Ҳама ҷо сабзу хуррам аст. Дар ду канори роҳи ишорашуда намудҳои гуногуни гулҳо шукуфонанд. Қабрҳои калон-калони аз ҳам ҷудоанду сабзаи болои онҳо як ваҷаб. Чи тавре ки маълум гардид, дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар ин қабристон беш аз 470 ҳазор нафар аскарону сокинони шаҳр, аз зарбаи яроқи душман, гуруснагию бемадорӣ фавтида, ба хок супорида шудаанд.

Ҳамеша дар назди ҳайкали модар мусиқии мотамие ба гӯш мерасад. Аз он бӯи хун, бӯи ҷароҳат ба машом расида, садои таппиши қалби шаҳидон садо медиҳад…

Дар қисми поёни қабристон қабрҳо алоҳида бо навиштаҷоти ному насаби шаҳидон қитъаеро фаро мегиранд. Дар ин ҷо ҳанӯз ҳам захмҳои тири яроқи душман дар дарахтон маълум аст. Пе-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

шоҳангони мактаби шаҳр онҳоро нигоҳубин мекарданд. Бисёре аз дарахтон дар тана галстуки пионерӣ доштанд ва онҳо гӯё марқади шаҳидонро доимӣ навбатдорӣ мекарданд. Ии манзара бечуну чаро касро мутаассир мекунад…

Қабристони Пскарёвск ҳамеша обод аст. Одамон гурӯҳ-гурӯҳ ба аёдати шаҳидон меоянд. Фарзанду набера падару модару бобо, падару модар фарзандашро ҷустуҷӯ мекунад. Мардум ҳамеша хешу табори худро мекобад. Поси хотиру қадру қимати шаҳидро он ҷо рӯшан мушоҳида мекуниву мебинӣ.

Ҳангоми зиёрати қабристони бародарии ишорашуда дар давоми якчанд соат мо садҳо зоирон ва шахсонеро дида, ба қисме аз онҳо гуфтугӯ кардем. Акбар Амонкелдиеви туркман, Ахмед Юсупови бошқирд, Серик Амонбоеви қазоқ, Олоҳбердӣ Қаршибоевӣ ӯзбек, Ҳайдар Шарифоғлии озарбойҷонӣ ва дигарон аз ҷумлаи онҳое буданд, ки аз диёри худ барои кофтукови хешу ақрабояшон омада, ҳар як навиштаҷоти болои қабрҳоро меҷустанд.

Дар қатори мардум марди миёнақаде, ки дар сар тоқии чоргул дошт, он тарафтар бо духтаре ҳар як қабрро аз назар мегузаронд. Ӯ ҳамаи қабрҳоро аз назар гузаронда бошад ҳам, ҷустуҷӯро давом медод. Ӯ чун маро дар дохили сару либоси миллӣ: бо ҷомаи беқасабу тоқии гулдӯзии кӯлобӣ дид, назди мо омада, мехост сабаби ташрифи моро пурсад.

Пас аз аёдати қабрҳои шаҳидон, ҷустуҷӯ ва тамошо мо ба аксбардорӣ шурӯъ кардем. Ин марди ишоракарда чизе пай бурда, ба назди мо омад ва асрори ташрифи худро кушод. Маълум шуд, ки он кас Сабур Рашидов, истиқоматкунандаи шаҳри Душанбе, муаллими факултаи физикаи Донишкадаи омӯзгории пойтахт будааст ва дер боз оромгоҳи падари азизи худ Рашид Алиевро меҷустааст. Ин сафар бо духтараш қабри падарро меҷуянд. Лаҳзае пас чанд нафар тоҷики дигари ҷӯёи оромгоҳи падару бародарҳояшон назди мо омаданд.

Оре, он шаҳидон баҳри имрӯзу ободии Ватан ҷони худро қурбон кардаанд. Зарур аст, ки онҳо гумном, турбати онҳо бенишон намонад. Дар ҳақиқат ҳеҷ кас ва ҳеҷ чиз фаромӯш намешавад ва ҳатман бояд фаромӯш нашавад.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Мо пас аз аёдати қабристони Пскарёвск ба омӯзишгоҳи ҳарбӣ – баҳрии бо номи Дзержинскии шаҳр рафтем. Дар ин ҷо бо тоҷиккписарон, хатмкунандагони мактабҳои рақами 2-и шаҳри Исфара, рақами 15-и шаҳри Душанбе ва рақами 2-и шаҳри Ленинобод Додоҷон Холматов, Ҷамшед Муфтаҳиддинов, Анвар Ёрматов, Ахмед Акрамов ва дигарон вохӯрда, бо онҳо аксбардорӣ намудем. Ба ин афсарони оянда ёрии арзандаи моддӣ расонидем…

Рӯзи дуюми август мо расми Восеъро ба назди штаби Инқилоби Октябар – Қасри Смолный бурдем. Дар нази ин қаср ҳангоми гирдиҳамоии серодам зимни шӯриши деҳқонони кӯҳистони тоҷик бо роҳбарии Восеъи қаҳрамон ва ҷонбозиҳои ӯ барои азоби халқҳои мазлум сӯҳбатҳои зиёд оростем. Дар он ҷо аскарони гарнизони ҳарбии Ленинград хеле зиёд буданд. Бо ҳозирин бештар нақлу ҳаракатҳои нависанда Раҳмон Сафар маъқул мешуд.

Сипас, дар назди «Қасри зимистона», омӯзишгоҳи ҳарбии ба номи Дзержинский, хиёбони «Нива» ва бисёр ҷойҳои таърихии дигари ин шаҳри қадими рус расмҳои зиёде гирифтем.

Таърих аҷаб гардише дорад, шаҳри Ленинград (Петербург, Петероград ва ё Санкт- Петербург) як вақтҳо пойтахти давлати Рус буд. Алоқаи бисёр давлатҳо ба ин ҷо васеъ ва мустаҳкам мегашт. Вақте дар кӯчаҳои ин шаҳр қадам заданам сафари олим, шоир ва ситорашиноси бузурги тоҷик Аҳмад Махдуми Донишро пеши назар меовардам. Ин донишманди маърифатпарвари тоҷик дар он кӯчаҳои қадимае, ки дар асри XIX ҳамчун элчӣ (сафир) гом мезад, имрӯз шояд ман қадам гузошта истода бошам. Дар кӯчаҳои шаҳр мераваму суханони Аҳмад Махдумии Дониш: «Угун придуш», «Моя послови человек» ва лаҳни ширини ӯ баёдам меоянд…

Ба Ленинград - Санкт-Петербурги имрӯза хайру хуш карда, соати 7-и бегоҳӣ аз вокзали роҳи оҳани “Варшава” ба поезди «Ленинград-Рига» савор шудем.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# ДАР ҶУМҲУРИИ ЛАТВИЯ
## АЗ ПАИ ҶУСТУҶӮИ ОРОМГОҲИ ҚАҲРАМОН

Ситораи рӯз чашмак мезад. Шаб чодари тирагуни худро ғундошта, ҷояшро ба рӯз медод. Чашми рӯз оҳиста – оҳиста кушода мешуд. Ҳаво софу беғубор буд. Шамоли сабуксайр вазида накҳати гулу гиёҳро ба машом мерасонд.

Мо соати 6-и пагоҳии 3 август ба вокзали роҳи оҳани шаҳр расидем. Нависанда Раҳмон Сафар ва қаҳрамон Ҳайдар Қосим ба кумитаи ҳизбии шаҳр рафтанд. Ба мо супориш шуд, ки то соати муайян ба ин шаҳри қадима ва ёдгориву бузургворҳояш ошно шавем. Мо ба тамошои шаҳр шурӯъ кардем. Аввал майдони ғалабаи шаҳр, қабристони бародарӣ ва қабристони мусулмонони шаҳрро зиёрат намуда, пас ба дидани ёдгориҳои таърихӣ машғул шудем.

Рига шаҳри қадима ва тозаю зебо аст. Ба ҳусни шаҳр биноҳову роҳҳои қадимаи сангфарш ва хиёбону кӯчаҳои зебоманзар ҳусни хосае зам мекунанд. Шаҳр таърихи хеле куҳан дорад. Сарчашмаҳои қадима шаҳодат медиҳанд, ки номи шаҳр аз номи дарёчаи Ризден, ки он яке шохобҳои дарёи Даугава аст, гирифта шудааст. Дар ин бобат ҳафриётҳои назди ин шохоби дарёи ишорашуда, ки бостоншиносон гузаронидаанд, фикри болоро тасдиқ мекунанд.

Мардуми шаҳр бомаданият, чеҳракушода ва ҳалиманд. Духтаронаш бисёр зебову қашанганд. Қаду басту қиёфаашон ҷаззоб мебошад, фарқ аз духтарони дигар шаҳрҳо дар он буд, ки онҳо сигор дуд медиҳанд. Ва сигоркашӣ низ ба онҳо мезебад.

Пас аз тамошои шаҳри Рига мо дар вокзали роҳи оҳан ҷамъ шудем. Дар соати муайянкардашуда Раҳмон Сафар, қаҳрамон Ҳайдари Қосим ва зане ба назди мо омаданд. Роҳбарамон Раҳмон Сафар бо овози мулоим, чеҳраи кушода, табассум дар лаб, бо шакарханда, бо забонҳои русиву тоҷикии бо ҳам омехта он занро ба мо муаррифӣ кард. Маълум гардид, ки он кас инструктори шӯъбаи ташвиқоту тарғиботи кумитаи ҳизбии шаҳр Таня Олимова, аслан тоҷики Фарғона будааст. Бо супориш барои ҷо ба ҷо кардани мо омадааст. Таня зани қадбаланди гандумгуни мешчашм, кулчарӯи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

зебое буд. Либосҳои аврупоии шинам дошт. Ҳангоми гуфтугӯ бо чеҳраи кушодаву табассум дар лаб ҳарф мезад. Гуфтугӯро чун ҳамсафару роҳбари мо Раҳмон Сафар бо лисонҳои русиву тоҷикӣ чун ширу шакар идома медод. Аз мо, аз мақсади мо, бахусус аз нависанда Раҳмон Сафар ва амаки қаҳрамон Ҳайдар Қосим беҳад миннатдор буд ва ифтихор дошт.

— Чун дар бораи шумо ва мақсадатон дар горкоми шаҳр ба ман бо ҳаяҷон гуфтанд, сарам ба осмон расид, - иброз намуда бо ҳарорат ҳарф мезад Таня Олимова, - бовар накардам. Вақте дар назди котиби аввали ҳизбии шаҳр вохӯрдем, аз хурсандӣ аз чашмонам ашк ҷорӣ шуд. Вақте муаллим Раҳмон Сафарович бо ҳаяҷон аз нақшаи кори сайёҳон гуфтугӯ мекард, ба назари котиби горком аҷиб менамуд. Ӯ чун ба генерали бузург, олими машҳур ва ҷангноманависи мумтоз муносибат мекард. Маро дар танҳоӣ хеле ва хеле таъкид кард, ки меҳмононро ба истироҳатгоҳи машҳури ҷумҳурӣ Юрмала барам, шароити хуб муҳаё кунам. То ки чанд рӯзе, ки дар Латвия бошанд, вақти худро ба хушӣ гузаронанд. Ӯ аз ташрифи мо ба Рига бисёр хурсанд буд. Аз он меболид, ки миллати тоҷик чун Раҳмон Сафар марди бузург дорад.

Аз рӯи нақша ба шаҳри Юрмала рафтем ва моро дар яке аз гӯшаҳои истироҳатгоҳи он ҷо ҷой доданд. Таня Олимова баъди ҷо ба ҷо шудани мо ба сари баланду хурсандона ба Рига баргашт. Маълум шуд, ки Юрмала аз шаҳри Рига тахминан 60 километр дурӣ дорад.

Ҳангоме, ки ба истироҳатгоҳи Юрмала расидем, худро дар гӯшаи фирдавсмонанде медидем. Ҷои ободу дилрабо гурӯҳ-гурӯҳ тоҷикбачаҳо дар равуо буданд. Қариб ҳама бо забони тоҷикӣ гуфтугӯ мекарданд. Он ҷо моро ба гулу гулдастаҳо пешвоз гирифтанд. Маълум гардид, ки ин истироҳатгоҳ ва Бухорои Шариф, алоқаи бузург доштанд. Ба ғайр аз истироҳаткунандагон хонанда - ошпазҳои зиёди таҷрибаомӯз низ аз шаҳри Бухоро буданд. Рафту омад, сару либос, гуфтугӯву амали қариб ҳама тоҷикона буд. Мо ба онҳо шиносу ошно шудем…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Акнун дар Юрмала чун Тоҷикистон ҳама мудом ба забони тоҷикӣ гуфтугӯ мекард ва ҳангоми базмҳо рақсу бозӣ менамуд…

Юрмала табиати зебо дорад. Обу ҳавои мувофиқ анбӯҳи дарахтони сарсабз, гулу гиёҳи ҳархела ба кас ҳаловат мебахшид. Мавҷҳои пурталотуми халиҷи Рига, ки дар ин ҷо воқеъ мебошад, ҳар лаҳза соҳилро мешӯяд. Қуми назди соҳил лаҳзае тар шуд, боз оби омадаро ба халиҷ мегардонад. Ҳаво салқин аст. Кас дар тобистон хунук мехӯрад. Нози табиат лаҳза ба лаҳза тағйир меёбад. Ҳоло борон, пас аз чанд лаҳзае офтоб чашмак мезанад, ҳама ҷо хушк мешавад ва боз абрҳои тирагун қавоқҳои худро сар ба сар карда, ба гиря сар мекунанд.

Дар ин ҷо аввали моҳи август соатҳои 10-11-и шаб ҳама ҷо равшан аст. Кӯдакон машғули бозианд. Боз соатҳои 6-и пагоҳӣ ҳама ҷо равшан мешавад. Торикии шаб 5-6 соат аст…

Мақсади асосии ба шаҳри Рига, хусусан ба Латвия рафтани мо аз зиёрати оромгоҳи Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Исмат Шарифов иборат буд. Бо сабаби хоса ва меҳрубониҳои Таня Олимова мо ба шаҳри Юрмала-истироҳатгоҳи наҷиб ҳам хеле гуворо дам гирифтему ҳам аз паи кор мешудем. Соати 6-и пагоҳӣ роҳи шаҳри Ригаро пеш гирифтем. Дар автобус савор шуда, соати 8-у 15 дақиқа ба шаҳр расидем. Аз Рига бо мошини махсус, сӯи шаҳри Добел равон гардидем.

Роҳи байни Ригаву Добел 60 километр аст.

Ин ҷо ҳам табиати гуворо дорад. Ҳама ҷо сабзу хуррам. Деҳаҳо обод. Алафҳои канори роҳҳо даравида. Боз алафҳои сабз аз замин баромадааст. Мардум барои говҳояшон заминҳои махсусе доранд. Говҳо ҳама зотии сиёҳ-алою зардалоянд. Мардум аз ҳотаҳои худ самаранок истифода мебаранд. 8-10 намуди маҳсулот дар ҳар як участка парвариш карда мешавад.

Хусусан парвариши карам, картошка, помидор, себ, нок ва намудҳои дигари сабзавоту мевагиҳо маъмул аст. Дар шаҳри Добел моро дар кумитаи ҳизбии шаҳр бо гулу гулдастаҳо пешвоз гирифтанд. Аз ин ҷо ба мо подполковник Александр Иванович Ляхин ва раиси шӯрои собиқадорони Ҷанги Бузурги Ватанӣ Ар-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

нолд Яковлевич Нагляниш роҳбалад шуданд. Роҳбаладон аз рӯи супориши нақшаи комиссариати ҳарбии Ҷумҳурии Латвия амал мекарданд. Аввал моро ба гарнизони шаҳр бурданд. Ба қисми «н» расида, ба ҳаёти аскарон шинос шудем. Хусусан даъватшавандаи ҳарбӣ, яке аз ҳамроҳони мо Муҳибулло Файзалиев ба тамоми ҳаёти ҳарбӣ шинос карда шуд. Маълум гардид, ки дар ин қисм 35 миллат, алалхусус 30 нафар тоҷикписарон чун бародарон хизмат доранд.

Нисфирӯзи мо ба аскарони қисм, дар ошхонаи ҳарбӣ хӯрок хурдем. Муҳибулло Файзалиев ба тамоми ҳолати ошхонаи қисм ва хӯрокиҳо ошнои пайдо кард.

Суруди «Аскарбача» ва «Интизорӣ»-ро санъаткор Ойгул Абдураҳимова бо маҳорати хосаи сароядагӣ иҷро кард. Сурудҳои ӯ ба ҳозирин писанд омад. Давлати Саидамир низ хеле хуб ҳунарнамоӣ кард. Ҳангоми сурудхонию иҷрои оҳангҳои тоҷикӣ бачаҳо ба рақс баромаданд. Савту навоҳои тоҷикӣ хеле вақт идома ёфт. баъд мо дар майдони тирпарронии гарнизон аз намудҳои гуногуни яроқҳо тир паррондем.

Пас аз чорабиниҳои иҷрошуда мо ҳамроҳи тоҷикписарони аскар ба зиёрати қабри Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Исмат Шарифов раҳсипор шудем.

## ОРОМГОҲИ ИСМАТ ШАРИФОВ

Ба шаҳри Добел расидем. Инак, мо бо гулу гулдастаҳо ба қабристони бародарии шаҳр ворид гаштем. Ба води хомӯшони муҳофизони Ватан… Ҷое, ки садҳо ҷавонони ҷавонмард ба хоби абадӣ рафтанд. Гӯшае, ки мардони майдон барои ҳифзи хоки поки Ватан қурбон гаштанд.

Қабристон шаҳракеро пеши назар меорад, ки ҳама сокинони он хобанд. Аз ҳар як турбат бӯи баҳодурию бурдборӣ бӯи хуни ватандӯстию инсондӯстӣ меояд. Ин ҷо таппиши қалбҳои ҷавониро намебинӣ. Дар ин қабристони бародарӣ бештар аз 8-ҳазор нафар мардони шӯҷоъ хобанд. Онҳо қарзи фарзандии худро бо сарбаландӣ ба ҷо овардаанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Вақте ки ба мазори қаҳрамонҳо даромаданӣ шудем, дар деворҳои саҳни ҳавлии чоркунҷашакли он номҳои шаҳидони зиёди дар сангҳои навиштаро дидем. Аз роҳи байни ҳавлӣ ба мазор даромадем.

Дар назди мазори ишорашуда гирдиҳамоӣ баргузор гардид. Дар он тамоми тоҷикписарони гарнизону як қатор сокинони шаҳр ва зоирон иштирок намуданд.

Нависанда Раҳмон Сафар оид ба шуҷоат, лаҳзаҳои зиндагӣ ва ғайратмандию корнамоии Восеъи бузург, ки далерии ӯро ҳамдиёраш Исмат Шарифов давом додаст, ҳарф зада як каф хоки диёри Восеъро чун рамзи дӯстию эътиқод ва пайвастани занҷири ногустастании ғайратмандии гузаштагону имрӯзагонамон ба назди турбати Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Исмат Шарифов гузошт ва ба музеи шарафи ҷангии шаҳр супурд. Ғайр аз ин, достони шоири шинохтаи тоҷик, барандаи мукофоти давлатии Иттиҳоди Шӯравӣ Мӯъмин Қаноат «Ситораи Исмат» низ ба музей тақдим карда шуд. Дар ҷамъомад, инчунин раиси Шӯрои собиқадорони ҷанги шаҳри Добел Арнолд Нагляныш сухани ҷавобӣ ва миннатдорӣ баён намуд. Хизматкунандагони ҳарбӣ Сулаймон Чолов, аз шаҳри Кӯлоб, Абдуҷалил Низомов, аз ноҳияи Бохтар ба сухан баромада, ваъда доданд, ки боз ҳам хубтару беҳтар хизмат мекунанд.

Пас аз гирдиҳамоӣ аёдат оғоз ёфт. Ҳозирон ба пояи турбати Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Исмат Шарифов ва дигар шаҳидон гулдаста гузошта аксбардорӣ намуданд. Ҳамаи саёҳони мо, хусусан Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Ҳайдари Қосим ва даъватшаванда Муҳибулло Файзалиев дар лаҳзаҳои гуногун дар назди лавҳаи ёдгории назди турбати қаҳрамон сурат гирифтанд.

Дар мазори бародарии шаҳри Добел сангҳои мармаринро дидем, ки дар онҳо номҳои шаҳидон сабт шудааст. Дар байн ҳайкали ёдгорие рӯ ба самост. Аз тарафи дасти чап аз ҳама аввал турбати ҳамдиёрамон Исмат Шарифов воқеъ аст. Дар лавҳаи мармарини болои гӯри ӯ чунин навишта шудааст: «Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Исмат Шарифов» (1905-1944).

Мардуми шаҳр корнамоиҳои ин марди ҷасурро нағз медонанд ва доимо ба аёдати оромгоҳи ӯ меоянд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Лавҳи мазори ӯ, назди турбати ӯ доимо сабз аст. Дар он гулу гиёҳҳо, хоса чило медиҳанд. Мардуми эътиқодманди добелӣ дар назди манзилгоҳи қаҳрамон гулкорӣ мекунанд ва доимо гулҳои гуногунранги дар шаб дурахшон мегузоранд.

Ба мо гуфтанд, ки на танҳо аз Латвия, балки аз дигар ҷумҳуриҳо одамон ба зиёрати ин қаҳрамон меоянд. Светлана Ивановнаи белорус аз қабили онҳост. Ӯ ҳар сол 9 май ба зиёрати шаҳидон омада, ду даста гул меорад. Як дастаашро дар сари қабри падараш ва дуюмашро ба пояи турбати ҳамяроқи падараш-ҳамдиёри қаҳрамони мо Исмат Шарифов мегузорад.

Дар назди турбати ҳамдиёрамон Исмат Шарифов ҳама саёҳони мо хеле вақт тӯлонӣ истода, гузашта, солҳои бачагӣ, наврасӣ, айёми ҷанги хонумонсӯз ва корнамоиҳои ин марди далеро пеши назар меоварданд. Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Ҳайдар Қосимов бо таассуф бо роҳи ҷангии тоҷикон ва дӯстии байни миллатҳои гуногун ҳарф мезад. Раҳмон Сафар аз роҳи ҷангии қаҳрамон кӯтоҳакак нақлҳо мекард, ҳуҷҷатҳои архивиро ба ҳозирин нишон медод. Ба Исмат Шарифов ва дигар шаҳидони роҳи озодӣ аз таги дил аҳсант мегуфт. Онҳоро ёд мекард...

Исмат Шарифов аскари қаторӣ буд. Ӯ дар ҳайати қисми 861-уми тирандозӣ, дивизяи 294-и тирандозии Черкас бо номи Богдан Хмелницкий хизмат мекард.

Душман 9 марти соли 1944 дар ҳудуди деҳаи Дмитррушка қувваи пиёдагарди худро мустаҳкам намуда, бо ёрию дастгирии артиллерия ва таъсиру ҳуҷуму бетанаффуси қувваҳои ҳавоӣ шаҳри Уманро аз даст намедод. Ин шаҳрро душмани ғаддор қариб як сол забт карда, мавқеи мудофиавии худро дар он мустаҳкам карда буд.

Қӯшунҳои Шӯравӣ соати баъд аз озод кардани шаҳри Киев аз ғоратгарони гитлерӣ ба сӯи шаҳри Уман беист дар ҳаракат буданд.

Душман тамоми қувваю қудрати худро барои нигоҳ доштани кӯшунҳои Шӯравӣ сафарбар мекард.

Ҳангоми рахна кардани мавқеи душман дар ҳудуди деҳаи Дмитрушка, барои озод намудани шаҳри Уман аскари қаторӣ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Исмат Шарифов корнамоии бемислу монанд нишон дод. Ӯ пулемётҳои вазнини душманро, ки якзайл оташфишонӣ карда, ҳаракати аскарони қисми моро қатъ менамуданд, бо гранатаҳои дастӣ несту нобуд кард. Барои пешравию мустаҳкам намудани мавқеъи аскарони баталонаш кӯмаки бузург расонд.

Бо оташи пулемёти худ 6 сарбози душманро ба шаҳодат расонд.

Дар ҷангҳое, ки дар кӯчаҳои шаҳр ба амал меомаданд, 3 автомашинаи душман, ки ҳар яки онҳо пур аз лавозимоти ҷангӣ буданд, несту нобуд кард. Ба замми он, дар равиши муҳориба 15 аскарони душманро қир карда фаъолияти ибратбахши ҷангӣ нишон дод.

Фаъолияти ҷангӣ ва корнамоиҳои дар боло ишорашуда ба назар гирифта шуда, ҳамдиёи шуҷоъамон моҳи апрели соли 1944 ба гирифтани унвони олӣ-Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ мушарраф гардидааст.

Дар ҳаёти ҷангии Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Исмат Шарифов чунин лаҳзаҳои ибратбахши ҷангӣ, ки мо аз варақаи мукофотии он барои гирифтани унвони олӣ, Қаҳрамони Идтиҳоди Шӯравӣ, ки дар ин ҷо ба тариқи мисол овардем, хеле зиёданд.

Баъди вақти тӯлонӣ, ки дар сари марқади қаҳрамон будем, пиёда ба дидани яке аз гӯшаҳои дигари таърихии шаҳр рафтем.

Раҳорах, дар байни қабристони бародарӣ роҳбаладе мо раиси собиқадори ҷанги шаҳр Арнолд Яковлевич Нагляныш бо дасташ ишора карда доир ба он рӯзҳи тираю тори ҷанг, ҷасорати мардуми ватандӯсти Шӯравӣ оиди аз душманон озод кардани ин диёри зебоманзар нақл мекард.

Маълум гардид, ки дар ин сарзамин якумин шуда яке аз деҳқонони добелӣ Пол Арман ном шахс тавассути корнамоиҳои бемислаш ба гирифтани унвони олӣ Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ мушарраф шудааст. Дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳияи Добел 12 ҳазор кас, аз ҷумла 16 нафар Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ фавтида аз он бештар аз 8 ҳазор нафарашон аз ҷумла, 11 нафар Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ дар ин қабристони бародарӣ абадан хобанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ба мо маълум шуд, ки Гитлери хунхор шабе дар ин шаҳри зеботабиат хоб карда, доир ба гирифтани дунё, асир кардани мардум нақшае кашидааст.

Дар шаҳру ноҳияи Добел мардум баробари дигар шуғлҳо, ба гулпарварӣ меҳри беандоза доранд ва бо гулу гулдастаҳои гуногунранги худ гӯристони бародариро доимо ободу зебо медоранд. Мардум нағз медонад, ки шаҳидон барои имрӯзи фирӯз ҷон додаанд.

Баъди лаҳзае мо ба назди боғчае, ки дар байни он танки ҷангии соли 1944 дар баландӣ гузошта шуда буд, расидем. Ҷои хоса. Дарахтони сарсабз, гулу гиёҳ ва лавҳаҳои ёдоварӣ ба ин гӯшаи назди рӯдчае ҳусн мебахшанд. Роҳбалад асрори ин гӯшаро ба мо фаҳмонд. Маълум гардид, ки дар ин гӯшаи хоки Ватан дар чараёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз ҳама беш ҷанги танкӣ ба амал омадааст. Дар озод кардани Добел аз душман дигар қисмҳои армия буданд, аммо ҷангҳои танкӣ мақоми хосае доранд. Маҳз дар ҳамин ҷои шаҳр танкҳои мо қувваҳои душмани макорро несту нобуд карда, шаҳр аз дасти душман озод карда шудааст.

Дар назди ин муҷассамаи бошукӯҳ лавҳаи махсусест, ки дар ҳар як пораи сангу гили он хуни шаҳидон то ҳол истодааст. Дар ин лавҳа дар бораи корнамоиҳои ҳамаи 16 нафар қаҳрамонони Иттиҳоди Шӯравӣ, аз ҷумла ҳамдиёрамон Исмат Шарифов маълумот дода шудааст.

Дар назди ин ёдгориҳои таърихӣ боғи дилрабоест. Ин боғ дар арафаи 50-солагии комсомолии ленинӣ бунёд ёфта, дарахтонро собиқадорони Ҷанги Бузурги Ватанӣ шинонидодаанд.

Пешоҳангону комсомолони шаҳр ба ёдгориҳои давраи ҷангӣ ва нигоҳубини онҳо эътиқоди азим доранд. Мактабиён дар назди ин лавҳаҳои ёдгорӣ қасам хӯрда ба ташкилотҳгои пешоҳангиву ҷавонон дохил мешаванд. Аскарбачаҳо ваъда дода, дар ин ҷо қасами ҳарбӣ мехӯранд ва ба сафҳои артиши Шӯравӣ нағз хизмат карданро ӯҳдадорӣ мегиранд.

Ҳайати мо пас аз тамошою зиёрати дигар ҷойҳои таърихӣ ва шарафи ҷангӣ бо ҳозирин, хусусан аскарони тоҷик хайру хуш



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

намуда, роҳи шаҳри Юрмаларо пеш гирифт. Бегоҳӣ ба он ҷо расидем. Баъди наҳорӣи шомгоҳӣ ба истироҳат шурӯъ намудем.

## ҶАШНИ ЗОДРӮЗ ДАР ЮРМАЛА

Саҳарии 5 август. Савти паррандаҳои хушхон ба дили кас ҳаловат меовард. Вале мардуми фароғатгоҳҳо, ҳанӯз аз хоби ноз сар набрдоштаанд. Гоҳ-гоҳ аз роҳи калон овози мошинҳои роҳгузар ба хонаҳои истироҳатгоҳ, ба гӯш мерасад.

Авзои ҳавои оғози рӯз хира буд. Корвони абрҳои осмон шутурҳои роҳгузарро пеши назар меовард. Лаҳзае борон мебориду як дам пас ҳаво соф мешуд. Нозу нузи табиати пурсахои ин ҷо ба сокинон ва меҳмонон маълум аст. Мардум мудом тайёр мебошад, ҳамин, ки ҳаво борон борид, дарав ба болои сар чатр мегиранд. Ҳаво, ки аз бориш монд, боз чун пештара. Локин ҳаво нисбати дигар ҷоҳо хунук аст, имрӯз гармии ҳаво 16-18 дараҷа. Ба ин нигоҳ накарда, ҳама ҷо сабзу хуррам буда, ин мавсим айёми баҳорон моҳи апрел-май диёри кӯҳистонамонро пеши назар меорад. Боди форам аз тарафи халиҷи Рига вазида, накҳати гулу гиёҳи худрӯйро ба машом мерасонад.

Мо дар ду хонаи истироҳатгоҳи Яюнкемевеи шаҳри Юрмала мезистем. Ҳуҷраи мо: Раҷабалӣ, Неъматулло ва ман, хонаи Раҳмон Сафар, Ҳайдар Қосимов ва Ҳамрохон Расулов дар ошёнаҳои дуюми як бино буд. Дуртар аз мо рафиқони дигар, ҳамроҳони мо сукунат доштанд. Анна ҳамин саҳарӣ баробари кушода шудани чашми рӯз садои тақ-тақи дари мо ба гӯш расид. Чун дарро кушодем. Раҳмон Сафарро дидем.

— Ассалому алайкум, бародарон, - гуфт ӯ, - аҳволҳо? Нағз хоб кардед?

— Ташаккур, шукр, - гуфтем мо.

— Медонед, чӣ, имрӯз чӣ га паст?

— Не.

— Имрӯз рӯзи таваллуди ман.

— Табрик, муборак шавад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Ташаккур, раҳмати бисёр. Имрӯз, соати 5-и бегоҳӣ зиёфати зодрӯзи ман. Ба шумо як чизро фаҳмонданиам. Ба ҳамаи шумо супориш ва боз аз ҳамаи шумо мепурсам, ки нашавад барои ман ягон тӯҳфа бихаред. Хафа мешавам, сахт хафа мешавам. Як даста гул майлаш. Аз ин зиёд набошад.

Раҳмон Сафар моро огоҳ намуда, баромада аз паи кори худ рафт. Он рӯз мо аз саҳар то нисфирӯзӣ истироҳат доштем. Аз вақти холӣ истифода карда рӯзномаҳоямонро пур кардем.

Пас аз таоми нисфирӯзӣ дар якҷоягӣ маслиҳат карда, Давлат ва Муҳибуллоро ба бозор, барои харидани гулдаста ва сабзавот равон кардем. Дар мӯҳлати як соат мо дар ҳуҷраи Ойгул барои қайди зодрӯз ҷой ва шароит муҳайё намудем.

Ақрабаки соат ба 5 майл кард. Ҳама дар ҳуҷраи ишорашуда ҷамъ омадем. Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Ҳайдар Қосимов ба сухан оғоз кард:

— Рафиқон, нияти роҳи пешгирифтаи Раҳмон Сафар нек аст. Имрӯз ӯ зодрӯз дорад. Дар ин гӯшаи хоки дурдаст бори дигар заҳмати ӯро нисбати шаҳидони ҷанг мебинем. Шаҳидони намиранда ва ҷовидном...

Қаҳрамон баҳри ӯ орзӯҳои нек иброз кард. Санъаткор Ойгул Абдураҳимова барои Раҳмон Сафар чанд суруд хонд.

Камина ҳама эҳсосотамро нисбати соҳибҷашн бо ин шеъри шогирдона ифода намудам:

## МАРДИ РОҲ

*Фарзанди кӯҳистони ман,*
*Роҳат раҳу армони ман.*
*Баҳри вафо бо халқи худ,*
*Ту ҳастӣ шаъну шони ман.*
*Эй марди роҳу бозафар,*
*Номи хушат Раҳмон Сафар.*
*Дар панду дар илму амал,*
*Дар байни маи шерҷигар.*



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Аҷдоди ту монанди шер,*
*Восеътану марди далер.*
*Чун Исмату Сафар, чӣ хуш,*
*Таҳамтананду ҳам бамеҳр.*
*Эй марди роҳ, эй марди роҳ,*
*Бар мо бикун боре нигоҳ.*
*Табрик мегӯем туро*
*Бо зодрӯзат ин пагоҳ.*

Ҳамин хел ҷашни устод Раҳмон Сафар ҳамагӣ 45 дақиқаро дар бар гирифт. Ҳама ташкилӣ, маҳфил ва суханон оддӣ, пуртаъсир, орому хуб буданд.

Пас аз ҷамъомад мо ба сафар тайёр шуда, ба роҳи «Юрмала-Рига» баромадем. Ба диёри зебоманзари Латвия хайру мақдам гуфта, соати 12-и шаб аз шаҳри Рига ба поезди «Рига-Вилнюс» савор шудем.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# ҶУМҲУРИИ ЛИТВА

## ДАР ВИЛНЮС

6 август дар меҳмонхонаи «Вилнюс» ҷо гирифтем. Борон сим-сим меборид. Дар ин шаҳри бостонӣ тобистон боридани борон ҷои тааҷҷуб надошт. Баъди борон табиати шаҳр боз ҳам дилработар шуд.

Шаҳриёни ин ҷо маданияту фарҳанги баланд доранд. Ҳар як шаҳрванд таърихи кишвари худро хуб медонанд. Ободиву зебогии шаҳр гувоҳи меҳнатдӯстиву ватандӯстии сокинони он аст.

Шаҳр дар соҳили дарёчаҳои Нярис ва Вилни доман паҳн кардааст. Тавре, ки аз адабиёти хаттиву илмӣ ва нақли мардуми онҳо донистем, номи Вилнюс аз номи дарёи Вилни соли, 1323, пайдо шудааст. Асосгузори Вилнюс князи бузурги Литва Гйдиминас мебошад. Вақте, ки ба болои қалъаи қадима Гейдиминас (асрҳои XIV-XV), ки ба филиали музеи таърихӣ-этнографии Литва табдил ёфтааст, мебароӣ, тамоми ҳудуди шаҳр намоён мегардад.

Ҳар як бинои наву қадимаи шаҳр асрору таърихи махсус дорад, ки онҳоро мардум нағз медонад.

Ин қалъа дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ бахри мудофиаи шаҳр хизмат кардааст ва айни замон дар он ҷо нишонаҳои зиёди гитлерчиён дида мешавад.

Аз ҳуҷҷатҳои хаттии дар дасти мо буда ва нақлҳои роҳбаладамон маълум мегардад, ки дар ин шаҳри бостонӣ ёдгориҳои таърихӣ хеле зиёданд.

Пас аз тамошои бисёр ёдгориҳои таърихии шаҳр- қасру кӯшкҳо, қалъаву деворҳои қадима ба музеи ҷумҳуриявии таърихӣ-этнографии шаҳр ворид гардидем. Дар музей тамоми таърихи халқи Литва дар гуфтор аст. Мардум таърихи қадимаи худро нағз медонад ва ҳамеша гузаштаро ба имрӯза дар якҷоягӣ меомӯзанд.

Бузургии мардуми Литва боз дар он аст, ки ҳама ба таърихи худ эътиқод доранд ва хотираи гузаштагони худро пос медоранд.

Мазорҳо мисли кӯчаҳои шаҳранд. Ҳама тозаю озода, дар атрофи гӯрҳо гулҳои гуногунранг парвариш карда мешавад. Мардум



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

дар назди қабрҳо гулҳоеро мепарваранд, ки шабонгоҳ аз худ нур хориҷ мекунанд. Ин маънои онро дорад, ки ҷилои умри мардум хомӯш бошад ҳам, чароғи хотираи онҳо абадан фурӯзон аст…

Халқи литвонӣ баҳри ривоҷу тозагии забони модарии худ, таърих у фарҳанги худ ниҳоят мекӯшад. Ҳамаи навиштаҷоти шаҳр бо хат ва забони литвониянд.

Дар шӯъбаи китобҳои қадимаи музей бисёр ёдгориҳои қадима мавҷуданд, ки аз аввалин чопхона ва матбааҳои ин ҷо дарак медиҳанд.

Аввалин китобҳои ба забони литвонӣ чопшудаи андозаҳояшон калон-калон касро ба ҳайрат меорад.

Нисбати дӯст ва меҳмон хеле эҳтироми самимӣ доранд. Маҳз ҳамин наздикӣ, дӯстию бародарӣ ва ватанпарварӣ буд, ки дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ даҳҳо фарзандони дигар миллатҳо барои озод кардани халқи Литва аз чанголи гитлерчиён ҷони худро нисор карданд.

Корнамоиву шуҷоатҳои ҳамдиёронамон Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Сафар Амиршоев, собиқ вазири хоҷагии оби Тоҷикистон, подполковник Ёқуб Муҳаммадиев ва даҳҳо дигарон мисоли равшани ин гуфтаҳост.

## ДАР ГАРНИЗОНИ ШАҲР

… Афсар Леонид Владимирович Рудаков ҷамъомадро ба сухани муқаддимавӣ кушод. Ӯ дар бораи хизмати хуби аскарони тоҷикистонӣ Абдусаттор Ҷабборову Нуралӣ Раҳматови данғарагӣ, Нозир Мирзосаидови аштӣ, Шодӣ Муродови чубекӣ, Мирзоҳусайн Мирзоеви панҷӣ ба миннатдорӣ ҳарф зад. Дар гирдиҳамоӣ роҳбари мо нависанда Раҳмон Сафар сухан ронд. Ӯ дар бораи дӯстии вайроннашавандаи халқҳо ва доир ба фарзандони шуҷоъи халқи тоҷик Сафар Амиршоев ва Исмат Шарифов, ки бобҳояшон дар шӯриши Восеъ иштирок кардаанд ва худи онҳо дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ корнамоиҳои Восеъи бузургворро дар майдонҳои ҷанг, яке дар Литваю дигаре дар Латвия такрор намуданд, ҳарф зад. Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Ҳайдар Қосимов дар бораи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

корнамоиҳои мардуми Шӯравӣ дар давраҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ нақл кард. Нависандаи ҷавон- Неъмат Худойбахш ҳикояи ҳаҷвии худро ба ҳозирон хонд. Абераи Восеъ омӯзгор Раҷабалӣ Камолов зимни суханронии навбатӣ романи «Восеъ»-и устод Сотим Улуғзода ва як каф хоки зодгоҳи Восеъи шуҷоъро ба музеи гарнизон тақдим кард. Гирдиҳамоӣ шавқовару пурмазмун гузашт. Сипас сурудӯ рақсҳои тоҷикӣ дар саҳни қасри гарнизон садо дод. Кафкӯбиҳои ҳозирон дили санъаткоронро ба ваҷд овард. Бо ҳавои сурудҳои тоҷикӣ аскарбачаҳо-тоҷикҳо, ӯзебкҳо, русҳо, украинҳо ва дигар намояндагони миллатҳо ба саҳна баромада мерақсиданд. Пас аз консерти якҷоя музеи ҳарбии гарнизонро тамошо кардем ва ба зиёрати гӯристонҳои бародарии шаҳр раҳсипор шудем.

## МАЗОРИ АНТАКАЛНИС

Мазори бародарии Вилнюс дар як гӯшаи шаҳр воқеъ аст. Аз байни он роҳи калони мармарин мегузарад ва чун кӯчаҳои шаҳр тозаю зебост. Роҳи калон касро ба қисми аз ҳама болои қабристон, ки дар он ҷо дар назди ҳайкалҳои шаҳидони Ҷанги Бузурги Ватанӣ оташи ҷовид аланга мезанад, мебарад.

Аз ду тарафи роҳ, ки аз хамӣ ба боло меравад, турбати шаҳидон воқеъ аст. Дар тамоми ҳудуди гуристон бо як санъати хосае арча ва дарахтони дигар шинонда шудааст. Ҳамаи манзилҳоро гулҳои гуногуннавъу гуногуннамуд оро медиҳанд. Ба зами гулҳои сабзида дар назди турбати онҳо гулҳои тару тоза мегузоранд.

Аз нақли роҳбаладамон маълум шуд, ки дар ин гӯша дар замони ҷанги хонумонсӯз бештар аз 3 ҳазор нафар одам ба хок супорида шудааст.

Ҳангоми аз поён ба боло рафтан аз тарафи дасти чап дар гӯшае қабрҳо ва муҷассама-нимтанаҳои тамоми роҳбарони ҳизбиву Ҳукуматии ҷумҳурӣ бо як санъати баланд гузошта шудааст.

Мо қабрҳои аскарони номаълум, шаҳидони ҷангро зиёрат кардем. Дар сари ҳар қабр ҳамдиёрони худро меҷӯстем. Мепурсидем, бо маводҳои архивӣ муқоиса мекардем.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳангоми зиёрат мадфани подполковник Ёқуб Муҳаммадиевро пайдо кардем. Нависанда Раҳмон Сафар дар бораи ӯ ба мо чунин нақл кард:

Подполковник Ёқуб Муҳаммадиев собиқ комиссари халқии хоҷагии оби ҷумҳуриамон буд. Фаъолияти ҷангии ӯ бузург аст. Тавре, ки ҳуҷҷатҳои архивӣ шаҳодат медиҳанд, ӯ дар озодкунии шаҳри Вилнюс ҳалок гардидааст.

Корнамоиҳо, ҷонбозию далериҳои ин марди ҷасур, то ҳанӯз равшан нест. Боварӣ дорем, ки Ёқуб Муҳаммадиев ва ӯ барин даҳҳо фарзандони шуҷоъи халқи тоҷик, ки баҳри имрӯз ҷон додаанд, ҳеҷ гоҳ фаромӯш намешаванд ва корнамоиҳои онҳо дастраси омма мегардад…

## ЖИЖМАРЯЙ - ОРОМГОҲИ САФАР АМИРШОЕВ

Ҳамроҳи роҳбаладамон-инструктори калони шӯъбаи сиёсии комиссариати ҳарбии Ҷумҳурии Литва, подполковник Виктор Василевич Сомоловский ба роҳ баромадем. Дар масофаи начандон дур аз шаҳри Вилнюс аз тарафи дасти рост қабристони деҳаҳои атрофи шаҳр пеш меояд. Аз тарафи чап деҳае намудор мегардад. Мошине аз дарвозаи Каунас мегузарад…

Масофа аз шаҳри Вилнюс то деҳаи Жижмаряй 65 километр ва аз маркази ноҳияи Кашядорис 7 километрро ташкил медиҳад. Дар муддати начандон зиёд ба деҳаи Жижмаряй расидем. Моро дар саҳни идораи Шӯрои деҳа бо гулдастаҳо пешвоз гирифтанд. Дар Шӯрои деҳа митинг шуд. Пас аз ҷамъомад раиси Шӯрои шаҳрак Арведас Ионович Жибас бо раиси Шӯрои деҳа Мариона Вацевна Глабовичания албоми калонро доир ба Сафар Амиршоев ба даст гирифта, ҳамроҳи мо шуданд.

Жижмаряй ва деҳоти гирду атрофии он дар назар рангину гуворо менамуд. Табиати нозанини ин диёр ба кас рӯҳ мебахшид. Солҳои мудҳиши Ҷанги Бузарги Ватанӣ қисми зиёди он несту нобуд, шаҳру деҳот ба хок яксон гардида буданд. Ба хотири шаҳидони роҳи озодии давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар ин гӯша хоҷагии боғдорию ғулпарварӣ ташкил карда шудааст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Маркази деҳаи Жижмаряй. Дар ин ҷо як қитъа замини начандон калон ба чашм мерасад. Кас аз дур чӣ будани ин гӯшаро пай мебарад. Гирдогирд панҷара дорад. Вақте ки вориди он мегардӣ, ҳайкали мармарини баланде қомат афрохтаву лавҳаи бо забонҳои литвониву русӣ навиштаро мебиниву мехонӣ: Дар ин ҷо Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ сержанти калони гвардия Амиршоев Сафар (1912-16.07.1944) ва капитан Дубровин Михаил (1913-21.08.1944) дафн гардидаанд яке руссу дигаре тоҷик. Дар атрофии онҳо садҳо фарзандони халқҳои дигар абадан хобанд.

Пас аз ҷамъомади кӯтоҳакак, гулчанбаргӯзорӣ ва лаҳзаҳои хомӯшӣ яке аз роҳбаладони мо раиси Деҳшӯро М.В. Глабовичания ба нақл сар кард:

— Мо бо ному корнамоиҳои Сафар Амиршоев ифтихор дорем. Ӯ фарзанди ду халқу миллат: тоҷику литвонӣ ба ҳисоб меравад. Имрӯз кӯча, отрияди пешоҳангони мактаб, боғ ва дигар ҷойҳое, ки номи ин қаҳрамонро ба худ доранд, аз ҳар ҷиҳат намуна мебошанд,-гуфт, ӯ.

— Ду-се километр дуртар аз мо ҷои фавти ин қаҳрамон воқест,- ба гап ҳамроҳ шуд раиси Шӯрои шаҳрак А.И.Жибас, дар он ҷо ба хотири Сафар Амиршоев аз чӯби булут ҳайкал сохта шудааст. Мо боз бисёр корҳоро доир ба ин қаҳрамон ба анҷом хоҳем расонд.

Қабристони бародарии ишорашуда, ки ҳамдиёрамон дар он абадан хоб аст, гулистонро пеши назар меорад. Дар ин ҷо даҳҳо намуд гулҳои рангоранг парвариш меёбанд. Хонандагон дар ин ҷо қасам ёд карда, ба ташкилотҳои пешоҳангону ҷавонон дохил мешаванд. Мӯйсафедону пиразанҳои аз азобу оқубати ҷанг бохабар мудом хотираи шаҳидонро пос дошта, корнамоиҳои фарзанди ҷасури халқи тоҷик Сафар Амиршоевро ба ҷавонон талқин менамоянд. Дар шаҳри Вилнюс Нина Михайловна Диченко ном зан, собиқ ҳамшираи шафқат, лейтинанти гвардия зиндагӣ мекунад. Шавҳари ӯ командири қисме, ки дар он Сафар Амршоев хизмат мекард, буд. Нина Михайловна корнамоӣ, далерӣ, ватандӯстӣ, инсондӯстӣ барин хислатҳои ҳамдиёрамонро нағз медонад. Ӯ ҳар сол 9 май ба деҳаи Жижмаряй омада, дар сари қабри Сафар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Амиршоев се даста гули тару тоза мегузорад. Гулдастаи якум аз номи худаш, дуюм аз номи шавҳар ва сеюм аз номи тамоми халқи тоҷик.

Пас аз сӯҳбати тӯлонӣ аксбардорӣ оғоз шуд. Дар назди ҳайкали Қаҳрамони Иттиҳои Шӯравӣ Сафар Амиршоев расми Восеъи муборизро монда сурат гирифтем.

Байни зодгоҳи қаҳрамон- Заргар, Дараи Мухтор ва хусусан бозори Ховалинг робитаи доимӣ буд. Корнамоии ҳамдиёрамон Сафар Амиршоев давоми ана ҳамин корнамоиҳои Врсеъи шуҷоъ аст.

Дар арафаи ҷашнгирии 100-солагии Шӯриши Восеъ рӯҳи Восеъ бо Сафари ҷасур вохӯрд.

Корнамоиҳои Восеъи бузургвор ва Сафари ҷасур мисоли равшани ватандӯстию халқдӯстии мардуми мост.

## ВОХӮРИИ «ВОСЕЪ» БО «САФАР АМИРШОЕВ»

Тахминан ду-се километр дуртар аз деҳаи Жижмаряй ҳайкали аз чӯби булут тарошидаю ҳакокикардашудаи Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ Сафар Амиршоев воқеъ аст. Мо пас аз аёдати марқади қаҳрамон ба он ҷо раҳсипор гаштем. Ҳама ба гирдоби дарёи андеша фурӯ рафта буд. Ҳамроҳи мо Ойгул Абдураҳимова суруди зеринро, ки чанд рӯз пеш раҳо раҳ эҷод шуда буд, аввал паст-паст ва баъд баландтар бо маҳорати хуби сарояндагӣ замзама мекард:

*Аз бароят, эй Сафар, моён дуруд овардаем,*
*Расми Восеъи ҷасурро ҳам ба худ овардем,*
*Аз диёри халқи тоҷик, зодгоҳи Рӯдакӣ,*
*Даста-даста баҳри ту шеъру суруд овардаем…*

Ғарқи хаёл чӣ тавр ба назди ҳайкал омаданамонро нафаҳмидем.

— Ана ҳайкали баҳодури тоҷикон Сафар Амиршоев,-гуфт М.В.Глабовичания,- дар худи ҳамин ҷо қаҳрамонона ҳалок шуда-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

аст. Ин ҳайкалро устои кандакор, коргари совхозамон Капачунис Витас ба хотираи қаҳрамон ҳаккокӣ кардааст.

— Бале, бобои Витас ҳамаи корнамоиҳои Сафар Амиршоевро бо чашми худ дидааст,- илова кард. А.И.Жибас.- Ин марди ҷасур дар байни мардуми мо шӯҳрати беандоза дорад ва номаш чун қаҳрамони мардумӣ бо некӣ ба забон гирифта мешавад.

— Ин боғи пушти ҳайкал чӣ ном дорад? – пурсид яке аз ҳамроҳони мо.

— Боғи Лион,- ҷавоб дод А.И. Жибас.

— Ба фикрам Лион номи деҳа аст,- ба гап ҳамроҳ шуд подполковник В.В.Осмоловский.

— Ҳа, номи деҳа аст, деҳаи пеш аз ҷангӣ, - посух дод майор Ю.А.Бальсис, ки моро ҳамсафар буд.

— Дод аз дасти фашистони лаъин, - ашки чашмашро пок намуда, идома дод М.В.Глабоничания, - ин деҳаро валангон намуда, ҳамаро қир намуданд. Ҳоло аз деҳа нишоне нест. Дар ҷояш бесабаб боғ бунёд накардаанд. Аз роҳбарони совхози Кайшядорис хоҳиш намудем, ки дар озодкунии деҳаи ишорашуда ва мубориза барои фашистон чанд нафаре ҳалок шудаанд, ба миқдори ҳалокшудагон ниҳоли себ шинонда, парвариш карда шавад.

Себбоғи аҷоиб. Ҳамаи дарахтон, ки ба хотири шаҳидони давраи ҷанг шинонида шудаанд, имрӯз боровар гаштаанд. Сар ба навда мешикананд. Меваҳои сурх, дарахтони сабз, хоки сиёҳтоб, аҷаб таъсирбахш менамуд.

Дар ду тарафи ҳайкали қаҳрамон дарахтони мурут ва чинор воқеъ мебошанд. Мурут ҳам сар ба навда мешиканад. Чанор ҳам нашъунамои хуб дорад. Шояд ҳар дуи ин дарахтон асроре дошта бошанд. Зеро чунин дарахтон дар зидгоҳи қаҳрамон – деҳаи Заргар ва дигар гӯшаҳои Тоҷикистон месабзанд.

Пас аз сӯҳбат аксбардорӣ оғоз шуд. Дар назди ҳайкали Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ Сафар Амиршоев портрети қаҳрамони халқи тоҷик Восеъ, абераи ӯ Раҷабалӣ Камолов, Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ Ҳайдар Қосимов ва ҳамаи ҳозирон расм гирифтанд…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

16 июли соли 1944 буд, баробари дигар гӯшаҳо ба ноҳияи Фолкварк Леоново низ фашистон паи нопоки худро зи нав гузоштанӣ мешуданд. Мехостанд, ки ба ҷои равшанӣ торикӣ ва ба ҷои некӣ бадӣ ҳукумрон бошад. Пиру ҷавоноо асири марг намуда, шаҳру деҳотро несту нобуд месохтанд. Он рӯз танкҳои душман ба ноҳияву деҳаи Лион паи ҳам ҳуҷум карданд. Командир, сержанти калони гвардияи Сафар Амиршоев тӯпи худро ба тарафи душман гардонида оташ кушод. Ба самти камингоҳи Сафар Амиршоев 5 танки душман беист оташ кушода, ҳаракат мекарданд. Сафар Амиршоев дар ин вазъияти хафнок саросема нашуда, пайт ҷуст ва дар се навбати тирпарронӣ танки аввалро даргиронд. Ҳуҷум ҳамоно давом меёфт. Тири душмани маккор 4 нафар ҷавонони отделенияро маҷрӯҳ кард. Амиршоев низ захмӣ шуд. Бо маҷрӯҳии худ нигоҳ накарда, Амиршоев ҳамоно тирпаррониро давом медод ва танки дуюми душманро низ аз кор баровард. Танкҳои дигари душман роҳи гурезро пеш гирифтанд. Афсӯс, ки дар рафти яке аз ҳуҷумҳои баъдина снаряди душман ба болои тӯпи Сафар Амиршоев афтид ва ӯ дар гӯшае, ки мо ҳоло дар он ҷоем ва ҳайкали қаҳрамон қомат афрохтааст, аз дунё даргузашт. Қаҳрамонию далериҳои ҳамдиёронамон Сафар Амиршоев абадан боқӣ мемонад.

Сафари ҷавон корнамоиҳои ҳамдиёраш Восеъи шуҷоъро нағз медонист. Бобои ӯ ҳам дар Шӯришӣ Восеъ иштирок карда буд: Байни зодгоҳи қаҳрамон – Заргар, Дараи Мухтор ва бозори Ховалинг робитиаи доимӣ буд. Корнамоии ҳамдиёрамон Сафар Амиршоев давоми ана ҳамон корнамоиҳои Восеъ шуҷоъ аст. Инро Сафар Амиршое баръало ҳис мекард. Барои ҳифзи модар – Ватан ва номус то қатраи охирини хуни худ мубориза бурд. Дар арафаи ҷашнгирии 100-солагии Шӯриши Восеъ рӯҳи Восеъ ва Сафари ҷасур вохӯрданд. Ҳайкалу сурати ин ду қаҳрамон ба гуфтор омаданд. Занҷири ногусастании корнамоиҳои аҷдодонамон ва дӯстии халқҳои Ватан маҳкамтар васл карда шуд. Хоки диёри ҳарду қаҳрамон ба пояи турбат ва ҳайкали Сафар Амиршоев гузошта шуд ва аз он ҷо мо хок дар даст дорем...

Корнамоиҳои Восеъи бузургвор ва Сафари ҷасур мисоли равшани ватандӯстию халқдӯстии мардуми мост…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ойгул аз забони Саъдии бузург замзама мекард:

*Харобӣ зи бедод бинад ҷаҳон,*
*Чу бӯстони хуррам зи боди хазон.*
*Мадеҳ рухсатӣ зулм дар ҳеҷ ҳол,*
*Ки хуршеди мулкат наёбад завол…*

## ДЕҲАҲО ОБОДУ МАРДУМ ШОД

Сатҳи заминҳои совхози Кайшядорис ноҳамвор аст. Ҳангоми аз тарафи ғарб аз назди ҳайкали Сафар Амиршоев сӯи деҳаи Жижмаряй меравед, аз тарафи чап ҳавзе ҳаст. Аз ҷониби рост заминҳо ба воситаи қубурҳо обёрӣ шудаанд ва боғи сарсабзе намудор аст. Заминҳое, як замонҳо тиру туфангро дар бағал дошт, имрӯз ҳама гулзору чаманзоранд.

…. Дар боғ намудҳои гуногуни себҳо рӯ ба осмон қомат афрохта, бор овардаанд. Деҳаи Жижмаряй зебою дилрабо аст.

Ҳамаи биноҳои деҳаро устоҳои хоҷагӣ аз чӯб ё хишт сохтаанд. Мо аз поён то ба болои кӯчаи ба номи Амиршоев, ки 30 хоҷаги дорад, дидем. Бо сокинони кӯча ҳамсҳӯҳбат шудем. Зиндагии мардумро дидем.

Кӯча мисли дигар гӯшаҳои деҳа базеб. Хонаҳо аз рӯи нақша сохта шудаанд. Ягон ваҷаб замин бекор нест. Дар ҳар як участка 10-12 намуд маҳсулоти деҳқонӣ ва намудҳои гуногуни гулҳо ҳастанд. Гарду чанг нест. Дар деҳа танҳо нафақагирон равуо доранд, боқӣ ҳама дар кор. Нисфирӯзӣ ҳамаи коргарону механизаторон аз тарафи хоҷагӣ бе пул хӯрок мехуранд. Моҳи август, ки мо он ҷо будем, ҳамаи мактабиён дар лагерҳои тандурустӣ ва меҳнатӣ- истироҳатӣ ва кӯдакони хурдсол дар боғчаҳо буданд. Ба мактаб эътибори асосӣ дода мешавад. Як чиз диққати моро ба худ кашид. Дар пушти ҳар як хона як-ду флак гузошта шудааст. Ҳар як шахс 12 ё 15 сотиқ замини участкаи наздиҳавлигӣ ва 0,5 гегтар замини ҳамвор барои говаш чарогоҳ дорад.

Чун дигар ноҳияҳои назди Балтика ин ҷо низ говҳои сиёҳало ё зардалои зотӣ мавҷуданд. Мардум ба бисёр кардани чорвои



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

беманфиат машғул нест. Ҳар як хоҷагии шахсӣ як ё ду гов дорад. Говҳо дар чорогоҳҳи шахсӣ тавилаанд. Онҳоро рӯзе, ҳатто 2-4 бор ҳам медӯшанд. Шири говро дар флакҳои пушти хона мерезанд. Намояндаи хоҷагӣ омада флакҳои ширдорро мебарад, ҳисобу китоб мекунад. Ҳар як шахс аз як ё ду модаговаш соле бештар аз 3-4 ҳазор сӯм фоида мегирад.

Дар ин гӯшаи хоки дурдаст дӯздӣ, фиребгарӣ, қаллобӣ, изофанависӣ барин корҳои бад нест. Вақти кор кор асту истироҳат истироҳат. Ягон лаҳзаи умри мардум беҳуда намегузарад.

Моро мизбонон, ҳамроҳону роҳбаладонамон ба бисёр ҷойҳои ин хоҷагии миллионер бурда, ба кору бор ва зиндагии мардум шинос намуданд. Мактаби деҳаро тамошо кардем.

Бо мактабиён вохӯрдем, сӯҳбат кардем…

Дар байни хоҷагиҳои шахсӣ «Хонаи беҳтарин» ном озмун аст. Мо ба хонае рафтем, ки дар ҷамбасти нимсола ҷои аввалро гирифа, соҳиби мукофот гардидааст. Роҳбаладони мо М.В. Глабовичания ва А.И. Жибас доир ба ин таҷрибаи наҷиб нақлҳои зиёде кардаанд. Ҳақ бар ҷони онҳост.

Ба тамоми пешравии некуаҳволии халқ ғамхорӣ карда мешавад. Бо ҳамин василаи ҳавасмандкунӣ аз участкаи наздиҳавлигӣ ва чорвои шахсӣ самаранок исифода бурда мешавад. Дар мағозаҳои хӯрокворӣ тамоми намудҳои маҳсулот мавҷуд аст. Дар ҳар як деҳа нуқтаю иншоотҳои маданӣ-маишӣ мавҷуданд. Биноҳои онҳо аз тарафи хоҷагӣ сохта шудааст.

Мо дар «Хонаи беҳтарин», ки 15 сотиқ замин ҳота дорад, ба чашми худ бисёр чизҳоро дидем. Соҳиби хона Лукошявичус дар ҳақиқат меҳнатдӯст аст. Дар ҳотаи ӯ 20 намуд маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, 15 намуд гулҳои рангоранг нашъунамо ёфта, себ, нок, ангур, арча ва дигар навъи дарахтон месабзанд. Ҳама роҳравҳои байни хонаҳо асфалту сементӣ буда, пушти хонаҳо бо сабзаҳо ва гулҳо ҳархела зебу оро ёфтааст.

Директори совхоз Бронислав Копустис ном ҷавони серғайрат аст. Ӯ кордон, ӯҳдабаро ва меҳнатдӯст мебошад. Вақте ки мо бо ӯ оиди ба комёбиҳои хоҷагӣ пурсон шудем, вай чунин гуфт:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Мо фарзанди ҳамин диёрем. Соҳиби ҳамин замину обем. Бояд аз таҳти дил кор кунем. Некӯаҳволии мардумро ба дараҷаи олӣ бардорем. Нағз медонем, ки барои мо аз дигар ҷойҳо омада кор намекунанд. Мӯҳтоҷи ҳеҷ кас ҳам нестем. Диёри худро ободу зебо карда, нағз зиндагӣ мекунем. Фарзандонамонро дар ҳамин рӯҳия тарбия менамоем.

Суханони Копустис ҳақканд. Дар ҳақиқат мардуми ин диёр соҳиби замину об будани худро нағз медонанд. Некӯаҳволии мардум бо авҷи аълояш расидааст. Халқ аз ҳеҷ чиз танқисӣ намекашад. Ҳама қадри якдигарро нағз медонанд. Гузаштагони худро доимо ёдоварӣ мекунанд.

Нисбат ба шаҳидони Ҷанги Бузурги Ватанӣ эҳтироми бузург доранд. Дар бисёр қитъаҳои гулпарварӣ, ки мо дар он ҷойҳо будем, барои аёдати мардум ба қабристонҳо намудҳои гуногуни гулҳо парвариш карда мешавад. Хоҷагӣ танҳо аз ҳисоби гулпарварӣ соле бештар аз 0,5 миллион сӯм даромади соф мегирад. Ҳар як коргар ё механизатор моҳе 300-400 сӯм маош дорад…

Як чизи дигар маро ба ҳайрат гузошт. Раиси Шӯрои деҳа, раиси Шӯрои шаҳрак, роҳбари хоҷагӣ комиссари ҳарбии ноҳия, ки ҳамроҳи мо мегаштанд, ягонтоаш дар мошини давлатӣ не, дар мошинҳои роҳгузар аз як ҷо ба ҷои дигар мерафтанд. Ҳатто мошини махсус надоранд.

Маълум мегардад, ки мошинсавории беҳуда низ ба хоҷагӣ зарар меовардааст…

Мо аз деҳаи Жижмаряй, совхози Кайшядорис, ноҳияи Кайшядорис бо таассуроти калон ба шаҳри Вилнюс баргаштем.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# ДАР ҶУМҲУРИИ УКРАИНА

## ЛАҲЗАҲОЕ ДАР ГӮРИСТОНИ «БАЙКОВО», ДАР НАЗДИ ТУРБАТИ ҚАҲРАМОНИ ИТТИФОҚИ СОВЕТӢ САИДҚУЛ ТУРДИЕВ

Мо соати 9:30 дақиқа ба поезди «Рига-Киев» савор шудкем. Чун вориди сарзамини Украинаи бузург гардидем, нақлҳои ҳамсафарамон Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Ҳайдар Қосимов дили моро беқарор мекард. Чун аз назди соҳили Днепри ором мегузаштем, амаки қаҳрамон як-як набардгоҳҳои худро ба мо муаррифӣ мекард. Аз корнамоиҳои худ ва дигар муҳофизон ҳарф мезад.

Соати 12-15 дақиқаи рӯзи 9 август ба шаҳри Киев расидем. Аз вақт самаранок истифода бурда, дар мошинҳои кирокаш савор шуда ба сӯи гӯристони «Байково»-и шаҳр, ки турбати Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ, депутати Совети Олии СССР, собиқ комиссари зироати РСС Тоҷикистон Саидқул Турдиев он ҷост, раҳсипор шудем. Лаҳзае пас корвони мошинҳои сабукрав моро назди қабристони мазкур бурд. Аз бозори гулфурӯшӣ, ки дар қарибии ин гӯристон буд, рафта дастагулҳое харида омодаи зиёрат шудем. Чун вориди идораи гӯристон гардидем, моро гурӯҳе бо сардории мӯйсафеди нуроние пешвоз гирифтанд.

— Ладченко Николай Федорович,- худро шинос намуд, сардори пешвозгирандагон, директори мазори Байково.

Нависанда Раҳмон Сафар худ ва моро як-як шинос намуда, мақсади ташриф оварданамонро фаҳмонд ба Николай Федорович. Мо вориди идораи гӯристон гаштем.

Аҷоиб. Агар мо то ин лаҳза садҳо гӯристонҳои дар шаҳру деҳаҳо воқеъбударо дида бошем ҳам, акнун якум бор медидем, ки гӯристон даҳҳо утоқи корӣ, 70 нафар коркун дорад. Фаҳмидем, ки гӯристон таърихи бештар аз 400 сола дошта, дар шӯъбаву бойгониҳои махсус ҳуҷҷатҳо гузошта шудаанд.

Байни гӯристон роҳи калон ва аз ҳар як қитъа роҳи пиёдаравӣ мегузаранд.

Мардум авлоду аҷдоди худро нағз медонанд. Қабрҳои онҳоро нигоҳубин мекунанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Чун вориди утоқи кории Николай Федорович шудем, сӯҳбати мо қӯр гирифт.

— Ба мо қабри Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ, депутати Совети Олии СССР Саидқул Турдиев лозим, - илова намуд дар равиши сӯҳбат, роҳбари мо Раҳмон Сафар.

— Медонам, медонам,- гуфт сар ҷунбонида Николай Федорович ва суханашро идома дод. Ба ёдам ҳаст. Ҳамоне, ки соли 1972 қабри афсари номаълум буд ва бо ташаббуси афсаре, кӣ будани он шахс ёфт шуд, турбати ёдгорие бино кардем.

— Бале, бале, он афсар ҳамин манам. Чун ин суханҳо паси ҳам омаданд. Ҳар ду Раҳмон Сафвр ва директории гӯристон бродарвор ҳамдигарро дар оғӯш гирифта, аз нав самимона вохӯрданд.

Ба хаёлам дар участкаи 40-ум ин турбат ҷой дорад, гуфт Николай Федорович ва яке аз кормандонро супориш дод, ки ҳӯҷҷатҳоро бинад.

Чун ҳуҷҷатҳо муоина карда шуд. Аниқ гашт, ки турбати ин шаҳид онҷост. Мо 10-15 нафар якҷоя ба участкаи 40-уми гӯристон рафта, ба гӯрҳҳо барои кофтани турбат раҳсипор шудем. Дар ин участка ба кофтан шурӯъ намудем. Баъди ним соати кофтуков овози яке аз ҳамроҳонамон мухбир- суратгири ТАСС Сергей Жуков баланд шуд:

— Ёфтам, ёфтам, дигар накофта назди ман биоед.

— Хуб гуфтем, мо ва аз чор тараф сӯи Сергей Жуков омада, дар назди турбати қаҳрамони ҳамдиёрамон якҷоя шудем.

Аҷаб дунёе. Вақте рӯи турбати чунин бузургворро мебинӣ хурсанд мешавӣ, мурғи хаёлат ба дуриҳо парвоз мекунад…

Ҳамаи гӯрҳо лавҳаҳои ёдгорӣ доранд. Гирду атрофи гӯрҳо гулу гулкори карда шудаанд. Дар ин ҷойҳо гулҳое мерӯянд, ки қиммату зебо буда, дар шаб рӯшанӣ диҳанд. Қабрҳои ғарибон ҳурмати зиёд доранд. Тамоми ворисони қабрҳои наздик вазифадоранд, ки дар назди турбати ғарибон гул шинонанд ва ҳамеша гулҳои тару тоза гузоранд.

Мо инро дар мисоли турбати ҳамдиёрамон Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ Саидқул Турдиев аз наздик дидем.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар гирди турбати қаҳрамон ҷамъомади кӯтоҳакак баргузор гашт. Бо супориши роҳбарон лаҳзае ба ёди қаҳрамон хомӯш истодем.

Аз роҳи тайкардаи марҳум Саидқул Турдиев ҳамсафари мо Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ Ҳайдар Косимов бо ҳарорат ҳарф мезаду оби дида мерехт.

— Мо дар як моҳу соли июни соли 1943 ҳангоми гузаштан аз дарёи Денепр дар як ҷо ба гирфтани унвони Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ сарфароз гаштем. Ҳазор афсӯс,- гӯён оби чашмонашро пок карда, суханашро идома медод Ҳайдар Қосимов.- Ҳазор афсӯс, ки ман зинда мондаму ин бузургмард фавтид. Агар ӯ аз дунё дарнамегузашт, дар ҳаёти ӯ ва дар Тоҷикистони азиз саҳифаи дигаре ҷо буд....

Ҳамин тариқ дар назди турбати ин бузургвор, Қаҳрамонписари мардуми тоҷик як каф хоки диёраш ва зодгоҳи Қаҳрамони халқи тоҷик- Восеъ абадан гузошта шуд. Муаллиф як каф хоки назди турбатро бо худ бигирифт...

Сӯҳбати мо дар атрофи турбати ҳамдиёрамон хеле тӯл кашид.

Устод Раҳмон Сафар аз рӯзҳои гузашта, зиндагиномаву корнамоиҳои қаҳрамон дар деҳаи Хонободи Балҷувон, водии Вахши зарнисор, депутаи Совети Олии СССР, Комиссари зироати Ҷумҳурии Тоҷикистон будан, ҷонбозиву роҳҳои ҷангии ин фарзанди арҷманди халқи тоҷик мухтасар ҳарф зад. Дар бораи навиштани повести «Қаҳрамони Вахш ва Денепр», «Ирфон», 1982 ва бисёр паҳлӯҳои ҳаёту фаъолияти меҳнатӣ, сиёсӣ ва ҷангии ин қаҳрамон маълумот медод.

Ҳамяроқу ҳамхизмати марҳум Саидқул Турдиев Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ Ҳайдар Қосимов бошад, лаҳза ба лаҳза айнакҳои сиёҳро аз чашмонаш гирифта, оби дидаашро пок мекард. Беихтиёр ашк мерезонд ва лаҳзаҳои аз дарёи Денпер гузаштан ва озодкунии Киевро нақл мекард. Ӯ аз ҷумла гуфт, ки ҳангоми аз дарёи Денпер гузаштан ва барои озодкунии шаҳри Киев муҳорибаҳои шадиде ба амал меомад. Дар тамоми арзу тӯли ин дарёи бузург ҷанговарони мо ҷасуриву матонат нишон додаанд. Дар ин



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

набардгоҳҳо 2569 нафар ба гирифтани унвонии олӣ Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ мушарраф шуданд. Хушбахтона 5 нафар аз Тоҷикистони азиз мо дар ин задухӯрду набардҳо ба гирифтани ин унвон мушарраф шудем. Лейтенант Саидқул Турдиев, сержант Домулло Азизов, аскари қатории гвардия Токтасӣ Мирзоев, сержанти калон, даъватшаванда аз вилояти Ленинобод Ҳоваҷӣ Муҳаммад- Мирзоев ва банда. Ғайр аз мо, яке аз тоҷикписарони баҳодур Вилдон Саидович Ҳабиев аз вилояти Андиҷони Ӯзбекистон низ корнамоиҳои бемисл нишлн дода, ба гирифтани унвони олӣ Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ мушарраф шуд.

Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ Ҳайдар Қосимов ба дасташ хар як набардгоҳоро нишон дода, ба мо нақлҳои аҷоиб мекард…

Мо баъди муддати гуворои ҷамъомад, зиёрат ба назди турбати қаҳрамон гузоштани гулу гулчанбарҳо, мондани як каф хоки диёри ин шаҳид аз зодгоҳи Қаҳрамони халқи тоҷик - Восеъ, сӯҳбатҳои гуворову аксбардорӣ намудем.

Пас аз зиёрату хайрухушкунӣ бо вокзали роҳи оҳан рафта, озими шаҳри Курск шудем…



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# МУҲОРИБАИ КУРСК
## ДАР МАЗОРИ ИСМОИЛ ҲАМЗААЛИЕВ

Пас аз зиёрати оромгоҳи Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Саидқул Турдиев мо ба вокзали роҳи оҳан омадем. Аз сабаби набудани чипта амаки Ҳайдар Қосимову нависанда Раҳмон Сафар, мухбир-суратгири ТАСС Сергей Жуков ва муаллиф ба поезди «Киев- Свердловск» савор шудем. Дигарон якчанд соат пас ба сафар баромаданд.

Мо соати 1.10 дақиқаи шаб ба шаҳри Курск расидем. Ба амаки қаҳрамон ва Рҳмон Сафар дар меҳмонхонаи вокзал барои истироҳат ҷой гирифтем. Ману Сергей Жуков ба маътали дигар рафиқонамон дар вокзал истодем. Рафиқонамон соати 3.30 дақиқаи шаб бо поезди «Киев- Воронеж» омаданд. Мо ҳама дар меҳмонхонаи хурдакаки махсуси вокзали роҳи оҳани шаҳри Курск ҷой гирифта, шабро рӯз кардем.

Пагоҳии 10 август дар хобгоҳи коркунони иттифоқҳои касабаи вилояти Курск ҷой гирифтем. Аз рӯи нақша бегоҳӣ ба зиёрати қабристони бародарӣ равон шудем. Гӯристони бародарӣ дар кӯчаи ба номи Добролюбови ноҳияи Ленини шаҳр воқеъ аст.

Вақте ки ба қабристон даромаданӣ шудӣ, боғи зебои нозанини, гулистону бӯстонро мебинӣ. Аз дарвоза ворид шудӣ, майдончаи начандон калони фаршаш мармарин пеш меояд. Аз се тараф гулҳои гуногунранг намудоранд. Арча ва дигар дарахтони сарсабз ба зебогии қабристон ҳусн зам мекунанд.

Дар рӯ ба рӯи даромадгоҳ лавҳаи ёдгорӣ воқеъ ва дар назди он ёдгорӣ суханони неке доир ба корнамоию шарафи шаҳидон ба чашм мерасад. Дар рӯ ба рӯи лавҳаҳои ёдгорӣ қабрҳои калон-калони шаҳидон, ки дар сангҳои мармарини пеши ҳар яки онҳо ному насабашон сабт ёфтаанд, воқеъ аст.

Мо бештар аз се соат дар қабрҳо ҳамдиёрони худро ҷӯстем. Дар яке аз қабрҳои калон номи Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Исмоил Ҳамзаалиевро ёфтем. Номи қаҳрамони ҳамдиёрамон аз бари болои ҳамаи шаҳидон бо ҳарфҳои фарққунандаи калон-калон навишта шудааст. Пас аз зиёрат, гулдастагузорӣ ва аксбардорӣ дар



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

назди оромгоҳи Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Исмоил Ҳамзаалиев ба ҷустуҷӯю зиёрати дигар ҳамватанонамон шурӯъ намудем.

Дар ин мазори бародарӣ даҳҳо ҳазор шаҳидони роҳи озодӣ хобанд. Ҳангоме, ки ба ҳар як санги мармари сари турбати бародарӣ менигарӣ, номи садҳо ҷанговарони шаҳидро мебинӣ.

Дар қисми чапи даромадгоҳ, давоми қабристон ҳудуди зиёдеро фаро гирифтааст. Ҳама ҷо тозаю озода, тамоман гулистону бӯстон. Қабристон ҳамеша обод аст. Мардум доимо шаҳидонро ёд мекунанд. Ба зиёрати хешу табор омада, онҳоро обод нигоҳ медоранд. Гӯристон аз рӯи нақша бунёд ёфтааст. Тамоми қитоъаҳои он ба ҷараёни электрикӣ таъмин мебошад. Шабона гӯристон чароғистон аст, касе хоҳад ба зиёрат меравад.

Дар аксар лавҳаҳои мармарини сари турбати шаҳидони ворисдор чунин суханон ба чашм мерасанд:

«Ором бихоб, мо туро ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунем», «Осуда бош, ту дар қалби мо абадан зиндаӣ», «Дӯсти азизам, дар қалби ман зиндаӣ», «Ором бихоб, падари азиз, мо туро ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунем». Чунин навиштаҷотҳо хеле зиёданд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки мардум қабри хешу табори худро кофтукоб мекунад, меёбад, ворисӣ мекунад. Доимо зиёрат карда онро обод нигҳ медорад ва фарзандони худро дар рӯҳияи ватандӯстӣ, инсонпарварӣ ва садоқатмандӣ тарбия мекунанд. Намегузоранд, ки ба рӯи қабр қоғаз ё барги дарахте афтад ва ё касе по ниҳад.

Вақте ки мо ҳамдмёрони худро ҷустуҷӯ мекардем, одамон, гурӯҳ-гурӯҳ ба аёдати хешу таборашон меомаданд. Ҳангоми ҷустуҷӯи мо гӯрӯҳе ким-чӣ пай бурда наздамон омаданд. Наталя Ивановна Федорова ном зане, ки дар ҷустуҷӯи бародараш буд, зеҳн монда, пурсид.

— Шумо киро меҷӯед ва ӯ дар кадом қисм ҳалок шудааст.

— Ҳамдиёронамонро.- ҷавоб додем мо.

Занак пеш омада, сӯҳбати мо кӯр гирифт. Вақте ки Раҳмон Сафар он рӯзҳои тираю тор, аз муҳорибаи Курск бо ҳарорат ҳарф зад, занак гиря кард.

Аз гуфтугӯи ҳар ду маълум мегашт, ки падари ӯ дар ҳамин қабристон гӯронида шудааст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Мо пас аз иҷрои нақша ба хобгоҳ рахсипро шуда, ҳамсӯҳбатони мо ҷустуҷӯро давом доданд.

## ДАР РОҲ

Дар муҳорибаи Курск аз ҷумҳуриамон ду нафар ба гирифтани унвони олӣ- Қаҳрамони Идтиҳоди Шӯравӣ мушарраф шуданд. Яке Исмоил Ҳамзаалиев ва дигаре Ҳодӣ Кенҷаев.

Як чанд рӯз пештар аз шаҳри Душанбе ба воситаи телефон гуфта буданд, ки мо бояд ба Курск, ба маҳаллаи Прохоровка равем. Чунки Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Ҳодӣ Кенҷаев ба он ҷо хоҳад омад.

Саҳарии 11 август мо аз шаҳри Курск азми сафари маҳаллаи Прохоровкаи вилояти Белгород (ин ҷо дар айёми ҷанг ба вилояти Курск дохил мешуд) шудем. Дар поезд ба роҳ баромадем.

Офтоби оламоро бо нурҳои салибмонанди худ оламро мунаввар мекард. Мардуми дохили вагон дар равуо буда, бо якдигар сӯҳбат мекарданд. Аз тиреза табиати афсункор боз ҳам гуворотар ба чашм мерасид. Аз ду тарафи роҳи оҳан анбӯҳи ҷангалзорон бо рангинии табиат ҳусн мебахшид. Нурҳои офтоб дар қатраҳои шабнами болои майсаҳо акс ёфта, пурҷилое ба чашм мерасиданд.

Дар курсии ман мӯйсафеди пире нишастааст, ки ҳар як сухани ӯ аз дидаю амали иҷрокардааш башорат медиҳад. Ӯро ҳамроҳонаш Василий Флипович ном мебурданд. Вай бо ҷавонон дар бораи муҳорибаи Курск бо ҳарорат ҳарф мезад.

— Шумо аз кадом гӯшаи ин ватанед?- пурсидам аз Василий Флипович.

— Аз ҳамин Курск. Хуни нофам дар ҳамин ҷо рехтааст, - ҷавоб дод ӯ.

Ҳамин тавр поезд бо сурат ба пеш мерафту сӯҳбати мо бо он мӯйсафед қӯр мегирифт.

— Шумо дар давраи ҷанг чӣ кор мекардед?

— Ман партизан будам.

— Чӣ корҳоро иҷро менамудед?

— Панохгоҳ мекандем, ба армияи Шӯравӣ ёрӣ мерасондем.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ба душман мубориза мебурдем, ҳар гоҳ, ки аз ҳамин ҷо гузарам, як чиз ба хотирам меояд, ҳу, анна дар он ҷо,- бо дасташ ишора карда мӯсафед нақлашро идома медод,- бо машақатҳо паноҳгоҳ мекандем, корро буд мекардем, ки душман онро мегирифт.

Боз кандани паноҳгоҳро дар дигар ҷойҳо давом медодем. Тир дар боли сарамон чун жола мерехт. Тоқат мекардем мубориза мебурдем. Барои ҳифзи ватани худ ҷонамонро дареғ намедоштем.

— Дар бораи ҷавонони имрӯза чӣ гуфтаниед?

— Ҷавонони имрӯза, ман албатта ҷавонони диёри худро дар назар дорам, чун бобою падаронанд. Боодобу хушахлоқ. Ба Ватан ва ҳифзи он эҳтироми бузург доранд ва мо онҳоро дар рӯҳияи инсондӯстию ватандӯстӣ тарбия мекунем. Ҳар ваҷаб замини Курск барои мо ва фарзандони мо азиз аст.

— Дар бораи душман чӣ мегӯед?

— Душман, душман аст. Агар пеш ояд накушиаш, туро мекушад. Алаббата ӯ хотир намебинад. Ана 20 миллион нафар одам гуҷо шуд? Онҳо қурбони нияти бад ва амали душман гаштанд. Агар онҳо намемурданд….

— Аз замони ҷанг ягон дарахт мондааст, ки он нишонаи тири душман дошта бошад?

— Не, чунин дарахтон нестанд. Дар он рӯзҳои мудҳиш дарахтонро барои пӯшонидани паноҳгоҳҳо ва дигар иншоотҳои мудофиавӣ тамоман бурида буданд. Ҷангал ҳам дар он солҳо ёрии калон расонд

Мо ба маркази ноҳияи Прохоровка, ки аз шаҳри Курск 110 километр дурӣ дорад, соати 11.20 дақиқа расидем.

Дар комитети ҳизбии ноҳия моро пешвоз гирифтанд. Котиби якуми комитети комсомолии ноҳия Виктор Алексеевич Рязанов ба мо роҳбалад шуд.

Ӯ гуфт, ки Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Ҳодӣ Кенҷаев ба кадом сабабе аз Душанбе ба ин ҷо омада натавонистанд...



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

## ДАР НАБАРДГОҲҲОИ ТАНКӢ

Кор аз рӯи нақша идома дошт. Роҳбалад моро дар мошини сабукраве аввал ба қабристони бародарии маркази ноҳия бурд. Ӯ дар бораи муҳорибаи Курск, ёрии партизанҳо ба Армияи Сурх, ҷонбозию мардонагии аскарони Шӯравӣ бо ҳарорат ҳарф зад.

Чи тавре, ки аз нақли Виктор Алексеевич ва сарчашмаҳои таърихи маълум аст, тобистони соли 1943 фашистони истилогар пас аз мағлубшавиашон дар Сталинград қарор доданд, ки бояд қасос гиранд. Онҳо дар наздикии Курск қувваи калоне ҷамъ оварданд: 900 ҳазор аскар, қариб 300 ҳазор танк, 10 ҳазор тӯп, зиёда аз 2 ҳазор самолёт ва ба миқдори муайян дигар намуд яроқу аслиҳа.

Қувваи Армияи Сурх аз душман бартарӣ дошт, вале ҳайати фармондеҳии мо ба қарор омад, ки бояд душман аввал ба ҳуҷум сар кунад.

Бо ёрии разветка ва партизанҳо маълум гардид, ки немисҳо 5 июл ба ҳуҷум сар мекунанд.

Барои суст гардонидани фишори душман, 2 соат пештар аз ҳуҷуми гитлерчиён артиллерия ва авиатсияи мо ба сари душман оташ резонд. Душман ба талафшавии худ нигоҳ накарда, ба масофаи чанд километр ба мавқеъи мудофиавии мо зада даромад. Муҳориба оғоз ёфт…

Ана мо дар қабристони бародари Прохоровка. Дар ин ҷо ҳазорҳо шаҳидони бегуноҳ, ки баҳри ҳифзи хоки муқаддаси ватани худ ҷон додаанд, абадан ором мехобанд. Дар байни номҳои дигар халқҳои бародар, ному насабҳои бисёр тоҷикон сабт ёфтаанд.

Имрӯз ин гӯристони бародарӣ ба гулистон табдил ёфта, яке аз манъбаҳои тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии насли наврас ва мардум ба ҳисоб меравад. Сайёҳони мо пас аз зиёрату ба сари оромгоҳҳои шаҳидон гулдастагузорӣ ба роҳ баромаданд.

Дар наздикии Прохоровка теппачаест, ки он тахминан 3 метр баландӣ дорад. Теппача назаргоҳ буда, аз ҳама қисмҳо муҳричаҳо дорад ва яке аз ёдгориҳои давраи ҷангӣ ба шумор меравад. Дар масофаи тахминан 3 километр дурӣ аз он мемориали танкие бино ёфта, дар наздаш боғ бунёд ёфтааст. Танки давраи ҷангӣ…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Чӣ тавре, ки аз таърихи Ҷанги Бузурги Ватавнӣ маълум буд ва роҳбалади мо Виктор Алексеевич ҳикоят кард, дар ин ҷо моҳи июли соли 1943 задухӯрди калонтарини танкӣ (нахустин дар таърих) ба амал омадааст. Дар ин задухӯрд аз ду тараф 1200 танк иштирок намудааст. Майдони ҷанг, ки пештар ғаллазор буд, аз оташи тиру тӯп сӯхта хокистар шуд.

Ҳавзаи калони дегмонанд, ки онро хати камоншакли Курск меноманд ва тахминан 20 киломнтри мураббаъро дар бар мегирад, аз сӯхтор тарҳашро дигар карда буд.

Дар задухӯрди ҷангӣ дар ин теппаҳо садҳо танкҳо аз кор мебаромад, оташ гирифта месӯхт. Аз ду тараф чунон ҷанг шиддат гирифт, ки шумораи танкҳо кам шуданд. Ба сари одам қирон омад. Қариб ҳама несту нобуд шуд. Аммо ҳамоно ҷанги байни танкӣ идома меёфт. Дар охир ҷанги тан ба тани танк ба танк сар шуда, хеле давом кард. Танкҳо аз дур омада ба ҳам чун гӯсфандони шохдори ҷангмекардагӣ мезаданд. ана дар ҷое, ки мо ҳоло дар назди яке аз он танкҳои Шӯравӣ истодаем, ҷанги тан ба тани танк ба танк ба фоидаи танкҳои мо анҷом ёфтааст.

Мо пас аз аёдати ин гӯшаи хоки мукаддаси Ватан ба «Баландии 226,6», ки аз ёдгории ишоракардаамон 2-3 километр дуртар, дар тарафи офтобшин воқеъ аст, раҳсипор шудем.

## «БАЛАНДИИ 226,6»

Заминҳои Курск ва вилояти Белгород ноҳамворанд. Ин ҷо талу теппаҳои бисёр дорад. Худи шаҳри Курск ҳам дар замини ноҳамвор доман густурдааст.

«Баландии 226,6», ки «Баландии марг» ном гирифтааст, чӣ маънӣ дорад?

Яъне ҳамин теппа аз сатҳи баҳр дар баландии 226,6 метр ҷойгир аст. Аз он ҷо заминҳои нисбатан пасттар пурра метобанд. Аммо роҳи болои он касро боз ба теппаҳои баландтар мебарад.

Ин баландии таърихӣ сиёҳзамин аст. Дар ҳудудаш дархтонро намебинӣ. Замини ҳосилхез. Ҳар сол ғаллаи фаровон медиҳад.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар замони ҷанг мавсими ҳосилро душмани ғаддор ба лонааш-шаҳри Берлин равон кардааст.

Ҳангоме, ки баландӣ мебароӣ, як нуқтаи зебоманзаре назар-рабоӣ мекунад. Чун назди он рафтӣ, мебинӣ, ки он ҷо ҳотачаест ва гирдогирдаш бо панҷара маҳкам карда шуда, гулҳои ҳархела шукуфтаанд. Дар лавҳаи мармарини байни он чунин навишта шудааст: «Дар ин майдон 11-12 июли соли 1943 полки дивизияи 95-уми тирандози гвардягӣ дар муҳорибаи бузурги ҷанги танк бо танк корнамоӣ нишон дода, душманро мағлуб кардааст.

Шарафи ҷовид ба шумо, рафиқони ҳамярок. Аз совети ветерантҳои дивизияи 95-уми тирандозӣ. Майи соли 1985».

Чӣ тавре, ки дар боло ишора шуд, дар задухӯрдии ин гӯша ҳазорҳо нафар шаҳид шуданд. «Ватан» гуфта ҷон доданд. Хун резонда, бо нимтанагии худ нигоҳ накарда ҷангиданд. Хуни одам ҷӯйбор барин ҷорӣ шудааст.

Баъди аёдати шаҳидон, гулдастагузорию аксбардорӣ дар замини ғаллае, ки навакак шудгор шуда буд, сӯҳбати ҳозирин хеле тӯл кашид.

Аз ҳуҷҷатҳои архивии дасти мо маълум гардид, ки дар ин ҷо дар як рӯз, 12 июли соли 1943 бештар аз 3 ҳазор нафар аскарон гӯронида шудааст, ки зиёда аз 700 нафари онҳо тоҷиконанд.

— Оё, дар деҳаҳои шумо мӯйсафедону занҳои ҷангдида ҳастанд?- пурсид аз роҳбалад Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Ҳайдар Қосимов.

— Бале ҳастанд. Онҳо нақл мекунанд, ки дар ин ҷо хуни одам ҷӯйбор шуда мерафтааст. Одам мисли санги сангоб мурда мехобид. Дар байни онҳо низ шахсони нимҷон будаанд. Ҳамаи мурдаҳои ин ҳудуд дар ҳамин ҷо гӯронида шудааст.

— Дар ҳамин ҷойҳо чунин қабристонҳо ҳастанд?

— Ҳа ҳаст. Дар деҳаҳои Карташовка, Весёлий,- бо дасташ нишон дода гуфта Виктор Алексеевич,

— Дар Прохоровка 3 то чунин қабристонҳост, чӣ хеле ки худатон онҳоро дидед.

— Мардум чӣ тавр нисбати шаҳидон таваҷҷӯҳ доранд?



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

— Эътиқоди ҳамаи мо бузург аст. Хайр, ана бинед. Дар ин баландӣ гулу гулкории қабристон нишонаи эътиқод мебошад.

Мардуми мо худашон пас аз муҳориба ҳамроҳи аскарҳо ин шаҳидонро гӯрондаанд.

Ҳамин тавр сӯҳбати ҳамроҳони мо дар ин баландӣ хеле тӯл кашида ва пас ба сӯи деҳаи Карташовка, ки тахминан аз ин ҷо 2-3 километр дур аст, раҳсипор шудем.

## ҲАВЗИ АСРОР

Дар байни теппаҳои «Баландии 226,6» ва деҳаи Карташовка ҳавзи начандон калоне воқеъ гардидааст. Гирдогирди ҳавзро қамиш печонда. Ҳавз аслан аз чашмаи серобе иборат аст, ки оби он ҷорӣ аст. Дар ин ҷо Асрор Аслонов ном тоҷикписаре борҳо душманоро ба ҳалокат расонидааст. Асрор айёри қисм буд. Вақте, ки душман дар назди баландии ишоракарда мавқеъ гирифт, қувва ва сирри душманро фаҳмидан лозим меомад. Командири қисм вазъиятро ба аскарҳо фаҳмонда пурсид.

— Кӣ ба назди ҳавз рафта аз сирри душман хабар меорад?

— Ман меравам,- овоз баровард Асрор.

— Майлаш, лекин эҳтиёд бикун.

— Хуб камандир, хуб,-гӯён Асрор ба ёрии қисми худ тайёр шуд. Бегоҳӣ Асрор гаваккашон ба назди ҳавз рафта ба худ ҷои муносиб ҷӯст.

Аскарони душман ба корҳои худ машғул мешуданд. Онҳо вақте, ки аспҳояшонро аз назди ҳавз обдиҳӣ меоварданд, Асрор ба дохили ҳавз медаромад ва худро пинҳон мекард. танҳо найе, ки онро барои нафасгирӣ дар даҳонаш мегузошт, дар болои об зардӣ мекард. Аскарони душман аз ин вазъият чизе пай набурда, аспҳои худро об дода, гашта ба ҷойҳои худ мерафтанд. Пас аз лаҳзае Асрор аз таги об баромада, боз ба омӯзиши фаъолияти душман сар мекард. Ҳамин тавр, ин ҷавони боғайрат аз субҳ то шом айёрӣ намуда, асрори душманро ба қисми худ мефаҳмонд. Бо ҳамин роҳ душманони маккор аз ин хоки пок несту нобуд карда шуда буданд. Вале боз бори дигар онҳо қувваи худро ҷамъ



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

намуда, ба ҳамла гузаштанд. Ҳавзи ишоракардаро мардуми деҳаи Карташовка «Ҳавзи Асрор» ном мебаранд…

## ДАР ДЕҲАИ КАРТАШОВКА

Ҳине мо ба қабристони бародарии деҳаи Карташовка расидем, ақрабаки соат ба 1-и рӯз майл мекард. Гирдогирди гӯристон бо панҷара маҳкам карда шудааст. Дар байни он ҳайкали ёдгорӣ ва дар гирди ҳайкал турбатҳо менамуданд. Дар ин ҷо дар як рӯз бештар аз ҳазор нафар гӯронида шудааст, ки зиёда аз 400 нафари онҳо тоҷиканд.

Ҳамроҳони мо ба ҷустуҷӯ сар карданд. Ҳуҷҷатҳои архивӣ дар дасти роҳбарамон Раҳмон Сафар. Дигарон бошанд, дар кофтуков.

— Бафоев Пина,- овоз баровард Ҳамроҳхон Русулов.

— Ку, бин, муаллим, ҳамин тоҷик бошад?

— Бале, тоҷик аст. Ана, мехонам. Бафоев Пина, аз ноҳияи Исфара…

— Ғоибов Кенҷа чӣ,- овоз баровард Қаҳрамони Идтиҳоди Шӯравӣ Ҳайдар Қосимов, ки онсӯтар номҳоро аз санги сари гӯрҳо меҷӯст.

— Ин ҳам тоҷик аст. Ғоибов Кенҷа низ аз Исфара мебошад. — Ба карточкаи архивии дасташ дида дӯхта, овоз баровард Р. Сафар.

Ҳамин тариқ дар натиҷаи ҷустуҷӯ Қосимов Мақсуд (аз Исфара), Аброров ва танҳо бо ҳарфи «А» ному насаби 15 нафар тоҷикон аз ин ҷо ёфт шуд.

Дар лабони ҳозирин табассум сайр мекард. Зеро онҳо дар ин ҷо қабри даҳҳо шаҳидонро ёфтанд, ки доир ба онҳо ҳӯҷҷатҳои архивӣ дар даст аст.

Аз гуфтугӯй ва ҳаяҷони мо кампире, дар хавотир шуда ба наздамон омад. Он кас аз ҳамин деҳа буда, хонааш 2 метр дуртар аз ин қабристон буд.

— Марҳамат, марҳамат, маро шинохтӣ,- овоз баровarда бо ӯ ба гуфтугӯ даромад Р. Сафар.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

— Ҳа, шинохтам. Ана акнун фаҳмидам. Шумо порсол об пурсида будед. Ба шумо об додам.

— Бале, медонӣ чӣ, ман он рӯз ташна нею гӯшна будам. Ҳамина нафаҳмидӣ?

— Не, нафаҳмидам.

— Он рӯз аз роҳи хеле дур пиёда омада, дар ҷустуҷӯ будам.

Вале дар паи кофтуков маро пай набурдед.

— Хайр, ҳозир хурду хӯрок биёрям, чӣ?

— Не, ташаккур, шӯхӣ мекунам.

Ҳамин тариқ гуфтугӯи Раҳмон Сафар ба он зан қӯр гирифт. Пас маълум шуд, ки кампир Олга Николаевна Малахова ном зодаи ҳамин диёр аст.

— Шумо он рӯзҳои тираю торро дар хотир доред?

— Албатта, ин як умр аз хотирам намеравад. Ман на танҳо ҷангро дидам, балки шоҳиди гӯронидани худи ҳамин шаҳидҳоям. Ба чашм дидаму бо даст гӯронидам. Анна чанд номе, ки ёфтед мурдаи онҳоро ман худам дар ин манзилгоҳҳо гӯронидам.

— Он вақт фарзанд доштед?

— Бале, ду фарзанд, яке писару дигаре духтар. Ҳоло ҳам ҳастанд. Шавҳарам дар ҷанг буд. Ҳоламон зор. душман моро чӣ азобҳое надод.

— Ҳоло ҳам шавҳарат дар қайди ҳаёт ҳаст?

— Не, афсӯс, ки нест. Ӯ маъюб шуда аз фронт баргашт. Лаънат ба душмани маккор, ки шавҳарам пас аз ҷанг аз зарби ҷароҳати баданаш аз дунё даргузашт.

— Ҳоло дар чӣ ҳолед?

— Ҳазор бор шукр, зиндагиамон хуб аст. Ҳеҷ камбудие надорам.

— Нисбати ин мазор чӣ мегӯӣ?

— Чӣ мегуфтам. Раҳмати Худо ба ҳамаи ин шаҳидон. Агар онҳо дар ҳифзи озодии имрӯзаи мо мубориза намебурданду ҷон қурбон намекарданд, агар армияи тавонои мо намебуд, ҳоли мо чӣ мешуд…

Ҳамин тавр кофтуков ва сӯҳбати мо хеле тӯл кашид. Мо ба мазорҳои бародарии деҳаҳои Весёлий, Картошовка, «Баландии



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

226,6», Прохоровка, ки онҳо ҳудуди муҳорибаи Курск ва хатти камоншакли Курскро дар бар мегиранд, падруд гуфта, ба кумитаи ҳизбии ноҳияи Порхоровка раҳсипор шудем. Дар ин ҷо хӯрок хӯрда, моро ба поезди «Белгород- Курск» гусел намуданд.

Рӯзи 12 август музеи «Муҳорибаи Курск» ва дигар ҷойҳои таърихӣ ва шарафи ҷангиро тамошо карда, соати 7.30 дақиқаи бегоҳӣ ба поезди «Курск-Москва» савор шуда, соати 4-и шаб ба шаҳри Москва расидем.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# ШАҲРИ ҚАҲРАМОН
## ДАР МУЗЕИ ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲИ ИҶШС

Дар меҳмонхонаи «Звёздный»-и шаҳри Москва ҷой гирифтем. Бегоҳӣ ба тамошои стансияи телевизионии «Останкино», ки дар наздикии ин меҳмонхона аст ва дигар ҷойҳои шаҳр рафтем.

Рӯзи 14 август ба тамошои музеи Қувваҳои Мусаллаҳи ИҶШС баромадем. Дар назди музей бо аскарбачаҳои тоҷикистонӣ вохӯрда, аксбардорӣ намудем.

Дохили музеи Қувваҳои Мусаллаҳи ИҶШС хазинаи бузургу нодиреро мемонад. Аксар экспонатҳои он нишонаи ҷанги хонумронсӯз, ёдгориҳои мардони майдон муҳофизони Ватананд, ки аз онҳо бӯи хун бӯи ҷонбозию қаҳрамонҳои бемислу монанд ба машом мерасад. Он рӯзҳои тираю тор ба ёд меомад:

Душмани ғаддор охирҳои тирамоҳи соли 1941 ба Москва наздик шуда буд. Пойтахти Ватанамон он айём намуди ғайриоддие дошт. Шабонгоҳон аз тирезаҳо чароғон равшанӣ намекарданд. Одамон дар кӯчаҳои шаҳр намегаштанд.

Дар гирду атрофи шаҳр иншоотҳои мудофивӣ сохта мешуд. Чунин ватандӯстӣ, баҳодурию ғайратмандӣ буд, ки аввали моҳи декабри соли 1941 Армияи Шӯравӣ таҳти фармондеҳии генерал Г.К. Жуков ва И.С.Конев ба ҳуҷум гузашта, душмани маккорро сӯи ғарб ронд, ки нахустин шикасти гитлерчиён ва ғалабаи лашкари Шӯравӣ ба шумор меравад. Бо ҳамин яке аз нақшаҳои Гитлер, ки бояд 7 ноябри соли 1941 лашкари худро аз Майдони Сурх бо намоиш мегузаронд, барбод рафт.

Ҳангоми муҳорибаи Москва ҳазорҳо одамони Советӣ баҳри озодии пойтахти ватан ҷонбозиҳо кардаанд. Комсомолони қаҳрамон Зоя Космодемянская, Лиза Чайкина ва Александр Чекалинро кӣ намедонад, корнамоиҳои ин ҷавонони бебоки Ватан оиди ҳифзи Москва беинтиҳою бебаҳо аст.

Вақте ки доир ба корнамоиҳои аскарони Сурх аз баъзе гӯшаҳои осорхона мутолиа мекардам, роҳи ҷангии як ҳамдиёри маҷрӯҳи худ пеши назар омад. Ин кас маъюби гурӯҳи якум аст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ӯ дар ҳамин муҳорибаи Москва иштирок карда, дар ҳмон сол аз як даст ва як пояш маҳрум гаштааст.

Маъюби гурӯҳи якум, аз деҳаи Шехони ноҳияи Ховалинг марҳум Сайвалӣ Мирзоев, ки то солҳои наздик бо дасту пои ориятӣ умр ба сар мебурд, дар хоҷагии ҷангали «Ховалинг» боғбонӣ мекард. Ӯ доимо он айёми тираю тор, ки 50 сол пештар дидаю амал карда буд, ба ёд меовард. Он рӯзҳоро ба ҷавонон нақл карда онҳоро ба ватандӯстию инсондӯстӣ ҳидоят менамуд.

Роҳбалад моро ба ҳар як гӯшаи қисми музей шинос карда, бо ҳарорат ҳарф мезад.

— Ана ин пулмиёти яке аз фарзандҳои далери халқи тоҷик Мирзо Бобоҷонов аст,- гӯён роҳбалад моро ба роҳи ҷангии Мирзо Бобоҷонов шинос намуд…

Дар назди пулмиёти ҷанговари шуҷои тоҷик Мирзо Бобоҷонов чунин навишта шудааст: «Пулмиёти системаи Максим»-и сержанти калони гвардия М. Бобоҷонов. Ӯ бо ин пулмиёт роҳи бузурги ҷангӣ аз Днестр то ба Одер рафтааст.

Аз моҳи апрели соли 1944 то моҳи феврали соли 1945 Мирзо Бобоҷонов бо ин яроқаш 248 аскару офитсери немисро нест карда, 19 пулемиёти душманро аз кор баровардааст. Фарзанди баҳодури халқи тоҷик Мирзо Бобоҷонов бо ду ордени Байрақи Сурх, Ордени Шараф дараҷаи 3 ва дигар мукофотҳо қадр карда шудааст...».

## НИГОРАИ «№1098, 1944 № ВК.265»

Пас аз тамошои музей, гӯшаҳои ҳамдиёронамон Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Набӣ Акрамов ва Александр Мироненко ба назди самолёту танкҳо ва дигар яроқу аслиҳаҳои давраи ҷангии осрхона, ки дар пушти бино воқеъанд, рафтем. Дар музеи Қувваҳои Мусаллаҳи ИҶШС мо дар лаҳзаҳои гуногун аксбардорӣ намудем.

Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Ҳайдар Қосимов доир ба ҳар яроқи давраи ҷангӣ нақлҳо намуд, онҳоро ба мо, хусусан ба даъватшавандаи ҳарбӣ Муҳибулло Файзалиев фаҳмонид.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Пас аз тамошои музеи ишорашуда ба Майдони Сурх, ба ҷое, ки дар он ҷо деҳқонони шӯришгар Степан Разин ва Емелян Пугпчёв ба қатл расонида шудаанд, рафтем. Дар ин гӯша ба ёди ин деҳқонони шӯришгар ва фарзанди қаҳрамони халқи тоҷик- Восеъ аксбардорӣ намудем. Ин рамзи он аст, ки имрӯз дар арафаи 100 солагии Шӯриши Восеъ рӯҳи Разин, рӯҳи Пугачёв ва рӯҳи Восеъ, ки барои беҳшавии зиндагии мардум, озодии оммаи халқ аз ҳуҷуми золимон ба қатл расонида шудаанд, бо ҳам ошно гарданд. Портрети Восеъ дар ин қатлгоҳ ҷилва карда, як каф хоки зодгоҳи Восеъ Дараи Мухтор хотири шаҳидони роҳи озодиро "шод" намуд. Занҷири идеяю фикрҳои пешқадами онҳо ба ҳам "пайваст" шуд. Насли навраси имрӯза бидонад, ки онҳо як маром, як мақсад ва як қисмат доштанд...

Мо аз 13 то 17 август дар шаҳри Москва будем. Дар ин муддат мавзлоеи В.И.Ленин. қабристони назди Кремл ва бисёр ҷойҳои таърихии шаҳрро дидем. Дар қисмҳои ҳарбӣ бо аскарон вохӯрда, аз нақшаҳову саёҳати худ сӯҳбатҳо оростем. Ҳарбиён аз амали мо хурсанд мешуданд.

## ВОХӮРӢ ДАР ИДОРАИ РӮЗНОМАИ «КРАСНАЯ ЗВЕЗДА»

Сафар анҷом меёфт. Моро дар шаҳри Москва раиси Кумитаи собиқадорони ҷангу меҳнат генерал- полковник, Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ А.С.Желтов, сармуҳаррири рӯзномаи «Красная Звезда» генерал –лейтенант Иван Митрофонович Панов қабул карданд. Генерал -полковник А.С.Желтов дар вохӯрӣ суханҳои нек гуфта, хотиррасон намуд, ки ин саёҳату вохӯриҳо, ки давоми корнамоиҳои Восеъро тараннум менамояд, рӯҳу қувваҳои аскаронро ҳангоми хизмати Ватан дучанд мегардонад.

Хусусан вохӯрие, ки бегоҳии 15 август дар кабинети кории генерал-лейтенант И.М. Панов баргузор гардид, пуртаъсир буд.

Мизи мудаввар баргузор гардид:

**Раҳмон Сафар**: Саёҳони мо аз рӯи нақша 26 июл ба сафар баромада, то ин рӯз ҳудуди 7 ҷумҳуриҳои бародариро тай наму-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

да, ба сари оромгоҳи садҳо ҷанговарони Тоҷикистон гулчанбару гулдастаҳои тару тоза гузошт. Салому паёми мардуми тоҷикро дар арафаи 100 солагии Шӯриши Восеъ ба сокинони шаҳрҳои Москва, Ленинград, Киев, Рига, Вилнюс, Курск, Смоленск, Уляновск ва ғайраҳо расонд…

**И.М.Панов**: Хуш омадед. Ин роҳи тайкарда, ин сафари шумо зеби достонҳост. Бояд бигӯям, ки чунин сафар дар таърихи Ватан аввалин аст. Миннатдорам ва боиси хурсандист, ки чунин саёҳатро дар Тоҷикистон ташкил кардаанд. Инро тарғиб бояд кард. Мо низ ба воситаи рӯзнома оиди ташкил кардани чунин сафар масъала хоҳем гузошт.

Агар розӣ бошед, як чанд савол диҳем. Аввалан шумо дар даст харитаи Тоҷикситонро доред? Дуюм. Шумо аз кадом сину сол ва касбҳо ба сафар баромадед?

**Р.Сафар:** Харитаи сиёсии СССР-ро дар даст дорем. Даъватшаванда, Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ, нависанда, журналист, омӯзгор, санъаткор, ҳама сину соли гуногун доранд.

**Н.Худоибахшов**, журналист: Доир ба Тоҷикситон дар саҳифиҳои рӯзнома «Красная Звезда» мақолаҳо кам дарҷ мегарданд. Шароитҳои мактабҳои мо чандон хуб нест. Хонандагон дар ду -се баст дар мактаб таҳсил мекунанд. Аз ин рӯ даъватшавандаҳо забони русиро суст медонанд.

**И.М.Панов**: Гилаи шумо ҳақ аст. Аммо ин ба шумо журналистон вобаста аст. Марҳамат бисёр нависед, кӯшиш мекнем, ки мақолаҳо чоп кунем. Сайъ менамоем, ки дар Тоҷикситон ягон мухбирамонро вобаста кунем. Дар хусуси даъватшавандагон надонистани забони русӣ гуфтед. Ин дуруст аст. Аммо ман дар як чиз ҳайронам. Дар ҷумҳурии шумо на танҳо забони русӣ балки забони модарии худ-забони тоҷикиро суст медонанд. Мо дар ин бобат аз Пленуми КМ ПК Тоҷикситон материал чоп карда будем…

**Шумо марҳамат карда бигӯед, ки дар равиши сафар чӣ гунна камбудиҳоро дидед?**

**Ҳайдар Қосимов**, Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Дар равиши саёҳат дидем, ки қабристонҳои бародарӣ бисёр хуб нигоҳубин карда мешаванд.Ҳама гулзоранд. Турбатҳои Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Исмат Шарифов, Сафар Амиршоев, Саидқул Турдиев, Исмиоил Ҳамзаалиев ва дигарон ба манбаҳои тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ табдил дода шудаанд. Аммо дар Курск дар «Баландии 22,6» аз 700 нафар тоҷик, ки аз ҳуҷҷатҳои архивӣ бармеояд, номи танҳо 10-15 фоизи онҳо навишта шудаасту халос…

**Борис Григоревич Худлеев**, подполковник, корманди рӯзнома:

Алоқа, рафтуомад бо оромгоҳи шаҳидон зарур аст. Ана чунин походҳо ташкил карда шаванд. Мардум шаҳидонро ҷустуҷӯ кунанд, алббата ягон нафар одам, ки дар ҳифзи хоки Ватан аз дунё даргузаштааст, гумном намемонад.

**И.М.Панов**: Имсол дар мактабҳои олӣ, хусусан Институтҳои тарбияи ҷисмонӣ факултаҳои тайёрии ибтидои ҳарбӣ кушода шудааст. Дар ин факултаҳо шахсони хизматкарда, хусусан ҷавононе, ки дар ҳудуди ҷумҳурии Афғонистон хизмати Ватанро адо кардаанд, қабул карда мешаванд, чунин ҷавонон қадру қимати шаҳидонро нағз медонанд ва онҳоро ба таври хуб ҳамаҷониба бояд тайёр кард…

Сӯҳбати мизи мудаввар хеле тӯл кашид, сӯҳбати хеле муфиду шавқовар баргузор гардид.

Дар охир сармуҳаррири рӯзномаи «Красная звезда» И.М.Панов дар рӯзномаҳои Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Ҳайдар Қосимов ва санъаткор Ойгул Абдураҳимова оиди ҷараёни поход сатрҳои самимӣ сабт намуд…

Мо бегоҳии 17 август бо шаҳри қаҳрамони Москва хайрухуш карда, ба тайёраи «Ту-154» савор шудем ва роҳи шаҳри Душанберо пеш гирифтем.

Рӯзи 18-уми август, бегоҳи ба Ховалинг рафтем. Моро дар фурудгоҳи ҳавоӣ пешоҳангон ва дигар одамон бо гулу гулдастаҳо пешвоз гирифтанд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

## ШАРОРАҲОИ МАҲФУМИ ЗИНДАГӢ, БАНИ ОДАМ АЪЗОИ ЯКДИГАРАНД

Ба дунё омадану аз он даргузаштан амри таъриху табиат аст. Инсон ҳам ҳамин ду лаҳзаи мавҷудоти асосӣ дорад аз ин рӯ, замон ва макони тавлиду фавт барои шахс ва ворисони ӯ бояд аниқ бошад. Ҳар як узви ҷамъият бояд донад, ки ӯ кист, аз кадом қавму наҷот аст ва падару бобояш дар куҷост. Турбати аҷдодону дӯстони худ дар куҷоянду дар чӣ ҳоланд. Айни замон мо ба қавми фавтида, ёру дӯстон, шаҳидони Ватан беътиборӣ зоҳир мекунем.

Таклиф мекардам, ки ҳангоми таваллуди кӯдак ҳатман намояндаи ҳукумати маҳаллӣ кӯдакдорро муборакбод намуда, доир ба ғамхориҳои беғаразонаи ҳукумат ба волидайни кӯдак маслиҳат бидиҳад. Мавриди фавт низ бо иштирок ва роҳбарии чунин одамон ба амал биёяд. Алоқаи чунин одамон, ки бояд мутасаддӣ бишанд, дар ин ду маврид бо мардум мустаҳкам бошад…

## ТУРБАТСОЗӢ ҲАМ САНЪАТ АСТ

Пас аз зиёрати бисёр қабристонҳои бародарии шаҳрҳои Ленинград, Рига, Велнюс, Киев, Курск, Москва ва даҳҳо шаҳру деҳоти дигари Ватанамон фикре доимо қалби маро реш мекунад. Дар ҳамаи қабристонҳои шаҳрҳои ишорашуда ва дигар шаҳру деҳот, ки дидаам, меҳру муҳаббати инсондӯстию рафоқат, қадру қимати одамӣ бараъло ҳис карда мешавад. Ҳамаи қабристонҳо ба гулистон табдил дода шудааст. Дар ягон қабристон ҷангу гардро намебинӣ. Мардум мурдаи худ ва дигар халқҳоро ворисӣ мекунад.

Ҳама шаҳидони роҳи озодии Ватан-модар, ки дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз дунё даргузаштаанд, дар қабристонҳои бародарӣ гӯронда, атрофи қабрҳо пурра гулзор карда шудаанд. Дар бисёр вилояту ҳукуматҳо ба хотири фавтидагон хоҷагиҳои гулпарварӣ ташкил карда шудааст. Мардум ба гулпарварӣ шуғли беандоза доранд. Барои фавтидагону шаҳидон санги мармар барин чизҳоро дареғ намедоранд. Қабристонҳо аз рӯи нақша сохта



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мешавад, байни қабрҳо ҳама роҳи мармарӣ аст. Дар сари ҳар як қабр лавҳаи мармаррин ё аз он ҳам хубтар гузошта шудаанд. Дар сари қабри роҳбарони ҳизбиву шӯравӣ, шаҳидони ворисдори Ҷанги Бузурги Ватанӣ нимҳайкал, расмҳо бо суханони нек сабт ёфтаанд. Пешоҳангону ҷавонон ва даъватшавандагон дар назди турбати падару бобоёни марҳуми худ қасам ёд мекунанд.

Аз ин рӯ, мардум халқи худ, миллати худ, таъриху зебопарастиҳои халқи худро дӯст медорад. Аз гузаштаи худ бохабаранд. Рӯзҳои истироҳат ба аёдати хешу ақрабо мераванд. Бисёр қабристонҳо бо чарғҳои электр мунаввар гардонда шудаанд. Қадру қиммати инсон бисёр баланд аст. Мо қариб дар ҳамаи қабристонҳои бародарии шаҳру деҳоти ишорашуда дар даст расм дорем. Ҳато ҳангоми иштироки фаъолонаи мактабиён ё дигар коллективҳо дар маъракаи ҷаноза ба воситаи рӯзномаҳои маҳаллӣ миннатдорӣ баён мекунанд. Мо ин фикрро амалан дар шаҳри Уляновск дидем ва дар рӯзномаи вилоятии «Уляновская правда» мутолиа кардем…

Дар мо ҳолат чӣ тавр аст?

Ба ҳама маълум. Рафтуомад ба қабрстонҳо нест. Аҳён-аҳён одамон набошанд, дигарҳо қабри падару бобоҳои худро намедонанд. Солҳою моҳҳо гузаранд ҳам, ба аёдати онҳо намераванд. Қабрҳоро соҳиби намекунанд. Дар баъзе ҷойҳо ҳамин, ки мурда гӯронида шуд, як чанд муддат пас дар болои қабр гову мол мечаранд, ҳатто маркаб тавела карда мешавад.

Бо вуҷуди ғамхориҳои ҳукумат оиди «Ҳафтаи поси хотир» ва умуман, нигоҳдорӣ, обод кардану обод нигоҳ доштани қабристонҳо аз тарафи мо, одамон тамоман беътиборӣ мушоҳида карда мешавад.

Дар диёри мо «Хафтаи поси хотир» сатҳӣ гузаронида мешавад.

Тарзи турбатсозии мардуми мо хуб нест. Чӣ тавр? Қабрҳо дар ду намуд сохта мешаванд: шомӣ ва чӯбин. Бинобар сабаби бо чӯбҳои на чандон хуб аз қабили сафедор пӯшонидани турбат он дар як муддати кӯтоҳ вайрон мешавад. Қабри шомӣ низ аз ин бадтар аст. Дар ҷое, ки мурда мехобад холӣ буда, шафати он, ки теппачаи хок дорад, ҳурмату эҳтиром карда мешавад. Ҳоло он ки



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мардум на ба болои он теппачаҳои хок, балки ба ҷое мераванд, ки дар зери пои онҳо инсон абадан хоб аст.

Мардуми мо дар бораи бунёд, намуд, санъати гӯрсозӣ ҳурмату эҳтиром нисбат ба турбатдор намедонанд. Дар ягон музей ё дигар ҷойҳои дахлдор харитаи мазорҳо вуҷуд надорад. Мо ин фикрҳоро қариб дар ҳамаи музейҳои ҷумҳуриҳои назди Балтика мушоҳида кардем. Як мисол, вақт ки ба музеи таъриху кишваршиносии шаҳри Вилнюс меравед, аввал харитаи қабристонҳои асри XI-XII то асри XX, истиқоматгоҳҳои одамони ҷамъияти ибтидоиро мебинед. Мардум гузаштаи худро нағз медонанд ва ба он эътиқоди комил дорад.

Баргардем ба санъати гуристонсозии ниёгони худамон. Шаҳри Мунки давлати Хатлони бостониро мисол мегирем. Ба мушоҳидаҳо, тадқиқоти мо танҳо дар ҳудуди ин шаҳри кӯҳна бештар аз 12 қабристон мебошанд ва онҳо аз ҳамдмгар фарқ мекунанд.

Қисме аз онҳо бо хишти пухта сохта шудаанд, ки ҳоло ягон пораи хишт ё устухони мурда вайрон нашудааст. Гайр аз ин намудҳои дигари турбатсозӣ истифода шудааст, ки касро ба ҳайрат меандозад…

Зарур аст, ки ба ободии гӯристонҳо эътибори ҷидди дода шуда, дар ин бобат мардум, ташкилотҳои дахлд ва мутасаддиҳо аҳамияти даркорӣ диҳанд.

## ҚАДРИ ШАҲИД КУ?

Кас гузаштаи бойю ғании мардуми худ, корнамоиву қаҳрамониҳои ҳамдиёрон ва оромгоҳҳои шаҳидони ҷангҳои шаҳрвандӣ ва Бузурги Ватаниро пеши назар меорад, беихтиёр ба ҳайрат мемонад. Як мисол. Мо 100-солагии Шӯриши Восеъро бо тантана қайд кардем. Ин кори шоён аст. Дар бораи шӯриши Восеъ шоирону нависандагон ва олимон бисёр варақҳо навиштанд. Аммо, ки медонад, ки оромгоҳи Восеъ дар куҷост?

Дар Шаҳрисабз, ё дигар ҷо. Ин маълум нест. Касе ҳам ба равшан намудани ин масъала эътиборе надодааст ва фикр ҳам надорад…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Чи тавре ки аз ёдгориҳои таърихӣ ва бисёр олоту асбобҳои ҷангии ниёгонамон, ки дар дасти мо маҳфузанд ва аз сарчашмаҳои таърихӣ маълум аст, Ховалинг як гӯшаи хурди давлати Хатлон дар гузашта нуқтаи пуриқдори ҳифзи Ватан ҳисоб меёфт. Бисёр ғоратгарон дар ин ҷо борҳо шикаст хӯрда буданд…

Вақте ки марқади Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Сафар Амиршоев, Исмат Шарифов, Саидқул Турдиев ва дигар шаҳидони роҳи озодиро дар ҷои ҳалокгардидаашон мебинию муқоиса мекунӣ, дар диёри қаҳрамони шаҳид беэътибории калон нисбати ин шахсони муътабар ҳис карда мешавад. Мисол меорем. Сафар Амиршоев дар деҳаи Жижмаряй, совхози «Кайшядорис», ноҳияи Кайшядориси Литва қаҳрамонона ҳалок шудааст. Аҳли деҳаю хоҷагӣ доир ба ӯ чӣ кор кардааст? Аввалан ҳайкали ӯ дар маркази деҳа, дар байни қабристони бародарист. Ба номи ӯ отряд, дружинаи пешоҳангон, кӯча ва ғайра аст. Дар ҷое, ки қаҳрамон фавтидааст аз чӯби булут ҳайкали ӯ бо ҳаккокии зебое қомат афрохтааст. Дар пушти ҳайкал ба шарафи Сафар Амиршоев ва ҳамяроқони ӯ себбоғи аҷоибе бунёд карда шудааст.

Зодгоҳи Сафар Амиршоев деҳаи Заргар, ки ҳоло дар Ҷамоати ба номи Лоҳутии ноҳияи Ховалинг воқеъ аст, дар чӣ ҳол мебошад? Оё, дар зодгоҳи қаҳрамон ба хотири ӯ ёдгорие бунёд кунем ё чорабиние ташкил кунем, кори хайр намешавад?

Дар таҳҷои хонае, ки қаҳрамони ишорашуда ба фронт баҳри ҳифзи хоки Ватан, имрӯзи фирӯзи мо рафтанд ва мо хушбахтона зиндагонӣ мекунем, гову мол мечарад. Ба ин касе эътибор намедиҳад. Қадри шаҳидону қаҳрамонон ку? Дар гапу коғаз?

… Мо хоки муқаддаси зодгоҳҳои қаҳрамонони шуҷоъро ба сари қабри онҳо чун рамзи эътиром ва пайвастани занҷири меҳри ногусастанӣ гузоштем. Аз он ҷо низ хоки турбати онҳоро овардем…

Зарур аст, ки зодгоҳҳои қаҳрамонон ба нуқтаи зиёратгоҳи мардум табдил дода шаванд. Занҷири карахтию барҷомондагиро шикаста, ин нуқтаҳо ба манбаи тарғиби тарбияи ҳарбӣ- ватандӯстӣ табдил ёбад. Зеро гуфтаанд, ки агар ба гузашта аз таппонча тир парронӣ, оянда, ба ту аз тӯп тир мепарронанд. Агар мо имрӯз чунин ба гузаштагони худ бо назари беэътиборӣ нигарем, дар оянда ба мо аз ин бадтар мекунанд…



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# ҶАШНИ САИД

Маркази ноҳия - шаҳраки Ховалинг ва деҳоти ашрофи он намуди идона дошт. Шиору навиштаҷотҳо оиди истиқболи ҷашни фархундаи 100 солагии Шӯриши Восеъ ҷо-ҷо ба чашм мерасид. Дар лабони хурду калон табассаум сайр мекард.

Мардуми таҳҷоӣ ҳар рӯз аз рӯзномаву маҷалла, радиову телевизион оиди ҷашнгирӣ ва паҳлӯҳои норавшани Шӯриши Восеъ маводҳо мутолиа намудаву дидаву шунида, ҳама ҳушу гӯш буданд.

Инак, он рӯз фаро расид. Аз нимаи дуввуми рӯзи 27 август меҳмонон аз гӯшаву канори Ватанамон ба Ховалинг раҳсипор мешуданд. Дар сари роҳҳо дар ҷойҳои муайян меҳмононро гулдухтарон, пиру барно бо нону намак пешвоз мегирифтанд. Дастаҳои ҳаваскорони мактабу муассисаҳои фарҳангӣ бо барномаҳои ҷолиби созиву навозии худ хотири ҳозиронро шод менамуданд. Роҳи мошингарди Кӯлоб-Ховалинг симои дигар дошт. Дар ҳарҷоҳарҷои ин роҳ ва роҳи Ховалинг - Чуқурак мудом садои мусиқии ҳаваскорони санъат ба гӯш мерасиданд. Охирин дастаҳои ҳунариву гулдухтарон пероҳани зебо ба бар карда бо мизбонони ташнаи истиқболи меҳмонон дар Чойхонаи майдончаи чорводарбеҳкунӣ, қариби саргаҳи таҳдашти Ховалинг меистоданд.

Инак, 28 август. Оғози рӯз. Ҳаво софу беғубор. Ҳамин, ки офтоби оламоро аз болои кӯҳи Чилдухтарон баромада ба атроф нурпошӣ кардан гирифт, маҷрои истиқболгирии ҷашни фархундаи 100 солагии Шӯриши халқ бо роҳбарии Восеъи баҳодур торафт фурӯзонтар мешуд. Иди ҳақиқи оғоз меёфт. Бахусус, хиёбони нав, ки ба наздикӣ номи Восеъро гирифта буд, ба гулистону сумблистони ҳақиқӣ табдил ёфт. Дар назди ҳар як дарвозаи сари роҳ кату мизҳо, дастурхонҳои идонаи пурнозу неъмат густурда буданд. Даъвати сокини хиёбон Усто Абдураҳмон Неъматзода кайҳо ҷомаи амал пӯшида буд. Мизбонон бо чеҳраи кӯшоду лабони пурханда омодаи пешвозгирии меҳмонон буданд. Дар симои ҳар яки он ворисони Восеъи бузургвор буданашон дар гуфтор буд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Чилчанори таърихӣ низ аз ҳаррӯза равшантар буд. Аллакай меҳмонони зиёде он ҷо сайр мекунанд. Дар шафати варзишгоҳи, совхози «Ховалинг» ошпазҳои номии ноҳия ба хусус, хоҷагиҳои «Ховалинг», «Восеъ», Деҳшӯрои «Ховалинг» даҳҳо дег монда, ба пухтани хӯрокиҳои лаззизу бомазза сар карданд.

Ин гӯша, ки дар паҳлӯи хиёбони ба номи Восеъ воқеъ аст, тарҳи дигар дорад. Баробари гӯшаи хӯрокҳо, гирду атрофи варзишгоҳро бо як тартиби хоса мағозаҳои сайёр бо маводҳои ба намоишу фурӯш гузошта, рангин мекарданд. Мардум баробари сайру саёҳату истироҳат чизҳои хосаи даркории худро мехариданд. Равуои мардум беист идома дорад. Рафтуомад бо либосҳои идона, маводҳои намоишӣ ва табиати гирду атроф аҷаб зебову гуворо менамояд.

Имрӯз саросари роҳи Лоҳути-Ховалинг симои дигар дорад. Дар ду тарафи ин роҳи бештар аз 10 километра меҳмононро дастадаста пешоҳангону ҷавонон, гулдухтарони чаканпӯш, сокинони деҳаҳои сари роҳ, аз ҷумла аз Лоҳутӣ, Тагиҷар, Токаку Даҳани Шол, Чепол, Доробӣ, Хонаҳоқу Шаҳри Мунк, Шехмизону Ҷонбахт ва Дараи Мухтор бо дастурхонҳои пурнозу неъмату файзу баракати диёр пешвоз мегирифтанд. Меҳмонон аз дуру наздики ҳар як гӯшаи кишвари тоҷику беруни он ба диёри Восеъи қаҳрамон меомаданд.

Ақрабаки соат ба 10 майл кард. Аз рӯи барномаи пешакӣ муайянкардашуда қатори мошинҳои меҳмонон аз шаҳраки Ховалинг ба тарафи Дараи Мухтор- зодгоҳи Восеъи бузургвор раҳсипор шуд. Меҳмоноро мардуми канори роҳи Ховалинг Дараи–Мухтор бо гулу гулдаставу дастурхонҳои пурнозу неъмат истиқбол гирифта, хайрамақдам менамуданд. Корвони мошинҳо, истиқболи мизбонон ба табиати гуворои атроф ҳусни зебои нав зам мекард. Хурсандӣ дар лабони хурду калон сайр карда мурғи хаёли онҳо ба дуриҳо парвоз менамуд. Симои Восеъи далеру ҳасафони он дар пеши кас хаёлан намудор мегашт. Мисраҳои шифоҳии халқ ба ёд меомад:



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

*Восеъ газост имрӯз,*
*Ҷон мубталост имрӯз.*
*Гавғои рӯзи маҳшар,*
*Бар фақерост имрӯз…*

## ДАРАИ МУХТОР

Зодгоҳи Восеъи бузургвор дар ин лаҳза тарҳу симои дигар гирифтааст. Дар даштиҳои канори роҳи афсалтпӯши нав садҳо мошинҳои хурду калон бо тартиби муайян гузошта шудаанд. Рафтуомад ҳамоно идома дорад. Чун аз баландӣ нигарӣ туту олучабандак, гелосу олуча, себу муруд ва даҳҳо намуди дарахтон бо неъматҳои ҷангалҳои гирду атроф бо равуои одамони зиёд якҷоя шуда ба табиати дараи афсонавӣ ҳусни дагир зам мекунанд.

Дараи Мухтор имрӯз дар ҳақиқат биҳишти афсонавиро пеши назар меоварад.

Ду чанори маркази ҷашнгоҳ хаёлан гӯё буданд. Ин дастниҳолони падари Восеъи Шакарбаҳодури Белак шоҳиди безабони бисёр айёмҳои пурҳаводисанд. Имрӯз гӯё онҳо аҳли ҷамъомадагонро, ки ба хотираи истиқболи садумин солгарди шӯриши халқ бо роҳбарии Восеъи Дараимухторӣ омадаанд, хайрамақдам мегӯянд. Дирӯзу имрӯз ва ҳатто сад солаҳо гузаштаро бо имрӯз мепайванданд. Хамин, ки вориди ҷашнгоҳ гаштӣ, аввал чашми кас ба силсилаи расмҳои калон кардашуда, ки аз натиҷаи походи «Бо пайроҳаҳои Восеъ ва Восеътанон» дар лавҳаҳои наҷиби тахтагин маҳкам карда шудаанд, мерасад. Ин амали нек ба меҳнату ғайрати нависанда Раҳмон Сафар алоқаи зич дорад.

Дар зери қушачинори бузург, дар ҳавлии қаҳрамони халқ сарвари шӯриш, марди майдону ҳунар Восеъи бузургвор нимпайкараи қаҳрамон дар дохили пардаи сафед истодааст.

Нимпайкараро ҳайкалтароши номӣ Иванов бо як маҳорати баланд тайёр кардааст. Он тарафтар аз он нусхаҳои хонаҳои қадимаи Восеъ дар назди садаи пири ҳамасри қаҳрамон ба ҳусни ин пораи замини зебо ҳусн меафзояд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳамин, ки аз он дарвозаи садаи қадима даромадӣ, анбӯҳи мардум, ки ҳалқавор гирди лавҳаи ёдгории зери чинорҳоро печонидаанд, мебинӣ. Дар байни меҳмонон ва умуман мардуми зиёди ба ҷашномада ситораҳои илму абад ва фарҳанги тоҷик академики АУ собиқ СССР Муҳаммад Осимӣ, яке аз аввалин тадқиқотчиҳои Шӯриши Восеъ, академики АУ Тоҷикистон профессор Баҳодур Искандаров, фолклоршиноси маъруф Асаъадулло Сӯфиев, шоирони номӣ Аскар Ҳаким, Салимшо Ҳалимшо, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Сафармӯҳаммад Аюбӣ, Ашӯр Сафар, Муҳаммад Ғоиб, нависандаҳо Раҳмон Сафар, Абдулаҳмид Самад, Яъқуби Ҳикматулло, Сайф Раҳим, Раҷаб Мардон, шоирони халқ Саидаҳмади Карим, Хол Ислом, Қурбоналӣ Раҷаб, бисёр олимону адибон, рӯзноманигорон намояндаҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ ва меҳмонони дигари олиқадр меистоданд. Ҳама интизори оғози ҷашни пуршукӯҳ, садсолагии Шӯриши Восеъ, кӯшодани лавҳаи ёдгорӣ, ташнаи дидори қаҳрамон. Лаҳзае садои табиии микрофон атрофро ором намуд. Хомӯшӣ ҳукумфармо шуд. Ба назди микрофон котиби Кумитаи ҳизбии ноҳия Саидмурод Тағоев, ки дар арафаи ҷашнгирии ин ид ба ин вазифа омада буд, баромад. Ӯ маҷлиси тантанавиро бо сухани муқаддимавию кафкӯбиҳои зиёду пурмавҷи ҳозирин кушода, аз ҷумла гуфт:

— Имрӯз сарзамини Ховалинг тӯй дорад. Истиқболи ҷашни садсолагии Шӯриши Восеъ барои тамоми мардуми тоҷик ба иди миллӣ табдил ёфтааст. Дар тамоми корхонаву муассиса ва коллективҳои меҳнатӣ кор зарбдорона ҷӯш мезанад.

Имрӯз мардум бо дастовезҳои меҳнатӣ ба ҷашнгоҳ омадаанд. Восеъ байрақбардори муборизаи мардуми кӯҳистон дар ҳифзи номус, нанг ва озодӣ буд. Гулхани афрухтаи Восеъ дар Сурхсоқова на танҳо рамзу ишораи шафақи озодӣ буд, балки дар дили халқи тоҷик оташи мубориза парварид. Дар ин мубориза деҳқонони тоҷик шикаст хӯрда бошанд ҳам, ин шикаст дарси ибрати мардуми озодипарст буд.

Аввалин инқилобчиёни Ховалинг Мирҷон Акбаров, Мирзотӯра Раҳимов, Камол Қурбонов ва даҳҳо дигарон корнамоиҳои Восеъро идома доданд.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

Дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ низ корнамоиҳои мардуми мо бо шуҷоати Восеъ алоқаи зич дошт. Ҷанговарон ҳангоми рафтан ба ҳимояи Ватан бо номи Восеъ қасам мехӯрданд. Ҷавонони имрӯзаи Ховалинг низ аз қаҳрамониҳову далериҳои бобои худ - Восеъ ифтихору сари баланд доранд…

Сухан ба яке аз аввалин тадқиқотчиҳои Шӯриши Восеъ, академик Баҳодур Искандаров дода шуд. Ӯ дар равиши суханонаш аз таърихи пурҷилову куҳани мардуми тоҷик мухтасар ёдоварӣ намуда, оиди сабабҳои сар задани шӯриши Восеъ ҳарф зад. Аз ҷумла, қайд намуд, ки шӯриши Восеъ муборизаи мазлумон ба золимон, муборизаи деҳқонон ба амалдорон буд. Қайдгирии ин ҷашни фархунда, ҷиҳати бузурги инсондӯстиву тарбиявӣ дорад.

Ӯ гузаштаву имрӯзаи ин сарзамини кӯчаки кишвари тоҷикро хеле возеҳ шаҳр дод…

Ҷилави сухан ба яке аз мардони шуҷоъ, иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ, аввалин дорандаи ордени Суворов аз тоҷикон, писари ҳамнабарди Восеъ - Карими Шариф, шоири халқ, Корманди Хизматнишондодаи Маданияти Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидаҳмади Карим дода шуд.

Бобои Саидаҳмади Карим либосҳои ҳарбӣ ба тан камарбанд дар миён, чун низомиёни ҳақиқӣ, лейтенанти калон аҷаб ташнаи ҷашнгирии ин иди пуршукӯҳ буд. Ӯ аввалан ба ҳизбу ҳукумат, ба онҳое, ки барои ҷашнгирии Шӯриши Восеъ сайъ намудаанд, сипосгузорӣ намуд. Пас, аз ҷумла қайд кард:

«Пеш аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ ман мактаби ҳарбиро тамом карда будам. Соли 1936 дар чанд озмунҳои ҳарбӣ ғолиб омадам. Ҳатто ҳамчун ғолиби озмуни шамшерзанӣ соли 1936 аз С.Будёный мукофоту грамата доштам. Маро брон дода ба фронт набурдаанд. Ман ариза навиштам, ки бобои ман Восеъ, ки тамоман аз илми ҳарбӣ хабар надошт, ба як тактикаи ҳарбии худ, мири Балҷувонро шикаст дод. Душманашро мавҳ намуд. Ман ки илми ҳарбӣ дорам, чаро дар ақибгоҳ монам? Барои ҳамин ба аспи афсонавиам «Гули бодом» («Цветок мендал») то ба дарёи Одери Германия рафтам. Аспам дар соҳили дарёи Одер тир хӯрда мурд. Ҷангро идома додам. То худи Берлин ҷангкунон рафтам. Ба мо, ҷавонон, ҳамон



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

вақт хотири Восеъ ва корнамоиҳои ӯ рӯҳу дармон мебахшид. Имрӯз низ бояд ҷавонон ҳар корро бо номи бобои қаҳрамони худ- Восеъ оғоз намоянд. Бо номи ӯ сазовор бошанд…

Риштаи сухан ба муаллифи ин сатрҳо - директори мактаби миёни рақами 3, иштирокчии саёҳати «Бо пайроҳаҳои Восеъ ва Восеътанон» дода шуд. Ӯ зимни суханронӣ аз зиёрати мазорҳои ҳазорҳо фиристодагони мардуми тоҷик ба Ҷанги Бузурги Ватанӣ, дидани оромгоҳу набардгоҳҳои онҳо ёдоварӣ намуд.

Қайд кард, ки саёҳатчиёни мо дар равиши саёҳат ба 7 ҷумҳурӣ, 15 шаҳр ва бисёр деҳу вилоятҳои ҷумҳуриҳои Россия, Украина, Назди Балтик бисёр мазорҳои тоҷикон, аҷдодони Восеъи бузургвор, аз ҷумла оромгоҳҳои қаҳрамонони Иттиҳоди Шӯравӣ, Сафар Амиршоев, Саидқул Турдиев, Исмат Шарифов, ки падарони онҳо дар шӯриши Восеъ иштирок карда буданд, рафтанд. Корнамоиҳои ин мардони шуҷоъ албатта, давоми корнамоиҳои падарон, ба хусус қаҳрамониҳои Восеъи ҷасур аст.

Шоири Белорус Олег Грецкий ба забони равони тоҷикӣ сӯҳбаторой кард: Ман аз хурдӣ ошиқи забони форсу тоҷикам. Орзу мекардам, ки ин забони шаккаринро омӯзам. Ана чанд муддат аст, ки забони муқаддаси шуморо меомӯзам. Ҳоло хеле хуб ба форсӣ –тоҷикӣ ҳарф мезанам. Мехоҳам ҳаёту рӯҳи гузаштаву имрӯзаи мардуми шуморо ба миллати худ ошно созам. Ман китобҳои зиёде ба забони шумо хондам. Дар осори адабие ҳикмате бароям маъқул шуд, ки чунин аст: Инсон бояд дар зиндагӣ се чиз аноҷом бидиҳад: яке хона обод нигоҳ дорад, дарахти босамар бисабзонад ва фарзанди хуб тарбия кунад. Агар Восеъи қаҳрамон имрӯз зинда мебуд, медид, ки ворисони ӯ се амали муқаддасро ба некӣ наҷом додаанд. Фарзандони Восеъ имрӯз хонаи обод доранду боғҳои пурсамар ва фарзандони нерӯманду борӯманд…

Шоир Олег Грецкий дар фароварди суханаш шеъри Бозор Собир «Ватан»-ро хеле хубу дилкаш қироат намуд. Пас риштаи сухан ба собиқадори меҳнат, раиси колхози ба номи Ленини ноҳияи Восеъ Миралӣ Маҳмадалиев ва Саидаҳмади Карим барои кушодани нимпайкара дода шуд. Ин ду нафар мардони барӯманди диёр қайчӣ ба даст гирифта бо ҳавои кафкӯбиҳои пурмавҷ лентаи



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

лавҳаи ёдгориро бурида, пардаи сафедро кушоданд. Нимтанаи Восеъ - қаҳрамони халқи тоҷик намудор гашт. Ҳама ба ӯ дуру дароз дида дӯхта, кафкӯбӣ намуданд.

Навбати тамошо ва ё шиносоӣ ба Боғ-музеи Шӯриши Восеъ фаро расид. Дар ин бахши чорабинӣ муаллифи ин сатрҳо роҳбалад ва мутасаддӣ буд.

Қисми тантанавии тамошои Боғ-музеи Шӯриши Восеъ анҷом мепазируфт. Меҳмонони олиқадр дар китоби фикру мулоҳизаҳои тамошобинони музей соядаст гузашта, ба ташкилкунандагону саҳмдорони осорхона баҳои баланд медоданд. Зимнан устодон Муҳаммад Осимӣ, Баҳодур Искандаров ва дигарон миннатдории худро изҳор намуданд.

Зану мард, пиру барно ва умуман касоне, ки ба ҷашнвораи Шӯриши Восеъ омада буданд, дар дасти аксари онон гулдастаҳо ва дар чеҳраҳояшон хурсандӣ ҳувайдо буд. Зодгоҳу нимпайкараи Восеъро зиёрат карда, назди он гулгузорӣ менамуданд.

Дар Дараи Мухтор давоми ҷашн-сайру тамошо, зиёрату хушиву хурсандии мардум, равуо ҳамонон идома дошт.

Кафкӯбиҳои пурмавҷ идома меёфт. Барранда меҳмоноро ба тамошои Бог-музеи Шӯриши Восеъ даъват кард. Лентаи Музеи Шӯриши Восеъро академик М.Осимӣ кушод. Дар ин равиши ҷашн меҳмононро банда (директории мактаби миёнаи №3-и ноҳия А.Саидов) ба Боғ-музеи Шӯриши Восеъ, бахусус хонаву ҷой, Замини ҳазормана, ҷойи аз мошинҳои сода истифодабарии Восеъ, ҷойҳои ҷувози Восеъ, бозикунии кӯдакони Восеъ-Ҳасан, Давлат, Гулизору Носир бо дигарон, дарахтони таърихӣ, дохили бинои музей шинос намудам. Ҳар як ёдгориро ба меҳмонон муаррифӣ намуда ба саволҳои онҳо ҷавоби пурра медодам.

Ҳамин тавр, Музеи Шӯриши Восеъ, ки аз чаҳор хонаи калон ва долони дарози пур аз нигораҳо иборат буд, диққати ҳозиринро ба худ ҷалб менамуд.

Дар ҳар як ёдгорӣ, ба хусус асбобу анҷоми ҷувозкашӣ пашмшапӣ, халлоҷӣ, ресмонресӣ, бурё гилем, намад ва бисёр асбобҳои ҷагиву рӯзғрдории дигари ҳамзамонони қаҳрамон таърих, фарҳанг,



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

санъат, далериву ҷасурӣ ва бисёр заҳматҳои неки инсонӣ дар гуфтор буданд.

Дар тайёр кардани мусаввараҳову ҷобаҷокунии ёдгориҳо ва умуман ҷиҳозонидани ин осорхонаи бошукӯҳ саҳми расомони душанбегӣ бо сарварии муаллими омӯзишгоҳи рассомии ҷумҳурӣ Зиёратшоҳ Довудов калон аст. Онҳо ҳар яу гӯшаи табиии Ховалинг, ба хусус Дараи Мухторро ба тасвир дода расмҳои наҷибе офаридаанд, ки деворҳои музейро аз ҳар иҷиҳат зебову пурмаънӣ менамоянд...

## ДАР ЧОЙХОНАИ «ГУЛИЗОР»

Чойхонаи «Гулизор» дар маркази хоҷагии ба номи Восеъ, деҳаи Шеҳмизон, дар масофаи тақрибан 3 километр ҷанубтари Дараи Мухтор дар лаби ҳавзи таърихии «Буттагардон» воқеъ мебошад.

Дар шафати чойхона, дар назди бинои хоҷагии ба номи Восеъ нимпайкараи қаҳрамон аллакай тайёр ва ба матоъи сафед печонида шудааст.

Инак, мо дар маркази хоҷагии ба номи Восеъ, хоҷагие, ки 100 сол пеш Восеъи бузургвор дар заминҳои он гом мезад, кишт мекард, равуо дошт...

Маркази хоҷагӣ серодам буд. Чойхонаи навсохти наҷибу пурнақшу нигори «Гулизор» одамони зиёдеро истиқбол мегирифт. Табиати атроф, бахусус табиати ҳавзи «Буттагардон»-и таърихии пурасрор бо равуои мардуми либоси идона бар тан, ба мошинҳои зиёди гуногунранг ва неъматҳои боғоти атроф якҷоя шуда, ба кас ҳаловат мебахшид. Устоҳои гулдасти хоҷагии ба номи Восеъ, аз ҷумла Усто Ҳусайн Раҳимов бо роҳбарии раис Абдуллохоҷа Ғоибназаров ин чойхонаро ба шакли табиӣ сохтанд. Гӯё ба қолини рангини табиати атрофи ҳавз танҳо чойхонаи барҳавою пурнақшу нигоре камӣ мекард.

Кош, Гулизор зинда мешуду ин чойхонаи зебои ба номаш гузоштаро медид...



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Ҳама ҳозирон маътали омадани меҳмонон буданд. Дар лабони мардум табассум гул мекард. Интизорӣ ба охир расид. Корвони мошинҳои зиёди меҳмонон низ омаданд.

Дар назди чойхона «Гулизор» ва саҳни идораҳои совхози ба номи Восеъ ҷамъомадҳои кӯтоҳаку хосае баргузор гаштанд. Лентаи чойхонаи «Гулизор» ва пардаи болои нимпайкараи қаҳрамонро шахсони муътабар буридаву кушоданд.

Дар назди нимпайкараи қаҳрамони халқ ва чойхонаи «Гулизор» ҳамоно равуо идома дошт. Меҳмонони зиёд нимпайкараро зиёрат карда, назди он гулдаста мегузоштанд. Ба чойхона омада ба зинапояҳои бостонӣ, ба қавле чилзина поён, назди ҳавз омада атрофи онро тамошо мекарданд ва боз рӯ ҷониби чойхонаи «Гулизор» боло мебаромаданд.

Дар чойхона намудҳои гуногуни хӯрокиҳо ва чойҳо барои мардум тайёр буданд. Сайр дар ин нуқтаи ҷашнгоҳ ҳамоно давом дошт…

## ДАР ХИЁБОНИ ВОСЕЪ

Ҳамаи меҳмонон ба хиёбони Восеъи маркази ноҳия раҳсипор шуданд. Дар даромадгоҳи хиёбон дар дастурхонҳои мизбонон даҳҳо намуд анвои хӯрокиҳо: кулчаву нонҳои ҳархела, ширинӣ, ангуру себҳои гуногун, тарбузу харбуза ва ғайра гузошта шуда буданд. Мардум меҳмононро бо нону намак пешвоз мегитрифтанд.

Меҳмонон аз Зарафшону Бадахшон, Хуҷанду Вахшонзамин ва дигар гушаву канорҳои Ватанамон ба амали неки мизбонон баҳои баланд медодоанд.

Дар саргаҳи хиёбон, дар шафати фурудгоҳи ҳавои нимпайкараи бузурге бо матои сафед печонида шуда буд. Гирди ин ёдгориро низ анбӯҳи зиёди одамон печонида гирифта буданд. Ҳама чашм ба интизории меҳмонон доштанд.

Дар ин ҷо ҷамъомаде барпо гашт. Ҷамъомадро котиби якуми кумитаим ҳизби ноҳия С.Тағоев кушод.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Сухани нахустин ба муҳаррири ҳафтавори «Адабиёт ва санъат» Аскар Ҳаким дода шуд. Аскар Ҳаким ба сухан баромада аҳли маҷлисро ба ин ҷашни бошукӯҳ - садумин солгарди Шӯриши Восеъ самимона табрик намуда, дар фароварди суханаш шуъри нави худро дар ситоиши Ватан қироат кард.

Пас, абераи Восеъ Раҷабалӣ Камолов давоми суханро гирифт. Ӯ аз ҷумла гуфт: Имрӯз авлодони Восеъ беш аз 200 нафарро ташкил медимҳанд. Аслан қариб ҳамаи мардуми Ховалинг авлодони Восеъ ба шумор меравaнд. Чун ки аксари мардуми ин ҷо ба қавмҳои Восеъ хешутаборӣ доранд. Ҳамаи мо аз бобои қаҳрамони худ ифтихор дорем.

Мо, авлодони Восеъ аввалан ҳамаи шумоёнро ба ин ҷашнвора хайрмақдам мегӯем.

Ба устод Сотим Улуғзода барои дуюмбора зинда гардонидани қаҳрамони халқи тоҷик - Восеъ дар романи “Восеъ”-аш изҳори миннатдорӣ намуда, ба ҳизбу ҳукумати ҷумҳуриву ноҳия ва онҳое, ки дар ин иди пуршукӯҳ саҳм доранд, ташаккури самимии худро изҳор менамоем.

Мо ваъда медиҳем, ки бо номи бобои қаҳрамони худ сазовор бошем...

Пас, бо кафкӯбиҳои зиёде парда аз болои ёдгорӣ кушода гашт. Ҳайкали қаҳрамони халқи тоҷик намудор шуд. Ҳамоно мардум ба нимпайкара дида медӯхту кафкӯбӣ мекард. Дар охири ҷамъомад ҷонишини раиси комиҷроияи ноҳия Т.Қ.Назаров ба сухан баромада ҳозиринро хайрамақдам гуфта, ба ҳайкалтарошон А.Иванов ва С. Строганов ва чанде дигарон, ки дар таҷлили ин ҷашн саҳми арзанда доштанд, ифтихорномаҳо тақдим намуд.

Сипас, барранда ҳамаи мардумро ба намоиши театрикунонидашудаву консерт, ба назди варзишгоҳи шафати хиёбони ба номи Восеъ даъват намуд. Ҳама роҳро пеш гирифтанд.

## ДАР ТЕАТРИ ИДОНА

Имрӯз майдон намуди дигар гирифта буд. Саҳнаи навсохти васеъи он наҷиб менамуд. Аз пушти саҳна дар баландӣ расми



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

манзаравии Восеъи шамшербадаст рӯ ҷониби мардум гӯё ба атроф наззора мекард.

Издиҳоми мардум меафзуд. Майдони гирди васеъ ва саҳнаи пешорӯ бо расми гӯёи Восеъ ҳамон шӯриши садсол муқаддам гузаштаи мардум бо роҳбарии Восеъро пеши назар меовард.

Дар як гӯшаи майдон олимону донишмандон, шоирону нависандагон, рӯзноманигорону дигар меҳмонони арҷманд нишаста буданд.

Ҳама ба саҳна дида медӯхт.

Аввало чун ширу шакар консерту баромади меҳмонон оғоз ёфт.

Ровиён: мудири шӯъбаи идеологии кумитаи ҳизби ноҳия Зафар Мирзоев ва муаллимаи мактаби миёнаи рақами 2 Ҳарамгул Мискинова базмро оғоз карданд. Баробари иҷрои як суруд ё рақс ба меҳмонон сухан дода мешуд.

Дар базм шоирон Аскар Ҳаким, Ашӯр Сафар, П.Амирбеков, Қурбоналӣ Раҷаб ва бисёр дигарон ба сухан баромада, бо ҳарорат ҳарф зада, порчаҳо аз ашъорашон қироат карданд. Санъаткорони маҳаллӣ Меҳрӣ Пираҳмадова, Ойгул Абдураҳимова, Қурбон Мирзоев, С.Тоҳиров, Ҳ.Ризқуллоев, С.Раҳимова ва чанде дигарон бо суруду рақсҳои муъҷазу дилфиреби худ хотири ҳозиронро шод намуданд.

Дар равиши базм ҷавонои варзишгари Ховалинг Ш.Умаров, А. Одинаев С.Обидов,Н. Одинаев Ф.Ҳафизов, Ш.Қиёмов Н.Миров, Т.Шарифов ва дигарон аз қуллаи Сурхсақова, ки шаб дар ҷои гулхани таърихии Восеъ гулхане аланга мезад, аз он ҷо давида ба машъали дасти худ машъали Восеъро фурӯзон намуданд.

Пас, ба саҳна собиқадорони ҷангу меҳнат, дорандаи ордени Суворов Саидаҳмади Карим, дорандаи ду ордени Шараф Муродалӣ Маҳмадалиев, М.Шерализода, С.Одинаев, С. Рустамов, П.Бобохонов, Б.Саидов, С.Каримов, С.Табаров ва дигарон ба саҳна баромаданд.

Дар ин лаҳза намоиши театрикунонидашудаи «Шӯриши Восеъ» оғоз шуд.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Намоиш бо қалами шоир Сафармуҳаммад Аюбӣ тааллуқ дошт. Дар он санъаткорон маҳорати баланд нишон доданд. Бахусус нақши Восеъ (дар нақш корманди шӯъбаи маданияти ноҳия Субҳон Саидов) ва Гулизор (дар нақши Гулизор ҳамшираи тиббӣ Паригул Раҷабова, духтари шоири Қурбоналӣ Раҷаб) хеле табиӣ офарида шуда буд. Махсусан ҳангоми иҷрои суруди «Вой алами Гулизор» ашк дар чашмони бисёриҳо ҳалқа мезад.

Нақшҳои деҳқон (дар нақши Ҳ. Ризқуллоев) закотчӣ (А. Абдураҳимов), мири Балҷувон (Н. Одинаев) ва дигарон наҷиб буданд.

Ҳангоми поёнёбии намоиши театрикунонидашуда қатори мошинҳо ба майдон омаданд.. Дар болои мошинҳо (КАМАЗ-ҳо), ки чун хонаҳои имрӯза бо чодари гулдӯзӣ ва лавозимоти ҳозиразамон ҷиҳозонида шуда буданд, модарон меистоданд, ки писарони онҳо дар арафаи 100 солаги Шӯриши Восеъ таваллуд ёфтаанд. Аз ҷумла Восеъ Саидов, Восеъ Салимов, Восеъ Тағоев, Восеъ Каримов, Восеъ Сафаров буданд. Восеъҳо ҳоло (соли 2008) ба 20 солагӣ қадам монда, дар донишгоҳу донишкадаҳои ҷумҳуриамон таҳсил менамоянд...

Барномаи ҷашнгирии 100 солагии Шӯриши Восеъ ба охир расид. Ҳамоно равуо ва сайру гашт идома дошт.

Тамоми чорабинии ҷашни фархундаи 100 солагии Шӯриши Восеъро рӯзноманигорону наворгирандагон аз вилояту ҷумҳурӣ бо худ сабт намуда, ба мардуми кишвар шунавониданд ва намоиш доданд.

Пас аз ҷашни мазкур дар аксар рӯзномаву маҷаллаҳои вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ хабару мақола, гузоришу расмҳо ба табъ расиданд...

Дар равиши сафар ҳангоми аз як шаҳр ба шаҳри дигар рафтанамон ба штаби ҷашни 100 солагии шӯриши Восеъ, ба Ховалинг аз рафти корҳоямон барқияҳо мефиристодем ва онҳо дар рӯзномаи ноҳиявии «Коммунисти Ховалинг» мунтазам ба табъ мерасиданд…



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# БА ХОТИРИ ҚАҲРАМОНИ ХАЛҚ

Восеъ тақрибан солҳои 1845-1847 дар деҳаи Дараи Мухтори Ховалинг таваллуд ёфта, ба камол расидааст. Ӯ хамчун сарвари шӯриши соли 1888 дар Шаҳрисабз шаҳодат ёфтааст.

Падараш Шакар Баҳодур ва бобояш Белак ном доштанд. Восеъ дар зодгоҳаш бо номҳои Абдулвосеъ ва Мулловосеъ шӯҳрат дошт. Чун падару бобояш баҳору тобистон ба деҳқонӣ шуғл варзида зимистон ба ҷувозкашӣ машғул мешуд.

Баъди пахш намудани шӯриши халқ бо сарварии Восеъ дар васфи Восеву ҳамнабардҳои ӯ мардум ривоят, шеъру сурудҳо ва достонҳои зиёде офаридаанд. Чакидаҳои зерин аз ҷумлаи онҳост:

*Восеъ ғазост имрӯз,*
*Ҷон мубталост имрӯз.*
*Ғавғои рӯзи маҳшар,*
*Бар фақирост имрӯз.*

*Восеъ буд сабзина рӯ,*
*Одами калони чор паҳлӯ.*
*Сарбозоро зад ҳар сӯ,*
*Восеъ марди майдонай.*

*Замину замон ларзонай,*
*Бегу қозӣ ҳайронай.*
*Восеъ даромад дар майдон,*
*Монанди шерри жаён.*

*Хонаи миро кард вайрон,*
*Ай ҷавру зулми мирон,*
*Гардида мулк вайрон,*
*Ҷазир гаштанд фақирон…*

Баъдтар омӯзишу таҳқиқоти Шӯриши Восеъ ҷараён ёфт. Дар бораи Восеъ ва исёнаш аввалин асарҳо офарида шудаанд. Абду-



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

рауф Фитрат қиссаи шӯриши Восеъро охири солҳои 20 навишт. Адибони номии тоҷик Абдусалом Деҳотӣ ва Мирзо Турсунзода бо номи «Шӯриши Восеъ» аввалин шуда либретои операи «Восеъ»-ро навиштаанд (соли 1949). Сотим Улуғзода солҳои 60-ум зодгоҳу набардгоҳҳои қаҳрамонро дид ва бо пайвандону наздикони Восеъ вохӯрд. Ба мӯйсафедони маҳаллӣ сӯҳбат кард. Дар натиҷаи заҳматҳои хеле гарон романи таърихии «Восеъ»-ро (соли 1967) офарид. Восеъро дуюмбора зинда кард.

Дар васфи Восеъ ва ҳаммаслакони ӯ бисёр олимони тоҷик тадқиқотҳо анҷом доданд. Академикҳо Бобоҷон Ғафуров, Баҳодур Искандаров аз ҷумлаи онҳоанд.

Солҳои 30 дар рӯзномаву маҷалла ва китобҳои дарсӣ намунаҳо аз эҷодиёти мардум дар бораи Шӯриши Восеъ дарҷ ёфтанд.

Маҷмӯъаи нахустини халқӣ бо номи «Адабиёти даҳанакӣ» (Сталинобод- Самарқанд, 1934) аз чоп баромад, ки дар он боби «Таронаҳои халқ дар хусуси Восеъ» иборат аз 18 банд дарҷ шуда буд.

Соли 1941 китоби Лутфулло Бузургзода ва Раҷабалӣ Ҷалилов «Инъикоси Шӯриши Восеъ дар фолклор» (Сталинобод-Ленинград, 1941) аз чоп баромад.

Солҳои гуногун дар матбуоти тоҷик бисёр мақола, шеъру сурудҳо нашр шудаанд.

Соли 1985 китоби донишманди тоҷик Баҳром Шермуҳаммадов ба унвони «Восеънома» нашр гардид. «Восеънома» натиҷаи ҷустуҷӯ ва тадқиқотҳои тӯлонии муаллиф буд. Ва он дар байни хонандагон эътибори хоса пайдо кард.

Боиси қайд аст, ки яке аз аввалинҳо шуда соли 1931 С.Раҳимӣ миқдори зиёди сурудҳои халқиро ҷамъ намуда, ба табъ расонид. Соли 1931 Бинаш ва Муродзода аз даҳони мардум сурудҳо ва нақлу ривоятҳои зиёде навиштанд.

Муҳаққиқон Л.Бузургзода ва Р.Ҷалилов дар бораи Шӯриши Восеъ корҳои зиёде ба сомон расонидаанд.

Шуҷоати Восеъ диққати адибони тоҷикро низ ба худ кашидааст. Симои Восеъ дар эҷодиёти адибон чун рамзи далериву



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

мардонагӣ, дарёдиливу душманбадбинӣ, ватандӯстиву халқдӯстӣ дар солҳои гуногун акс ёфтааст.

Аз ҷумла шоирони зерин дар бораи Восеъ шеъру достонҳо ба қалам додаанд:

Ғаффор Мирзо («Шаршараи Восеъ» ва «Рӯҳи Восеъ»), Мӯъмин Қаноат («Қатли Восеъ»), Басир Расо («Қадамгоҳи Восеъ»), Ҳабибулло Файзулло («Суруди Дарё»), Мастон Шералӣ («Ҳайкали Восеъ»), Гулназар («Дар баҳорон») ва ғайраҳо...

Шоирони халқ, ҳамдиёрони қаҳрамон Бобоюнус Худойдодзода, Қурбоналӣ Раҷаб, Саидаҳмади Карим, Хол Ислом ва дигарон низ дар васфи Восеъи ҷасур шеъру достонҳо эҷод намудаанд.

Адибони муосири маҳаллӣ ҳам дар васфи Восеъ шеърҳои зиёде гуфтаанд...

Дар арафаи ҷашнгирии 100 солагии Шӯриши Восеъ дар матбуоти маҳалливу ҷумҳуриявӣ шеъру достонҳо, нақлу ривоят, мақолаву маводҳои зиёде оиди Восеъи бузургвор ва шӯриши халқ бо роҳбарии ӯ акс ёфтанд, ки тавассути онҳо (сарфи назар аз баъзе таҳрифҳо) бисёр паҳлӯҳои норавшани Шӯриши Восеъ васеътар фурӯзон гаштааст.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

# БА ПОЯИ ХОТИРИ ВОСЕЪ

Халқ хотираи қаҳрамони худро пос медорад. Бо ному ори Восеъ ҳар як фарди тоҷик ифтихор дорад.

Имрӯз бо номи қаҳрамон ноҳия дар вилояти Хатлон аст. Ноҳияи Восеъ то 20 сентябри соли 1961 Арал ном дошт, 19 августи соли 1957 ташкил ёфта буд...

Ноҳияи Восеъ дар нишебии ҷануби шарқии қаторкӯҳҳои Вахш воқеъ мебошад. Аз маркази ноҳия то ба зодгоҳи Восеъ - Дараи Мухтори Ховалинг 100 километр, то шаҳри Кӯлоб, 18 километр ва то шаҳри Душанбе 184 километр дурӣ аст...

## ШАҲРАКИ ВОСЕЪ

Шаҳраки Восеъ 29 августи соли 1964 номи маркази ноҳияро гирифт. Ҳоло шаҳраки Восеъ бештар аз 10 ҳазор нафар аҳолӣ дорад.

Восеъобод, деҳа дар Ҷамоати Меҳнатободи собиқ колхози «Москва»-и ноҳияи Восеъ. Аз Восеъобод то шаҳраки Восеъ бештар аз 5 километр масофа аст.

Восеъободи калон, деҳа, маркази Ҷамоати Меҳнатободи ноҳияи Восеъ. Масоҳат аз Восеъободи калон то маркази ноҳия 6 километр мебошад.

## ХОҶАГИИ БА НОМИ ВОСЕЪ

Ин хоҷагӣ соли 1976 дар заминаи совхози «Ховалинг» ташкил ёфт. Ҳудуди калонро дар бар мегирад. Соҳаи асосии хоҷагӣ чорводориву зироаткорист.

Хоҷагии ба номи Восеъро аз маркази ноҳияи Ховалинг дарёчаи Оби Мазор ҷудо мекунад. Маркази хоҷагӣ деҳаи Шехмизон мебошад. Хоҷагии мазкур соли 1998 номи Ассотсиатсияи иҷоракоронаи ба номи Восеъ ва соли 2004 номи хоҷагии иҷоравии ба номи Восеъро гирифтааст.



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

Барои пос доштани хотираи қаҳрамони халқи тоҷик Восеъ дар маркази ноҳияи Восеъ пайкараи азимеро Игор Иванов офаридааст. Дар назди идораи собиқ совхози ба номи Восеъ, дар Дараи Мухтор - зодгоҳи қаҳрамон, дар саргаҳи хиёбони ба номи Восеъ воқеъ дар маркази ноҳияи Ховалинг - дар назди фурудгоҳи ҳавоӣ нимпайкараҳо гузошта шудааст. Ҳамаи нимпайкараҳоро ҳайкалтароши ҷавон Игор Иванов (соли 1988) офарида аст.

Дар арафаи ҷашнгирии 100 солагии Шӯриши Восеъ рассомони тоҷик як силсила асарҳо эҷод намудаанд. «Исёни Восеъ» ва асари дугонаи «Шӯриши Восеъ»-и рассоми номии тоҷик Лауреати мукофоти комсомоли ленинии Тоҷикистон Сабзаалӣ Шарифов аз ҷумлаи онҳост.

Бо ташаббуси кормандони музеи ҷумҳуриявии муттаҳидаи таърихиву кишваршиносӣ ва санъати ба номи Беҳзод дар арафаи ҷашни 100 солагии Шӯриши Восеъ намоиши сайёр дар мавзӯи «Саҳифаҳои фаромӯшнашавандаи таърихи халқи тоҷик» дар Қасри маданияти шаҳри Кӯлоб баргузор гашт. Дар намоиш бештар аз 150 нигора ба ёдбуди қаҳрамони халқи тоҷик Восеъ гузошта шуда буд.

Бахшида ба садумин солгарди Исёни Восеъ ду намуди нишонҳои сари синагии Восеъ бароварда шуд. Дар якеи онҳо симои Восеъ бо шамшераш акс меёфт..

Ҷашни 100 солагии Шӯриши Восеъ бо қарори махсуси ҳизбу Ҳукумати Тоҷикистон дар соли 1988 дар ҷумҳурӣ бо тантана қайд карда шуд.

Ба ин муносибат 2 сентябри соли 1988 дар шаҳри Душанбе ва 28 августи соли 1988 100 солагии шӯриши Восеъ дар зодгоҳаш-Ховалинг бо тантана ҷашн гирифта шуд.

Дар ин рӯз чойхонаҳои «Гулизор» дар совхози ба номи Восеъ, Боғ-музей, Шӯриши Восеъ дар Дараи Мухтор, нимпайкараҳои қаҳрамон дар совхози ба номи Восеъ ва хиёбони ба номи Восеъ дар Дараи Мухтор кушода шудаанд.

Бахшида ба 100 солагии Шӯриши Восеъ бо қарори махсуси ҳукумат аз 27 июл то 27 августи соли 1988 дар ҳайати даҳ нафар саёҳат ташкил ёфт. Саёҳат «Бо пайраҳаҳои Восеъ ва Восеътанон»



барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

ном дошт ва ба он нависанда Раҳмон Сафар сарварӣ мекард, Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ Ҳайдар Қосимов аз ҷумлаи аъзоёни он саёҳат буд.

Мақсад аз зиёрати оромгоҳи қаҳрамонҳои Иттиҳоди Шӯравӣ Исмат Шарифов, Сафар Амиршоев, Саидқул Турдиев иборат буд, ки падару бобоҳои онҳо дар шӯриши Восеъ ширкат намуда буданд.

Саёҳатчиён ба 7 Ҷумҳурӣ: аз ҷумла Русия, Украина, Латвия, Литва, Эстония сафар карда, оромгоҳҳои ҳазорҳо тоҷиконро зиёрат намуданд.

Дар рӯзи ҷашн дар Дараи Мухтор намоиши бузурге аз натиҷаи саёҳат ба намоиш гузошта шуд…

Хулоса, ҳаёт, ҷасорату қаҳрамонӣ, мақсаду маром, нангу номус ва муборизаҳои Восеъ аз худшиносию худогоҳӣ, ғуруру ифтихори миллӣ ва ватандустию инсондӯстии ӯ дарак дода, барои халқу миллати худ, чашмонаш кушода, далеру қаҳрамонона ҷон доданаш бузургист.

... Ӯ намемирад. Меҳру муҳаббат ва қаҳрамониҳояш дар замиру дидаи мардуми тоҷик маъво гирифта, аз аср ба аср ва аз дил ба дилҳо мегузарад...

барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед

# МУНДАРИҶА

Сарсухан ........ 3
Аз муаллиф ........ 6
**Дар Уляновск**. «Восеъ» дар музеи Улянов ........ 9
Дар ҳалқаи мактабиён ........ 12
Тӯй дар «РСС Тоҷикистон» ........ 13
Дар тарабхонаи «Венец» ........ 16
Фаромӯш шудани портрети Восеъ ........ 17
**Ленинград (Санкт-Петербург).** Дар қабристони Пскаревск ........ 19
**Дар Ҷумҳурии Латвия**. Аз паи ҷустуҷӯи оромгоҳи қаҳрамон ........ 23
Оромгоҳи Исмат Шарифов ........ 26
Ҷашни зодрӯз дар Юрмала ........ 31
**Ҷумҳурии Литва**. Дар Вилнюс ........ 34
Дар гарнизони шаҳр ........ 35
Мазори Антакалнис ........ 36
Жижмаряй - Оромгоҳи Сафар Амиршоев ........ 37
Вохӯрии «Восеъ» бо «Сафар Амиршоев» ........ 39
Деҳаҳо ободу мардум шод ........ 42
**Дар Ҷумҳурии Украина**. Лаҳзаҳое дар гӯристони «Байково» ........ 45
**Муҳорибаи Курск**. Дар мазори Исмоил Ҳамзаалиев ........ 49
Дар роҳ ........ 51
Дар набардгоҳҳои танкӣ ........ 53
«Баландии 226,6» ........ 54
Ҳавзи Асрор ........ 56
Дар деҳаи Карташовка ........ 57
**Шаҳри Қаҳрамон**. Дар музеи Қувваҳои Мусаллаҳи ИҶШС ........ 60
Нигораи «№1098, 1944 № ВК.265» ........ 61
Вохӯрӣ дар идораи рӯзномаи «Красная Звезда» ........ 62
Шароpаҳои маҳфуми зиндагӣ. Бани одам аъзои якдигаранд ........ 65
Турбатсозӣ ҳам санъат аст ........ 65
Қадри шаҳид ку? ........ 67
**Ҷашни саид** ........ 69
Дараи Мухтор ........ 71
Дар чойхонаи «Гулизор» ........ 76
Дар хиёбони Восеъ ........ 77
Дар театри идона ........ 78
Ба хотири қаҳрамони халқ ........ 81
**Ба пояи хотири Восеъ** ........ 84
Шаҳраки Восеъ ........ 84
Хоҷагии ба номи Восеъ ........ 84

*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*

*Амир Сайиди Мункӣ*

# ПАЙВАНДИ ДИЛҲО

*Бо пайроҳаҳои Восеъ ва Восеътанон*


Муҳаррир: ***Раҷаб Мардон.***

Муҳаррири техникӣ: ***А. Мираҳмадов.***

Тарроҳ: ***Ф. Раҳимов.***

Мусаҳҳеҳ: ***Восеъ Сайидзода.***

Ба матбаа 20.03.2008 супорида шуд. Ба чоп 29.03.2008 имзо шуд. Андозаи $60x84^1/_{16}$. Коғази офсетӣ №1. Ҳуруфи адабӣ. Чопи офсет. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 5,5. Адади нашр 500 нусха. Супориши №14/08.

Нашриёти «*ЭҶОД*».
734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36.
Тел.: 221-95-43. E-mail: ejodfir@mail.ru.



*барои мутолиаи бештар ба сомонаи https://bikhon.tj/ муроҷиат намоед*